ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 372.881.116.11(575.3)
ББК: 81 (2 тоҷ.)
Н-19

Бо ҳуқуқи дастнавис

НАЗРИЕВА ҶАМИЛА МАҲМУДОВНА

# АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11 ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

**(дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони тоҷикӣ)**

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси - 5.3. Педагогика (5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
**Табаров Н. С.** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа

**Душанбе – 2026**

## Нақша:

Муқаддима........................................................................................3-19
**Боби 1. Проблемаҳои назарии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ..................................................20-66**
1.1. Таҳлил, ташхис ва ошкорсозии проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар назария ва амалияи педагогӣ........................................................................................20-39
1.2. Методикаи ташкили раванди таълими фанни забони русӣ ва дар ин замина ба эътибор гирифтани ҷиҳатҳои тарбиявии он.......................39-64
Хулосаи боби 1........................................................................................64-66
**Боби 2. Моҳияти методҳои тарбияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ.......................................................................................... 67-112**
2.1. Арзиши дарсҳои забони русӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ......................................67-88
2.2. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ.........................88-110
Хулосаи боби 2........................................................................................110-112
**Боби 3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайяну мушаххас сохтани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ........................................................................ 113-165**
3.1. Омода намудани амсилаи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ.......................112-131
3.2. Натиҷагирӣ аз раванди корҳои озмоишӣ барои ошкорсозии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ........................................................................................131-162
Хулосаи боби 3........................................................................................162-165
Худоса ва пешниҳод........................................................................166-174
Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда............................175-194
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ........................................................................194-195**

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ташаккули шахсияти созанда, ободкор ва равшанфикр тақозои замони имрӯза буда, роҳандозии ин раванд дар ҳамаи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ба манфиати кор мебошад. Дигаргуниҳои ҷаҳони муосир бори дигар собит сохта истодааст, ки ҷомеаи имрӯза дар соҳаи маориф ва тарбия ба тағйироти назаррас ниёз дошта, фароҳам овардани имкон барои татбиқи ин амал аз вазифаҳои муҳим муҳим арзёбӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки ҷаҳони имрӯза бо суръати кайҳонӣ рушд карда истодааст. Чунин пешрафти босуръат соҳаи маорифро фарогир мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши роҳу усули навин дар фаъолияти педагогӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни таълимӣ ҳангоми машғулиятҳо ва муҳайё кардани муҳити солиму созгор ҷиҳати ба пуррагӣ аз худ кардани муҳтавои мавзуи дарсӣ ба миён омадааст.

Мактаби муосир дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, афкори хонандагон оид ба масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ таъсиргузор буда, дар рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳми назаррас дорад. Яке аз фаннҳое, ки дар қатори дигар фанҳои таълимӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ таълим дода мешавад, фанни забони русӣ мебошад. Ин фан дар баробари соҳибмаърифаткунонии хонандагони синфҳои болоӣ, инчунин дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо низ тавассути матни асарҳои бадеӣ, шеъру ҳикмати шоиронаи нависандагону адибони сатҳи ҷаҳонӣ нақши назаррас дорад.

Илова бар ин, фанни забони русӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии ашхосе, ки меъёру қоидаҳо ва талаботи маънавию ахлоқии ҷамъиятӣ барояшон чун ақида, эътиқод ва ғояҳои шахсӣ мебошанд, саҳми беандоза дорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо бо боварии комил метавон гуфт, ки имрӯзҳо таълиму тарбия дар самти ташаккули фарҳангӣва маънавӣ-ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсили миёна аҳаммияти калон

дошта, фанни забони русӣ яке аз воситаҳои муассири расидан ба ин ҳадаф мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таълиму омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Зеро, агар аз як тараф, бо забонҳои русию англисӣ созишномаҳо ва шартномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ байни давлатҳо ба имзо расанд, аз тарафи дигар, фаъолияти минбаъдаи ҳар як шахс аз андозаи азхудкунии ин забонҳо вобастагии калон дорад.

Бо таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Забони русӣ барои тоҷикон забони дуюми модарӣ аст ва он барои ҷомеаи мо аҳаммияти бузурги на шиорӣ, балки воқеӣ дорад».

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати кишвар бо сарварии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба танзим даровардани низоми маориф дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас як қатор тадбирҳо ва чораҳои амалиро роҳандозӣ карда истодааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва ғайра аз ҷумлаи ин иқдомҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Воқеан, дарсҳои забони русӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11  нақши муассир дошта, барои ҳамоҳангсозии афкори онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми созгор доранд. Аз ин рӯ, таълими фанни забони русӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонадагони синфҳои 9-11  муҳим буда, ин раванд актуалӣ будани мавзуи мазкурро собит месозад.

**Сатҳи коркарди мавзуъ.** Гарчанде инкишофи зеҳнии хонандагон то андозае имрӯзҳо қаноаткунанда бошад ҳам, проблемаи тарбияи

маънавӣ-ахлоқии онҳо ба талаботи ҷомеа ҳамоҳанг нест. Аз ин рӯ, андешидани чораҳои муосири педагогӣ ва роҳандозии роҳҳои муассири танзимкунандаи раванди тарбияро ҷустан лозим аст. Моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар шароити кунунӣ муҳим арзёбӣ гардида, фаъолияти минбаъдаи самараноки онҳо дар ҳамин замина сурат мегирад.

Ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар корҳои файласуфон ба мисли, Г.В. Гегел [37], И. Кант [75], И.Г. Фихте [185]; файласуфони асри 20 - С.И. Гессен [38], Н.О. Лосский [101], Н.А. Бердяев [30] ва дигарон инъикос гардидааст.

Дар бораи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 чунин педагогҳо ба мисли, В. А. Сухомлинский [161], Н.М. Романенко [142], М.Н. Коротких [85], Ю.Г. Семёнов [148], И.Р. Сорокина [157], О.Ю. Сергеева [149], Л.М. Донченко [50] ва дигарон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Олимон ва мутаффакирони тоҷик низ дар бобати тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс, ҷаҳонбинӣ ва ташаккули сифатҳои ҳамидаи инсонӣ корҳои зиёдеро баанҷом расонидаанд. Аз ҷумла, С.Айнӣ [9], Н.С. Буриев [34], С.М. Саидмирова [146], М.Гулаҳмедов [44], М. Лутфуллоев [102], Н.С. Табаров [165], А. Умаров [172] ва дигарон.

Дар муддати тӯлонии таърихӣ донишҳои илмӣ дар бобати тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс ташаккул ёфтанд. Чунин олимони зер дар корҳои худ, ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ асарҳои зиёд ба мерос гузоштаанд. Аз ҷумла, Арасту [15], Афлотун [130], Абуалӣ ибни Сино [4], Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ [3], Абулқосим Фирдавсӣ [5], Т. Гоббс [40], Б. Спиноза [158] ва дигарон. Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёд ба ин масъала дар байни муҳаққиқон ва олимон дар мавриди дуруст ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс ва роҳҳои муассир ташкил кардани ин раванд, то ҳол баҳсҳо идома доранд. Чунин баҳсҳо собит месозанд, ки ин

раванд бисёр доманадор буда, ҳаллу фасли психологию педагогиро, вобаста ба замон, тақозо дорад.

Дар робита ба тағйиротиҷомеа, ки ба ин раванд ҷанбаҳои ҷаҳонишавӣ таъсирҳои бевоситаи худро гузошта истодаанд, ҳадафи асосии таълими забони русӣ дар мактаб ин ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ, яъне қобилияти омодагӣ ҷиҳати рафтору амалҳои созгор кардан дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он, эҳтиром кардану риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ мебошад. Моҳияти ин масъала дар корҳои чунин олимон ба мисли, Г.Н. Дождикова [49], П.А. Омарова [125], Ю.Г. Семенов [148], Г.В. Павлова [127], Н.Н. Казначеева [72], О.А. Асриян [18] ва дигарон тасдиқи худро ёфтаанд.

Диссертатсия ва ашъори методии олимони тоҷик ба мисли, М. Лутфуллозода [102], Л.Т. Рузиева [143], С.Э. Негматов [121], Г.М. Хоҷиматова [177], Т.М. Абдуллоева [1], Г.Б. Мухаметов [113], Т.В. Гусейнова [46], М.Б. Нагзибекова [116], ки ба методикаи таълими фанни забони русӣ ва тоҷикӣ бахшида шудаанд, аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсияи Насурдинзода Аслиддин Насурдин «Методҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги муошírати хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ» [119] тарбияи ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги муоширати хонандагони синфҳои болоӣ хеле хуб нишон дода шудааст. Ҳарчанд он ба ташкили раванди дарсҳои забони англисӣ дар мактабҳои миёна бахшида шуда бошад ҳам, муаллиф тавонистааст, баъзан қисматҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро, то андозае ҳаллу фасл намояд.

Инчунин, диссертатсияи Раҳимова Савронбӣ таҳти мавзуи «Тарбияи ахлоқӣ дар дарсҳои баҳсӣ дар синфҳои болоии мактабҳои Тоҷикистон» [137] ҷиҳати боз ҳам мукаммал намудани андешаҳо доир ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Муаллиф дар диссертатсия дар бораи масъалаи тарбияи ахлоқии хонандагон тавассути забон ва адабиёти рус андешаҳои худро равшан тавсиф кардааст. Раҳимова С. чунин меҳисобад, ки аз худ кардани забони русӣ дастрасӣ ба фарҳангҳои дигар халқҳоро фароҳам меорад ва ба тарбия, таълиму рушди ҳамаҷонибаи шахсияти оянда ва ҷаҳони маънавии ӯ мусоидат мекунад.

Барои саҳеҳ намудани маълумоти диссертатсия нашрияҳои мундариҷаи гуногундоштаро ба мисли: «Маорифи Тоҷикистон», «Маърифати омӯзгор», «Илм ва ҳаёт», «Душанбе», «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» дохил кардан мумкин аст.

Пас аз омӯхтани адабиёт ва таҳлил намудани корҳои пажуҳишии файласуфон, сотсиологҳо, равоншиносон ва педагогҳо дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс бояд қайд кард, ки то ин замон махсусан, методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ омӯхта нашудааст.

Ҳамин тариқ, **ихтилофот** байни талаботи назарияи фаъолияти иҷтимоӣ ва набудани таҳқиқоти илмӣ оид ба ҷанба ва самтҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мушкилоти зеринро ба миён овард:

- байни моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ва коркардҳои нокифояи метод ва самтҳои педагогии дарсҳои забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- талаботи баланди ҷомеа нисбат ба фаъолияти педагог дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ва то кадом андоза баланд бардоштани ин раванд аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- зарурати татбиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ва инкишофи нокифояи назария ва методологияи ин раванд;
- моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар ҷомеаи имрӯза ва ғояҳои нокифоя дар бораи бо кадом шакл амалӣ кардани ин раванд дар дарсҳои забони русӣ.

Дар маҷмуъ, ҳамаи ихтилофоти дар боло зикргардида имконият медиҳанд, ки вазъ, самт ва ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ро дар дарсҳои забони русӣ дар бар мегиранд, муҳиму мубрам будани таҳқиқот ва мавзуи мазкурро собит намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси талаботи амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (2019), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (2020), нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти унвонӣ «Роҳҳои беҳ гардонидани сифати таълим ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ дар доираи иҷрои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба анҷом расонида шудааст. (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1497/01.2.314)

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ба таври назариявӣ муайян намудан ва амалан ошкор сохтани методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони

синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ дар асоси амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Омӯзиши адабиёте, ки ба мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудаанд.

2. Таҳлил, баррасӣ ва ошкорсозии проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

3. Муайян намудани нақш ва арзиши дарсҳои забони русӣ дар ҳалли мушкилоти педагогӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ.

4. Илман асоснок намудани методҳои психологӣ-педагогии ташаккули маърифат, дарк, сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва зеҳнии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ.

5. Ошкорсозии роҳҳои муассири бароҳмонии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар дарсҳои забони русӣ.

6. Таҳия намудани амсилаи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ.

7. Гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати муайян кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар дарсҳои забони русӣ.

**Обеъкти таҳқиқот.** Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Методҳои муосир ва муассире, ки дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ амалӣ мегарданд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ро дар раванди омӯзиши фанни забони русӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ метавон баланд бардошт, **агар:**

– педагог мувофиқи муҳтаво ва матлаби мавзуи дарсӣ дар раванди омӯзиши фанни забони русӣ ашёю воситаҳое, ки ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ро баланд мебардоранд, муҳайё гардонад;

– арзиши тарбиявии дарсҳои забони русӣ дар баробари дигар фанҳои таълимӣ баэътибор гирифта шаванд;

– шароитҳо ва методҳои муосири педагогии мусоидкунандаи раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ошкор ва муайян карда шаванд;

– ҷанбаҳои инфиродӣ, равонӣ, ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ, шавқу рағбат, дарккунӣ ва маърифатии хонандагони синфҳои 9-11 ҳангоми ташкили дарсҳои забони русӣ ба эътибор гирифта шаванд;

– ҳангоми роҳандозии дарсҳои забони русӣ муҳити солиму созгор ҷиҳати ба пуррагӣ аз худ кардани мавзуи дарсӣ таъмин карда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот:** Таҳқиқот аз соли 2021 то 2026 гузаронида шуда, се давраро дар бар мегирад:

**Марҳилаи якум (2021-2022) – тайёрӣ-назариявӣ.** Дар ин марҳила адабиёти психологию педагогӣ, мақолаҳо ва маъхазҳо оид ба проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 омӯхта ва таҳлил карда шуда, диссертатсияҳои илмии ҳимояшуда зери назар қарор гирифтанд. Ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян карда шуд. Инчунин, дараҷаи таҳияи масъалаи мазкур, таҷрибаи анъанавӣ ва навоваронаи педагогие, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 мусоидат мекунанд, омӯхта шуд.

Илова бар ин, шароитҳои педагогии муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ,

қобилияту малакаҳо ва фаъолияти касбии педагогҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Аппарати консептуалӣ ва истилоҳӣ ташаккул ёфт. Усул, восита ва шаклҳои корҳои озмоишӣ барои ташхис кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ интихоб ва ба роҳ монда шуд.

**Марҳилаи дуюм (2022-2025) – озмоишӣ-санҷишӣ.** Дар ин марҳила корҳои пажуҳишӣ дар асоси гузаронидани чорабиниҳои озмоишӣ бо истифода аз амсилаи таҳиягардида бо мақсади ташхиси самт ва ҷанбаҳои педагогии дарсҳои забони русӣ ҷиҳати тарабияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 гузаронида шуд. Дар раванди корҳои озмоишӣ нақши дарсҳои забони русӣ барои ошкор кардани меъёру нишондодҳои сатҳи маънавиёт ва ахлоқи хонандагони синфҳои 9-11 муайян карда шуд. Инчунин, дар ин марҳила мақолаҳо дар бобати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ омода гардида, ба чоп супорида шуд.

**Марҳилаи сеюм (2025-2026) –ҷамъбастӣ**. Дар ин марҳила натиҷаҳои корҳои озмоишӣ барои ошкор кардани меъёру нишондодҳои сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ  ба низом даровarда шудаанд.

Таҳлил, коркард ваҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, инъикоси хулосаҳо, тавсияҳои методӣ, омода кардани диссертатсия ба ҳимоя, ворид кардани амсилаи таҳиягардида дар амалияи баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирифта, диссертатсия ва автореферат ба ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардид.

**Асоси назариявии таҳқиқот.** Назарияҳои педагогии нақши дарсҳои забони русӣ дар тарабияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро чунин олимон: В.Г. Белинский, Н.А. Бердяев, С.Н. Булгаков, Н.А. Добролюбов, В.В. Зенковский, И.А. Илин, П.Ф. Каптерев, Л.П. Карсавин, И.В. Киреевский, В.О. Ключевский, В.И. Лешинский, М.В. Ломоносов ва дигарон дар корҳои худ баррасӣ намудаанд. Оид ба таълимоти муассири

педагогӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон олимоне чун О.Ю. Сергеева, В.В. Яковлев, С.П. Акутина, О.Е. Кучерова, А.М. Аллагулов, Я.З. Вайланматова ва дигарон пажуҳишҳо гузаронидаанд. Дар соҳаи омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни низоми таълими дарсҳои забони русӣ олимони зерин ба мисли Е.Л. Райхлина, А.А. Алферова, И.А. Куличева, Л.П. Шидукова, А.Е. Шишкин ва дигарон корҳои илмӣ кардаанд. Дар бораи назарияи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс олимони зерин ба мисли Н.В. Сопова, С.Ю. Григоров, А.М. Аджиева, Ю.Г. Дерябина, С.В. Симонова ва дигарон корҳои арзандаро ба сомон расонидаанд.

**Асоси методологии таҳқиқот -** муқаррарот ва хулосаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ ва педагогӣ ташкил медиҳанд, ки назарияи умумии тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахсиятро тавсиф мекунанд. Инчунин, асоси методологии диссертатсия аз ҳолати психологӣ ва педагогии рушди шахсият, технологияи таълиму тарбия ва таълими муосир дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар мактабҳо, истифодаи методҳои муосир дар таҳқиқот ва талаботи Консепсияи миллии тарбия, корҳои илмии олимони соҳа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошад, ки маҳз ба мавзуи диссертатсия дахл доранд, инчунин таҷрибаи кории худи диссертантро низ дар бар мегиранд.

**Сарчашмаи маълумот.**

– мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои олимон, адабиёти илмӣ-методӣ, сотсиологӣ, педагогӣ ва психологӣ оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони мактабҳои миёнаи умумӣ;

– санадҳо, барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– воситаҳои муосири техникӣ – интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо;

– тачрибаи пешқадами педагогҳо ва психологҳои ватанию хоричӣ доир ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони рус;

– осори олимони чаҳонӣ дар бораи тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Кори таҳқиқотӣ ба воситаи маълумоти дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ ва омӯхтани тачрибаи пешқадами педагогӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ба даст омада, ба расмият даровარда шуд; ҳамаррӯза истифодаи воситаҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ дар дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор дода мешуд ва натичаи онҳо таҳлилу баррасӣ шуданд; гузаронидани суҳбату машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо хонандагони синфҳои 9-11 ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҳлил намудани фаъолияти педагогҳо ҳангоми роҳандозӣ намудани усулҳои инноватсионии таълимӣ барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ; дар асоси фарзияи таҳқиқот гузаронидани корҳои озмоишӣ бо истифода аз амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз зумраи ин иқдомҳост.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот.** Барои гузаронидани корҳои озмоишӣ як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе, аз чумла, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 56, 90, 30 ва № 17, 54-и шаҳри Ҳисор, инчунин барои муқоисаи сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 аз ноҳияи чануби кишвар ба мисли, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 20, 43-и ноҳияи Фархор интихоб гардида буданд. Дар корҳои озмоишӣ 328 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 149 нафар ба гурӯҳи озмоишӣ, 141 нафар ба гурӯҳи назоратӣ ва 38 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ шароит ва методҳои педагогии баланд бардоштани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 муайян карда шуд;

- самарабахшии таълим, моҳият ва судмандии дарсҳои забони русӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 илмӣ муайян карда шуд;
- натиҷаҳои аз раванди таҳқиқот ба дастомада фаҳмишҳои назариявиро дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ асоснок карда шуданд;
- ба таври илмӣ муайян карда шуд, ки истифодабарии асарҳои нависандагон ва шеърҳои шоирони сатҳи ҷаҳонӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 мусоидат мекунанд;
- амсилаи педагогӣ барои дарсҳои забони русӣ ҷиҳати амиқтар ошкор кардани самараи корҳо дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 таҳия ва пешниҳод гардид;
- динамикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илман исбот карда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 тавассути густариш ва тақвияти фаҳмишҳои арзишманд ба мисли, рушди қобилиятҳо ҷиҳати ба роҳмонии бошууронаи муносибатҳо бо худ ва дигарон, дарки муҳтавои меҳр варзидан ба Ватан, модар, пайдо кардани мавқеъ дар назди ҳамсабақон ва ҷомеа, роҳандозӣ кардани фаъолият дар заминаи ғояҳои волои инсонӣ, ки ҳамаи ин дар асоси дарки меъёрҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегарданд, ба роҳ монда мешавад. Муҳтавои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ арзишҳое мебошанд, ки дар анъанаҳои миллӣ, фарҳангӣ,

таълимӣ, тарбиявӣ, оилавӣ ва дигар суннатҳои иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешаванд ва аз насл ба насл ҳамчун мерос интиқол меёбанд.

2. Миқдори зиёди маълумот дар бораи ҷаҳон, арзишҳои моддию маънавӣ, меъёру қоидаҳои рафтор дар ҷомеа аз ҷониби омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ба хонандагон омӯзонида мешаванд. Муассисаҳои таълимию тарбиявӣ даргоҳ ва маконе ба шумор мераванд, ки хонандагон дар он бо ҳамдигар таъсирҳои гуногун расонида, муоширату мубодилаи афкор мекунанд, дӯстию рафоқат барпо карда, изҳори эҳтироми худро нисбати ҳамдигар нишон медиҳанд.

3. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 рукни баҳснопазир ва муҳимтарини ҳар ҷомеа мебошад. Маҳз, бо ҳамин матлаб роҳандозии дарсҳои забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, дарки воқеият, фаҳмишҳои ҳаётӣ ва ҷанбаҳои ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассири тарбиявӣ доранд. Илова ба ин, дар раванди дарсҳои забони русӣ ангезаҳои муҳимми хонандагони синфҳои болоӣ, стратегияҳои ҳаётӣ ва нақшаҳои минбаъда, дар асоси омӯзиши асарҳои нависандагон ва таҳлили онҳо, таҳия карда мешаванд. Ташкили мақсадноки дарсҳои забони русӣ хонандагонро фаъол намуда, барои ноил гардидан ба муваффақиятҳо замина гузошта, баҳри пешгирӣ кардан аз нокомиҳо шароит фароҳам меоранд.

4. Дар раванди дарсҳои забони русӣ ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 бозиҳои дидактикӣ фаровон истифода мегарданд. Сохтори бозиҳои дидактикие, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, ҳамчун фаъолият бо гузоштани мақсад, банақшагирии он, татбиқи ҳадаф ва таҳлили натиҷаҳоро дар бар мегирад. Ташкил кардани бозиҳо дар раванди таълим ва дарсҳои забони русӣ ҳамчун унсур ва методи дарсӣ ба шумор рафта, дар баланд

бардоштани сатҳи маърифатии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир доранд.

5. Шиносоӣ бо осори гаронбаҳои фолклорӣ ва адабию маърифатии муосиру классикии халқиятҳои гуногун, ки ин равандро дар дарсҳои забони русӣ ба таври самаранок таъмин мекунанд ва дар онҳо муҳокима, таҳлил ва тафсири асарҳо сурат мегиранд, ба хонандагон имкони худмуайянкунии эстетикӣ ва ахлоқиро фароҳам меоранд. Инчунин, хонандагони синфҳои 9-11-ро ба олами ғояҳо ва мафҳумҳои мухталифе, ки башарият дар тули асрҳо таҳия ва тараннум кардааст, шинос мекунад. Чунин тартиби кор ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, ҳуввияти миллӣ, фарҳангӣ, қобилияти бошуурона баҳо додан ба рафторҳо, дарки моҳияти ҳаёти хонандагон, ки дар шароити равандҳоиҷаҳонишавӣ бартарият доранд, муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада метавонанд ҳамчун манбаи ҳақиқӣ дар таҳқиқи минбаъдаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ хизмат намоянд.

Ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ба таври назариявӣ ошкор карда шуданд.

Иқтидор ва сатҳи маърифатии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ва дараҷаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ онҳо муайян ва асоснок карда шуданд.

Андешаҳое, ки дар диссертатсия оид ба мазмуни раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарси забони русӣ баён шудаанд бо асосноккунии равишҳои татбиқи онҳо бо назардошти хусусиятҳои синну соли хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бунёд меёбанд.

Бозгӯӣ мешавад, ки мазмуни раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ба муайян кардани ҳадафҳои таълимӣ асос ёфта, фаъолияти муштараки омӯзгорону

хонандагонро, ки ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, хоҳиши такмил додани худ, дар асоси ғояҳои даркшуда ва густариши муносибатҳои ахлоқии байни шахсон оварда мерасонад, нигаронида шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Маводҳо ва натиҷаҳои аз рафти корҳои таҳқиқотӣ бадастомада барои боз ҳам тақвият бахшидани мундариҷаи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки  аз роҳҳо ва усулҳои муассири тарбиявӣ, ки онҳо дар раванди корҳои озмоишӣ ошкор гардидаанд, метавонанд омӯзгорон ҷиҳати самаранок ташкил кардани ҷараёни дарсҳои забони русӣ истифода баранд. Роҳҳо ва шаклҳои муассири тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русиро дар таҷрибаи муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ метавон ворид кард. Шароитҳои педагогӣ ва методҳои таъсиррасони тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ҳангоми дарсҳои забони русӣ коркард гардида, аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо, психологҳо, фарҳангчиён ва шахсоне, ки ба тарбияи насли наврас машғул мебошанд ва дар баланд бардоштани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳм доранд, истифода намоянд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд сарчашмаи боэътимод ҷиҳати такмилёбии савияи касбии омӯзгорони фанни забони русӣ ва он муҳаққиқоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо ташкил ва гузаронидани дарсҳои забони русӣ ва чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда мешавад. Дурустии диссертатсияро натиҷаҳои аз раванди корҳои озмоишӣ ба воситаи саволнома, мушоҳида, суҳбат, мусоҳиба ва санад бадастомада собит менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.

Педагогика (5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** диссертант солҳои зиёд ба тарбияи насли наврас, махсусан ҷавонон машғул мебошад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим муҳаққиқ тамоми паҳлуҳои мавзуи матраҳшавандаро то андозаи лозимӣ ҳаллу фасл намуда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Дар заминаи корҳои омӯзишӣ муҳаққиқ тавассути таҳияи амсилаи педагогӣ натиҷаҳои назаррасро ноил гардидааст, ки онҳо дар мукаммал намудани раванди дарсҳои забони русӣ, ки дар ин замина ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 инкишоф меёбанд, мусоидат мекунанд.

Инчунин, диссертант, бевосита, аз адабиёти илмӣ-методӣ, маводҳои бойгонӣ ва аз суҳбатҳои омӯзгорони таҷрибадор истифода намуда, дар раванди пажуҳиш барои саҳеҳтар ошкор намудани методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Тасвиб ва амалисозӣ -** натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия дар шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор ёфт.

Инчунин, иштирок ва ибрози андеша дар конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ (2021-2025). Аз он ҷумла: суханронии муаллиф дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бо номи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияҳои муосирӣ» (Душанбе - 2024), «Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд - 2024), суханронӣ дар семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Мактаб ва маориф – омили пешрафт ва суботи давлат ( Душанбе - 2021).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мазмуну муҳтавои диссертатсия 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун, аз он ҷумла, 7-тои он дар маҷаллаи сатҳи Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

**Сохтори ва ҳаҷми диссертатсия -** диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда иборат мебошад.

Муҳтавои диссертатсия аз 195 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 5 ҷадвал, 7 диаграмма ва 2 нақшаю расмҳо мавҷуд аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 185 номгӯй ва сарчашмаҳоро дар бар мегирад.

## Боби 1. Проблемаҳои назарии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ

### 1.1. Таҳлил, ташхис ва ошкорсозии проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар назария ва амалияи педагогӣ

Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар шароити имрӯза, ки бархурди тамаддунҳо ва омилҳои таъсиррасон ба мафкураи насли наврас ба воситаи сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернет ба назар мерасад, ба таври мубрам арзёбӣ мегардад. Коста гардидани ахлоқи насли наврас ва ҷавонон, пеш аз ҳама, агар ба сомонаҳои иҷтимоӣ марбут бошад, дар ҳалли ин муаммо аҳли ҷомеа ва падару модарон низ сабабгор ҳастанд.

Ҳукумати кишвар бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати тарбия кардани насли худогоҳу хештаншинос, бофарҳангу бофазилат дастуру супоришҳои мушаххас додаанд ва медиҳанд. Зеро, ояндаи мамлакат маҳз аз насли ҷаҳонбину ҷаҳонфаҳм, боақлу ҳушёр ва тамаддунофару тамадунсоз вобастагии калон дорад.

Дар ин росто, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши падару модарро дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд баҳои баланд дода чунин изҳор менамояд: «Фарзанд меваи ширини умри инсон аст. То замоне, ки ҷон дар бадани инсон аст, набояд ӯ аз таълиму тарбияи фарзанд канораҷӯӣ кунад, нисбат ба кӯдакону насли наврас ва ояндаи давлати ҷавони тоҷик бетафовутӣ зоҳир накарда, дастҷамъона дар устувору пойдорӣ, рушд ва пешрафти он саҳм гузорад ва фарзандони сазовор ба камол расонад» [173].

Ҳалли масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони мактабҳои муосир вазифаи аввалиндараҷаи системаи маорифу фарҳанг ба шумор равад ҳам, институтҳои оила ва аҳли ҷамоатчигӣ низ дар масъалаи мазкур таъсирҳои муассир гузошта метавонанд.

Дар Моддаи 63-юми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Падару модар барои тарбия ва рушду камоли

фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд. Падару модар вазифадоранд, ки барои гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ, ба фарзандонашон имконият фароҳам оваранд. Падару модар дар таълиму тарбияи фарзандони худ дорои дигар ҳуқуқу ӯҳдадорӣ ва масъулияте мебошанд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд» [80, с.20].

Мусаллам аст, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар рушду нумуи ҷомеа нақши калидӣ дорад, аммо ёдовар бояд шуд, ки арзишҳои фардӣ ва заминаҳои тарбия дар оила ташаккул меёбанд. Яъне, барои инкишофи мутаносиби шахсияти фарзанд муҳим он аст, ки ӯ дар муҳити оилавӣ, фазои хушбахтӣ, муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ ба воя расад. Ва ҳар як падару модар бояд барои фарзанди худ идеал ва намунаи ибрат бошад.  Барои ин волидайн бояд ба гуфтору кирдори худ ҷиддӣ муносибат кунанд ва нагузоранд, ки сухан аз амал дур бошад.

Раванди азхудкунии намунаҳои рафтор, арзишҳо ва меъёрҳое, ки дар ҷомеа қабул шудаанд ва риояи онҳо аз ҷониби шахс ҷомеасозӣ номида мешавад. Ва ҳар як шахс, махсусан насли наврас объекти ҷомеасозӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки миқдори зиёди маълумот дар бораиҷаҳон, арзишҳои моддию маънавӣ, меъёру қоидаҳои рафтор дарҷомеа азҷониби омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ба хонандагон расонида мешавад. Муассисаҳои таълимию тарбиявӣ даргоҳ ва маконе ҳисобида мешаванд, ки хонандагон дар он бо ҳамдигар таъсирҳои гуногун расонида, муошират ва мубодилаи афкор мекунанд, дӯстию рафоқат барпо карда, изҳории эҳтироми худро нишон медиҳанд.

Маҳз, дар ҳамин асно иҷтимоишавии шахсият сурат гирифта, сифатҳои азҷиҳати ахлоқӣ муҳим ва муносибату арзишҳои иҷтимоию маънавии хонандагон ташаккул меёбанд.

Ба андешаи доктори илмҳои фалсафа, профессор С. Ҷононов: «Барои тарбияи маънавии хонандагон ташкили фаъолияти амалӣ, ки дурнамои самтгириаш барои якҷоякунии табиии (органикии) кори сиёсӣ, фарҳангӣ - оммавӣ, кори коллективи хонандагон хусусияти мукаммалӣ медиҳад, махсусан муфид мебошад. Яке аз омилҳои асосии иқтидори маънавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти педагогӣ мебошад. Дар он аз давраҳои гузашта меъёрҳо ва анъанаҳои муайян ба таври табиӣ ва бартариятнок ташаккул ёфтаанд» [181, с.9].

Тавре ишора гардид ташаккули аз ҳама ҷиҳат мунтазам, пайваста ва амиқи маънавию ахлоқӣ ва тарбияи шахсият дар соҳаи маориф ба амал меояд. Аз ин рӯ, маҳз дар мактаб бояд на танҳо зеҳн, балки ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии хонандагон ба роҳ монда шавад.

Хусусияти асосии муассисаҳои таълимӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо барои таълим додан, инкишофи дониш, малака ва эҷод маҳдуд намешавад, балки низоми арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро рушд дода, шахсияти хонандагонро аз ҳар ҷиҳат ташаккул медиҳанд.

Раванди тарбияи муосир дар муассисаҳои таълимӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ахлоқ, маънавиёт, салоҳиятнокӣ ва малакаҳои хонандагон баланд бардошта шуда, онҳо барои сарнавишти Ватан, меҳан ва миллати худ бетавофут набошанд. Ва тақдири Ватанро ҳамчун тақдири худ қабул карда, барои ояндаи босаодат масъулиятро барои имрӯзу оянда дарк намуда, ба арзишҳою анъанаҳои маънавӣ-фарҳангӣ арҷгузорӣ намоянд.

Дар шароити муосир аз сабаби тағйир ёфтани низоми давлатию ҷамъиятӣ нисбат ба тарбияи наврасон ва ҷавонон механизмҳои

иҷтимоии интиқоли таҷрибаи таълимӣ ва фарҳангӣ то андозае дигаргун гардидааст.

Тавре аз мушоҳидаҳои педагогӣ аён мегардад, наврасон ҳақиқати татбиқнашудаи ҳаёти муосирро қабул кардаанд. Яъне, онҳо зиндагии худро ҳамчун инстингт – зиндагӣ осонтар аст, агар ахлоқ ва меъёрҳои ҷамъиятӣ риоя карда нашаванд, ба роҳ мондан мехоҳанд.

Масъалаи ташхиси инкишофи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар замонҳои гуногун аз ҷониби равоншиносон, педагогҳо ва фарҳангшиносони ватанию хориҷӣ (П.И. Нечаев, Г.И.Челпанов, Давлатов М., Юунусова Н. Лутфуллозода М., Хоҷаев Қ.., Амиров Р.А., Латипов Д ва дигарон ) мавриди назар қарор гирифта буд.

Дар илми педагогика якчанд самти ташхиси педагогӣ мавҷуд аст. Ба мисли:

- ташхиси иҷтимоӣ-педагогӣ. Шароит ва омилҳои иҷтимоие, ки ба раванди фаъолияти педагогӣ таъсир мерасонанд;
- ташхиси ташкилӣ-методӣ. Дар ин самт шароити методӣ, ташкилӣ, моддию техникӣ ва имконияти татбиқи мақсад ва вазифаҳои раванди педагогӣ ошкор карда мешаванд;
- ташхиси одоб ва ахлоқи хуби хонандагон. Муайянсозии одоб ва ахлоқи хонандагон дар заминаи таҳлили шуур, тафаккур ва хислат;
- ташхиси дидактикӣ. Омӯзиши самаранокии раванди таълим, тарбия ва қобилиятҳои хонандагон [83, с.9].

Маврид ба зикр аст, ки дар байни ҳамаи самтҳои ташхиси педагогӣ асосан, ду ҷанбаи ташхиси муҳити психологию педагогиро ҷудо кардан мумкин аст:

- илмӣ - назариявӣ;
- амалӣ - таҷрибавӣ.

Ташхиси илмӣ - назариявӣ – раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро ҳамчун як соҳаи тадқиқот тавсиф мекунад, ки моҳияти он сохтани усулҳои психоташхисӣ мебошад.

Ташхиси амалӣ - таҷрибавӣ - нисбат ба усулҳои ташхис талаботи қатъӣ мегузорад, зеро истифодаи онҳо дар амалия бо нишондодҳои объективӣ ва мувофиқ будан барои ҳалли масъалаҳои татбиқшаванда алоқаманд аст.

Бояд гуфт, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва намудҳои фаъолият проблемаҳои амалӣ барои ошкор сохтан омилҳои таъсиррасон ва пайдо кардани роҳи он ба миён меоянд. Барои ҳалли проблемаҳои ҷойдошта ва ба даст овардани муваффақият дар ин роҳ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои психологии инфиродӣ ё гурӯҳи одамон муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои таъмини фаъолияти самарабахши касбӣ-педагогӣ баъзан интихоб дар асоси хусусиятҳои равонӣ ва эмотсионалӣ талаб карда мешавад.

Ҳоло бе ташхиси пешакӣ равандҳои истеҳсолот, илму техника ва таълиму тарбияро роҳандозӣ кардан натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Ташхиси психологию педагогӣ соҳаи нисбатан мураккаб ва ҷадиди фаъолияти касбии омӯзгорон мебошад, ки равандҳои ташхисиро ҳам аз ҷиҳати психологӣ ва ҳам аз ҷиҳати педагогӣ муттаҳид месозад. Ин салоҳият аз шахси таҳлилкунанда маҳоратҳои психологию педагогӣ ва касбиро талаб мекунад, зеро он ба хислатҳои муҳими иштирокчиёни раванди педагогӣ – рафтор, кирдор, гуфтор, амал, фаъолият, аксуламалҳои эмотсионалӣ ва ғайра таъсир мерасонад.

Асосан, калимаи «ташхис (диагноз)» аз юнонӣ гирифта шуда, маънои «шинохтан»-ро дорад [48]. Ташхис дар раванди фаъолияти педагогӣ ҳамчун ҷараёни муайян кардани ҳолати объект фаҳмида мешавад. Ташхис – натиҷаи фаъолият оид ба муайян кардани вазъият, хусусиятҳо, меъёр ва сатҳи объект дониста мешавад.

Инчунин, ташхис ҳамчун раванди гирифтани маълумот дар бораи ҳолати объекти мушоҳидашуда ё омӯхташуда бо истифода аз усулҳо, методҳо ва роҳҳои гуногун фаҳмида мешавад. Маълумоти ташхисӣ

ахборотро дар бораи ҳолати объект, дараҷаи мувофиқати он ба меъёр ва тамоюлҳои рушд дар бар мегирад. Ин ҳолат ба ташхискунанда имкон медиҳад, то ба равандҳои рушди объект таъсир расонида, онро суст ё суръат бахшад, такмил диҳад ё ислоҳ кунад.

Ташхиси психологӣ-педагогӣ ҳамчун марҳилаи ҳатмӣ ва воситаи ҳалли бисёр масъалаҳои амалие, ки дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ба миён меоянд, баромад мекунад. Ташхиси психологӣ-педагогӣ вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

- назорат аз 9-11  рушди зеҳнӣ ва шахсии хонандагон;
- арзёбии камолоти мактабӣ;
- муайян кардани сабабҳои пайдоиши ноқисиҳо дар таълиму тарбияи хонандагон;
- омӯзиши амиқи шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои таълимӣ;
- ҳалли масъалаҳое, ки дар раванди таълиму тарбия пайдо мегарданд (танзими рафтори хонандагоне, ки дорои рафтори ғайримаъмулӣ, девиантӣ, низоъ, хашмгинӣ ва ғайра доранд);
- муайян намудани хонандагони болаёқат;
- роҳнамоии касбӣ намудан [52, с.10].

Бо туфайли ташхиси психологию педагогӣ сатҳи ибтидоӣ, ҷорӣ ва ниҳоии инкишофи хислатҳои шахсият дар раванди таълиму тарбия назорат карда мешавад.

Ташхиси педагогӣ. Бе ташхиси педагогӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои инфиродӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ нигаронида шудааст, раванди мақсадноки инкишофи шахсияти тарбиятгирандагонро муҳайё кардан ғайриимкон аст.

Дар ин раванд, саволе ба миён омаданаш мумкин, ки оё омӯзиши самаранокии раванди таълиму тарбия лозим аст ё не? Албатта, самаранокии раванди таълиму тарбияро омӯхтан ва ташхис кардан лозим аст, зеро дар акси ҳол мақсаднокии ҷараёни таълим ва ба ҳадафи

мувофиқ будани ин раванд маъною мухтавои худро аз даст медиҳад. Яъне, он бенизом ва стихиявӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки ҳар як самт ва соҳа ченаки муайянкунандаи сатҳи инкишофи худро дорад. Аз ҷумла, дар соҳаи мориф ҳам ин ченак вуҷуд дорад, ки онро ба меъёр ва нишондодҳо ҳангоми ташхис ва омӯзиши ҳолат ошкор месозанд.

Ба сифати нишондиҳандаҳои таълиму тарбия меъёрҳо истифода мешаванд. Меъёрҳои таълимию тарбиявӣ нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати назариявӣ таҳияшудаи сатҳи ташаккули сифатҳои гуногуни шахсият мебошанд.

Муайян кардани дараҷаи одобу ахлоқи хонандагонро ба воситаи тестҳои гуногун, пурсишномаҳо ва анкетаҳо муайян кардан мумкин аст. Аммо, чунин шаклҳои омӯзиши раванди таълиму тарбия назариявӣ буда, рафтори амалии хонандагонро дар вазъиятҳои муайян ошкор намесозанд. Ба таври дигар, меъёрҳои ташхиси таълиму тарбия ба педагог барои ба даст овардани тасаввуроти умумӣ дар бораи хонанда ёрӣ мерасонад, вале имкон намедиҳанд, ки он амиқтар ташхис карда шавад.

Ба андешаи муҳаққиқон Ю.Н. Синитсин, Е.Н., Жирма, Н.А. Хомутова: «Омодагии хонандагонро барои ташаккули тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ҷузъҳои зерин муайян мекунанд:

- хонандагон дар соҳаи ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ малакаю маҳорат доранд ва моҳияти тарбияро барои ҳаёти минбаъда ва дар ин замина, нақши онро барои ноил шудан ба муваффақиятҳо дарк карда метавонанд;
- ҳолати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон. Ин маҷмуи сифат ва хислатҳое мебошанд, ки хонандагонро барои иҷрои амалҳои созанда ва бартараф намудани душвориҳо дар раванди фаъолият водор месозанд. Инчунин, хонандагон малакаи ёрӣ расондан дар ҳолатҳои душворӣ ба шахсони дигар дар доираи меъёрҳои ахлоқиро медонанд;

- мувофиқи ақидаҳо дар бораи маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа дар ниҳоди хонандагон фаҳмишҳо ва донишҳо пайдо мегарданд;
- қобилияти иҷрои амалҳои маънавӣ-ахлоқӣ туфайли таъсирҳои педагогӣ дар хонандагон сурат мегирад» [151, с.7].

Пас аз омӯзиш ва таҳлили раванди таълиму тарбия педагог метавонад, хулосаҳои зарурӣ дар ҳолатҳои гуногун нисбати хонандагон барорад. Ба ҳамин минвол бо туфайли ташхиси амалии раванди таълиму тарбияи хонандагон ҷараёни таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакон такмил дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки наврасӣ яке аз давраҳои муҳими онтогенез мебошад, ки бо дигаргуниҳои куллӣ дар шуур, фаъолият ва системаи муносибатҳои шахсият алоқаманд аст. Ба қавли дигар наврасӣ марҳилаи инкишофи онтогенетикӣ байни кӯдакӣ ва калонсолӣ, яъне байни 11-12 солагӣ то 16-17 солагӣ мебошад, ки бо тағйироти сифатӣ вобаста ба балоғат ва ворид шудан ба муҳити нисбатан нав хос аст.

Дар ин марҳила афзоиши босуръати организми инсон сурат гирифта, дарки муҳити атроф, ашё ва падидаҳо пайдо мешаванд. Асоси ташаккули сифатҳои нави психологӣ ва шахсии наврасон муоширату муомила дар раванди намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла фаъолияти таълимӣ, истеҳсолӣ, намудҳои гуногуни эҷодкорӣ, варзиш ва амсоли инҳо мебошад.

Хусусияти муайянкунандаи муоширати наврасон табиати шахсии онҳо маҳсуб меёбад. Тағйирёбии вазъи иҷтимоӣ ва инкишофи наврасон бо хоҳиши фаъолонаи онҳо барои ҳамроҳ шудан ба ҷаҳони калонсолон ва тамоюли рафтор ба меъёрҳо ва арзишҳо алоқаманд аст.

Ташаккули хоси наврасӣ ин «ҳисси камолот», мебошад, ки инкишофи худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ, таваҷҷӯҳ ба худ ҳамчун шахсият, ба қобилият ва иқтидору маҳорат мебошад. Инчунин, дар ин айём хислату рафторҳои наврасон - хонандагон ташаккул ёфта, маънавиёт ва дарки ҷаҳонфаҳмӣ рушд мекунад.

Ахлоқ дар ин айём бо кадом роҳҳо амалӣ мегардад? Пеш аз ҳама, дар бораи ахлоқи наврасон-хонандагон каме маълумот медиҳем.

Ахлоқ бештар дар гуфтор ва сарчашмаҳои адабӣ ҳамчун муродифи одоб ва гоҳе характеру рафтор истифода мешавад. Ба маънои дигар ахлоқ муносибатҳои фард дар амал кардан тибқи виҷдон ва ирода дар баробари қонунҳои амалкунанда мебошад.

Дар шароити кунунӣ ва дар илми педагогӣ истилоҳи тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ мафҳумҳоест, ки дар ягонагии ногусастанӣ мавриди амал қарор гирифта, истифода мегарданд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ раванди аз ҷиҳати педагогӣ муташаккили азхуд кардан ва қабули арзишҳои муҳими миллӣ аз тарафи хонандагон, дарки низоми арзишҳои умумибашарӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад.

Ба андешаи олими соҳаи педагогика ва мутаффакир Н.С.Табаров: «Барои барпо намудани ҷомеаи мутараққӣ дуруст бароҳ мондани равандҳои таълиму тарбия дар ҳамаи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бо туфайли тарбияи дуруст ва созгор дар ниҳоди шахс хислатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, эстетикӣ, ватандӯстӣ, ҳисси ғамхорӣ ва дилсӯзӣ пайдо мешавад» [166, с.164].

Бояд қайд кард, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонҷараёни таъсири муташаккил ва мақсадноки омӯзгор баҳри инкишоф додани тамоми ҷанбаҳои муҳимми шахсият мебошад.

Яке аз қавитарин сарчашмаҳои маънавиёт виҷдон ва зуҳури он муҳаббату самимият аст.

Ахлоқ ин ҷузъи фарҳанг аст, ки муҳтавои он арзишҳо мебошанд ва асоси фаҳмишро ташкил медиҳанд. Ахлоқ ин қобилияти амал, фикр ва эҳсос кардани инсон мутобиқи сарчашмаҳои маънавӣ мебошад, ки дар муносибат ҷаҳони ботинии ӯро инъикос мекунад.

Маънавиёт бошад ин раванд ва натиҷаи рушди инсон то сатҳи огоҳӣ аз моҳияти мавҷудият ва фаротар аз он دониста мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон, пеш аз ҳама, ба ташаккуличаҳони ботинӣ нигаронида шудааст, ки дар рафти он кашфу фаҳмиши арзишҳо ва танзими эҳтиёҷот мувофиқи онҳо сурат мегирад.

Талаботи маънавӣ дар амалияи педагогӣ бо дониш дар бораи муҳити атроф ва қонунҳои тартибиҷаҳонӣ ва пайдо кардани малакаҳои муносибат бо он алоқаманд аст, ки дар натиҷа худшиносӣ, худогоҳӣ ва дараҷаи зуҳури ҳамаи ҷанбаҳои инсонӣ муайян карда мешаванд.

Талаботи маънавӣ бо хоҳиши ботинии шахс барои дарк намудани мавқеи худ дар ҷамъият, ташаккули дурнамои ҳаётӣ ва замина гузоштан барои сарнавишти худ алоқаманд аст.

Инчунин, талаботи маънавӣ имкон медиҳад, ки ба истилоҳ «қувваи маънавӣ-ботинӣ» - и шахс инкишоф ёфта, ҳадафҳо дақиқ гардида, ташаккули расидан ба онҳо равшан гардад.

Раванди ташаккули талаботи маънавӣ ҳамчун эҳтиёҷоти афзалиятнок барои хонандагони синфҳои болоӣ, ки бо диди ошиқона ба ҷаҳон, нишон додани қаҳрамонӣ, хоҳиши ба даст овардани дастовардҳо, «ташнагии таассуроти нав ва гуногунрангӣ» хос аст.

Дар ин синну сол барои хонандагони синфҳои 9-11 ҷустани ҷавоб ба саволҳои ҳаётан муҳим: «Чи гуна зиндагии худро ба роҳ монам?», «Ба кадом тартиб зиндагӣ кунам?», «Киро ҳамчун идеал интихоб кунам?» марбут аст, ки аксар вақт ба масъалаи «Чӣ тавр хуб зиндагӣ кардан?» табдил меёбад.

Дар ин синну сол ҷавоб пайдо кардан то андозае барои хонандагони синфҳои 9-11 душвортар аст, зеро талабаи мактаби миёна намегузорад, ки дар бораи ҳаёти калонсолон ба таври ошкоро сухан гуфта шавад. Аз ин рӯ, ақидаҳои пароканда дар ниҳоди хонандагон пайдо мегардад, ки ҷавобҳо ба саволҳои худро онҳо аз тариқи интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ дастрас мекунанд.

Саъю кӯшиши шахс, ки бо ниёзҳои маънавӣ-ахлоқӣ тавъам ҳастанд, чун қоида барои беҳтар кардани вазъи муҳити атроф, ҷомеа ва шахсони алоҳида нигаронида шудаанд, ки дар баъзан ҳолат метавонанд, ба зиёни эмотсионалӣ табдил ёбанд. Яъне, аксари шахсон мехоҳанд, дар ҳолатҳои гуногун ва мушкилоти ҳаётӣ ба дигарон кумак намоянд, аммо ин амали онҳоро баъзан инсонҳо аз ҳисоби заифӣ ва соддалавҳӣ мешуморанд, ки мушкилоти ҳиссӣ-эмотсионалиро ба бор меоранд. Чунин шахсони кумакрасонро фазилати олӣ, яъне меҳру муҳаббат фарогир аст.

Мафҳуми «муҳаббат» бисёрҷанба мебошад. Манзури мо дар ин ҷо, аслан, меҳру муҳаббат доштан ба Ватан, модар, диёр, шахсони наздик аст. Ватандӯстӣ ва меҳр варзидан ба Ватан барои хонандагони синфҳои 9-11 бояд аввалин арзиши аслии миллӣ бошад. Зеро, ташаккули минбаъдаи шахсият, доштани ҳуввияти шаҳрвандӣ ва неруи эҷодию зеҳнӣ, маҳз, аз домони Ватан сарчашма мегирад.

Педагог С. Ашуров дар ин бора чунин мешуморад: «Муҳимтарин шартҳои педагогӣ барои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ инҳоянд:

- фароҳам овардани муҳити таълимӣ ва тарбиявии мактаб, ки ба тарбияи ватандӯстии хонандагон нигаронида шудааст;

- пурзур ва муассир кардани мундариҷаи таълим дар фанҳои гуманитарӣ ва дақиқ, шаклҳо ва усулҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ бо дарназардошти ҷиҳатҳои эмотсионалии хонандагон;

- истифодаи технологияҳои гуногуни таълимӣ-тарбиявӣ. Ҷустани роҳҳои мушаххаси ҳамгироии хонандагон бо муаллимон» [19, с.66].

Агар суханҳои дар боло зикр гардидаро ба як маънои том ифода кунем муҳтавои пешбарандаи педагогии таълиму тарбияи замони имрӯза ин «Ба манфиати умум зиндагӣ ва фаъолият кардан» мебошад.

Ғояи барои манфиати ҷомеа зиндагӣ кардан ҳанӯз аз замонҳои қадим масъалаи муҳим арзёбӣ мегардид.

Файласуфи юнонӣ Суқрот мафҳумҳои некию накукориро ба маънои васеи фазилати инсон, яъне таҷассуми олии неруи маънавӣ, камолот ва рушди инсон барои дарёфт кардани маънои ҳаёт ба таври шоиста дар ашъори худ, истифода кардааст. Барои Суқрот ин вожаҳо ба маънои бо худ аҳлона зиндагӣ кардан, виҷдони пок ва эҳтироми хешро доштан мебошад. Ҳамин ақидаро Афлотун ва Арасту низ ҷонибдорӣ карданд.

Аввалан, фазилат, некӣ ва накукорӣ арзишҳое мебошанд, ки инсон ба воситаи онҳо зиндагии худро ба роҳ мемонанд. Баъдан ин арзишҳо имконият фароҳам меоранд, ки инсон ҳаёти худро дар якҷоягӣ ташкил кунанд.

Дар раванди таълиму тарбия кӯшиш намудан барои пайдоиши фазилат ва дар ин замина, бароҳмонии некию накукорӣ аз зинаи поён ба боло, яъне аз некӯаҳволии оила, дӯстон, ҷомеа, кишвар ва муҳити дӯстонаи давлатҳо сурат мегирад. Ба андешаи мо, дар ин раванд чунин сифатҳои шахс ташаккул меёбанд:

- эҳтиром зоҳир кардан ба шахсияти дигар ва нигоҳҳои ӯ;
- муносибатҳои таҳаммулпазирӣ ва риояи баробарӣ;
- қобилияти ба ҳам пайвастани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ;
- маҳорати ташкили муносибатҳои байниҳамӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳо ва манфиатҳо;
- таҳаввули ҷаҳонбинӣ, ки ба дарки муносибатҳои ҷолиби шахсии ҳар як инсон асос ёфтааст;
- ташаккули сифат ва хислатҳои маънавӣ (меҳрубонӣ, якдигарфаҳмӣ, мувозинат дар муносибат, некбинӣ, меҳнатдӯстӣ, далерӣ, ҷасурӣ, суботкорӣ, адолат);
- қобилияти ҳамкорӣ, эҷодкорӣ, ҳамдилӣ.

Агар ҳамаи сифатҳои дар боло зикр гардида, симои ботинӣ ва зоҳирии инсонро нишон диҳанд, асоси ташаккули ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии ӯро худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, давлатӣ, маҳаллӣ ва оилавӣ ташкил медиҳанд.

Педагог А.Ҷ. Ёрматов дар бораи ахлоқ ва хулқу атвори инсонӣ чунин мешуморад: «Ҳангоме ки аз ахлоқи инсонӣ сухан меравад, дар мадди аввал яке аз пояҳои ин ахлоқ «худшиносӣ» ба миён меояд. Дар ҳақиқат, фарде, ки як узви ҷомеа аст, худро нашиносад, мавқеи худро муайян карда натавонад, чӣ гуна ӯ метавонад аз ахлоқи ҳамида бархӯрдор бошад?» [53, с.241].

Ёдовар бояд шуд, ки баланд бардоштани маънавиёт, ахлоқ, саломатӣ, маҳорат ва эҷод ҷузъҳои иҷтимоисозии шахс маҳсуб ёфта, ӯро ҳамчун шахсият дар ҷомеа муаррифӣ месозанд. Ҳалли ин масъалаҳои мураккаб масъулияти дучандро аз муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва оила тақозо доранд. Дар ин раванд, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ бартарияти бештар ва нақши муассиру созанда гузошта метавонанд.

Мусаллам аст, ки мактаб маконе маҳсуб меёбад, то хонандагон аз илмҳои муосир бархурдор бошанд. Аммо, тақозои замони имрӯза аз муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ин аст, ки дар баробари додани асосҳои донишҳои илмӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан, инчунин бояд шахсияти хонандаро ташаккул ва қувваи ҷисмонӣ, равонӣ, ахлоқию маънавии ӯро инкишоф диҳанд.

Педагог М.М. Хидирова ба он андеша аст, ки «Дар таҳсилоти миёна, ки наврасон дар пайванди кӯдакӣ ва калонсолӣ қарор доранд, як қатор проблемаҳои психологию педагогӣ ба миён меоянд, ки ҳам бо рушди шахсият ва ҳам бо ҳамкории иҷтимоӣ алоқаманданд. Дар ин синну сол онҳо фаъолона ҷойгоҳи худро дар ҷомеа меҷӯянд, арзишҳо ва афзалиятҳои худро муайян мекунанд» [178, с.282].

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар аксари малакатҳои хориҷӣ дар раванди таълим ба тарбия на он қадар таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Ва дар ин асно, саволе ба миён меояд, ки оё аз худ кардани меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ахлоқӣ барои инсон дар баробари донишҳои физикӣ, математикӣ ва таърихӣ муҳиммият надоранд?

Бояд гуфт, ки пас аз хатми мактаб бештари фанҳои мактабӣ бо тақозои замон фаромӯш ва аз ёд мераванд. Ва дар хотир танҳо маълумоти умумӣ дар бораи онҳо боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, ташаккул додани арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 муҳим ва мубрам дониста мешавад.

Инчунин, барои зиндагии минбаъда шахс бояд меъёрҳо, арзишҳо ва қонунҳои ахлоқиро мукаммал созад, то дар раванди ҳаёт аз онҳо истифода бурда аз монеаҳо ва масъалаҳои пайдошуда ба осонӣ баромада тавонад. дошта бошад.

Ёдовар бояд шуд, ки мутахассисе, ки ахлоқи ҳамида ва муносибати созгор надошта бошад, дар коллектив обру ва манзалат пайдо карда метавонад. Ба тариқи дигар кормандe, ки донишҳои хуби физикӣ, кимиёвӣ, математикӣ ва иқтисодӣ дорад, вале ахлоқи шоиста надорад, нисбати шахси хушахлоқ хатарноктар аст.

Воқеан, муносибатҳои бадахлоқона ва носолим дар ҳар соҳа ба муноқиша, норозигӣ ва азобу уқубат барои бисёриҳо анҷом меёбад. Инчунин, иҷтимоишавии шахс низ маҳз дар коллективе, ки муҳити солим дорад, тезтар сурат мегирад.

Тавре ки педагог Н.С. Табаров дар мақолаи худ «Таъсири омилҳои гуногун дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқииҷавонон» қайд мекунад: «Равандиҷомеакунонии шахс дар он сурат тезонида мешавад, ки дар коллектив шароитҳои хуби корӣ вуҷуд дошта, шахс иқтидори қобилиятҳояшро нишон дода, талаботи маънавию ахлоқии худро қонеъ гардонад. ҳангоми ворид шудан ба чунин муҳит ва аз бурду муваффақиятҳои дигарон хурсанд шудан омили асосии баҷомеа ворид

гардидани шахс маҳсуб меёбад. Ин гуна шахсон дар коллектив обрӯи хоса дошта, соҳиби иззату ҳурмат ва фахри дигарон мегарданд»[165,с.34].

Таҳқиқоти педагогӣ аксар вақт нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои 9-11 дар вақтҳои танаффус, дар ошхона, дар кӯча ва дар нақлиёт бо ҳам муносибатҳои дағалона ва ношоиста менамоянд. Хоҳу нохоҳ рафтори ин гуна хонандагонро ба худ таҳлил карда саволҳо назди мо пайдо мешаванд: Чаро онҳо чунинанд? Чаро онҳо бадахлоқӣ ҳастанд? Чунин хонандагонро чӣ гуна тарбия кард?

Албатта, дар шароити кунунӣ зарурати аз нав дида баромадани асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба миён омада бошад ҳам, нигоҳҳо ва назарҳои ҷадиди ин равандро таҳия кардан лозим аст.

Омӯзгорон дар ҳамкории зич бо оила ва ҷомеа метавонанд, дар ниҳоди хонандагон меъёру принсипҳои ахлоқии ҳаёти ҳаррӯзаро ташаккул диҳанд. Дар ҳамин сурат тавассути равандҳои тарбия худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳии мактаббачагон бо истифода аз маҷмуи тадбирҳо ва омилҳои судманди психологӣ, физиологӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ҳамчун як раванди мақсадноку ягона, ки ба меъёрҳои ахлоқии умумибашарӣ тавъам аст, дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ самаранок амалӣ карда мешавад. Натиҷаи ин раванд ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ, ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, иродаи озоди ахлоқӣ, қобилияти идора кардан ва дарки мавҷудияти худ ҳамчун инсон мебошад.

Тавре ки педагог Д.Х. Султонова қайд мекунанд: «Илми педагогикаи муосир бештар ба ақидаҳои намояндагони илми фалсафа ва мутафаккирони замони гузашта асос ёфтааст. Чуноне, ки намояндагони барҷастаи афкори таълимию тарбиявии тоҷику рус, ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҷомӣ, Саъдӣ, Белинский, Пирогов, Ушинский, Добролюбов қайд мекунанд, системаи маориф бояд самти амиқи

маънавӣ-ахлоқӣ дошта бошад ва дар ниҳоди хонандагон эҳсосоти воқеии хайрхоҳӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва ҳамбастагиро ташаккул диҳад. Ин сифатҳо дар муддати муайян дар шахс пайдо мегарданд ва барои инкишофу устувории онҳо пайваста талош варзидан лозим аст» [159,с.217].

Маънавиёт ва ахлоқ дар муносибатҳо, ҳодисаҳои ҳаррӯза ва раванди зиндагӣ ташаккул меёбад, ки хонандагон дар ҳолатҳои зарурӣ интихоби ин ё он амалро ба анҷом мерасонанд. Яъне, дар бисёр ҳолат аз фазои ахлоқие, ки хонандагон дар он зиндагӣ мекунанд, фаъолияти минбаъдаи онҳо вобаста аст.

Ба андешаи педагог И.П. Подласий: «Раванди тарбия раванди бисёр мушкил ва аз омилҳои гуногуни ҳаётӣ вобастааст. Омилҳои сершумори объективӣ ва субъективӣ мураккабии ин равандро тавассути амали якҷояи худ муайян мекунанд. Муайян карда шудааст, ки омилҳои субъективии ифодакунандаи талаботи дохилии шахс бо шароитҳои объективие, ки вай дар он зиндагӣ ва ташаккул меёбад, барои бомуваффақият ҳал намудани масъалаҳои тарбия ёрӣ мерасонад. Яъне, таъсирҳои объективӣ аз рӯи самт ва мазмун ба фаъолияти муташаккили тарбиявӣ ҳар қадар созгор бошанд, ташаккули шахсият ҳамон қадар самаранок мегардад» [131, с.15].

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон рукни баҳснопазир ва муҳимтарини ҳар ҷомеа мебошад. Камбудию костагӣ дар ин раванд ба ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад.

Бояд қайд кард, ки наврасӣ давраи душвортарин дар ҳаёти инсон аст. Ин андешаро на танҳо равоншиносон ва педагогҳо, балки бештари волидон ҳам тасдиқ мекунанд. Маҳз, дар ин синну сол назарҳо, нигоҳҳо ва ақидаҳои наврасонро ба як маҷрои муайян равона кардан ва дар чаҳорчӯбаи маърифатӣ тарҳрезӣ кардан лозим аст.

Педагогҳо Т.Н. Хлебалина, Т.Е. Титова дар ин бора чунин мешуморанд: «Давраи наврасӣ яке аз душвортарин давраҳои рушди

инсон аст, ки ӯ дар ин давра мушкилтарин масъалаҳои ҳаёти худро ҳал мекунад. Яъне, дар ин давра маъруфият ва эътироф гардидан дар байни ҳамсолон, муоширати барқарор кардан, интихоби касби оянда, дурнамо ва нақшаҳо ба миён меоянд. Ин амалҳои табиии гузариш аз кӯдакӣ ба наврасӣ ва аз нигоҳубини доимӣ ба мустақилият мебошанд, ки онҳоро наврасон дар асоси мушоҳидаҳо ва озмоишҳо аз худ мекунад» [126, с.2].

Хонандагони синфҳои 9-11 ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки шабеҳ ва монанди калонсолон бошанд, бо шахсони дигар зуд ошноӣ пайдо кунанд, мехоҳанд ҳиссиётеро дарк кунанд, ки пештар онро эҳсос накарда буданд. Ин албатта, аз як тараф барои онҳо мароқангез намояд ҳам, аз тарафи дигар оқибатҳои манфиро низ дар пай дорад.

Агар, хонандагони синфҳои 9-11 ба таври ғайрирасмӣ либос пӯшанд, мӯйҳои худро ранг кунанд ва алфози қабеҳ дошта бошанд ин ҳама бадахлоқии онҳоро нишон медиҳад, вале агар шахсони калонсол дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ин амали онҳоро муҳокима ва сарзаниш кунанд ин алакай нодуруст ва бемаврид ба назар мерасад. Ва ба вайрон гардидани муносибатҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Новобаста аз он, ки муборизаи наслҳо дар ҳамаи давру замон вуҷуд дошт, вале набояд фаромуш кард, ки ҳар марҳилаи иҷтимоӣ консепсияи таълиму тарбия ва тарзи рафтори худро дорад. Яъне, баҳси «падару писар» ҳамеша буд ва мемонад.

Дар Кодекси оила возеҳ гуфта шудааст, ки аввалин ва муассиртарин тарбиятгари фарзандон падару модар ба шумор мераванд. Аммо, новобаста аз ин, ҳанӯз ҳам ҷомеа ин вазифаи пурмаҳсулро ба души муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вогузор мекунад. Яъне, ҷомеа ба он назар аст, ки дар таълиму тарбияи хонандагон мактаб нақши созгор дошта, дар ташаккули ҳиссиёт ва дарки масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, ҷаҳонбинӣ, дарки арзишҳои миллӣ, давлатӣ ва оилавӣ мавқеи назаррас дорад.

Дар ин раванд саволе ба миён меояд: «Оё барои рафтору кирдори кӯдакон танҳо омӯзгорон масъуланд?» Албатта не. Дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон на танҳо муассисаҳои таълимӣ, балки шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори умум, телевизион ва дигар манбаъҳои маълумотрасон, ки назорати онҳо дар шароити имрӯза то андозае мушкилиро ба бор меорад, масъул буда метавонанд.

Дар ин масъала муҳаққиқ Н.А.Гасимова чунин мешуморад: «Барои навраси муосир ҳалли мушкилоти наврасӣ аксар вақт ба шабакаҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки доираи васеи имкониятҳоро фароҳам меоранд - аз фароғат ва омӯзиш, то васеъ кардани робита бо дигар қишрҳои комилан гуногуни корбарон. Маҳз, аз ҳамин ҳисоб тафовути байни тарзи зиндагии насли наврас аз тарзи зиндагии насли калонсол торафт равшантар мегардад» [36, с.5].

Манзур аз гуфтаҳои дар боло овардашуда ин аст, ки мо зидди сомонаҳои иҷтимоӣ ва ба таври пешин раванди таълиму тарбияро роҳандозӣ намудан нестем. Вале, ахбороте, ки имрӯзҳо аз тариқи баъзан шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ пахш мешаванд, ҷиҳатҳои синну солии аудитория ва шунавандагони худро ба назар намегиранд. Дар натиҷа тафаккур ва ақидаи аксари шахсони маълумотгирандаи шабакаҳои интернетӣ вайрон гардида, ҳисси дағалӣ, хашмгинӣ нисбати атрофиён, қаҳру ғазаб ба корҳои майда чуйда пайдо мегардад.

Дар шароити имрӯза ба дӯши омӯзгорон ниҳоят кори муҳим, яъне тарбия ва ба воя расонидани шахсони ба ҷомеа манфиатовар, хайрхоҳ ва некбин вогузор карда шудааст. Ин рисолати омӯзгор агар дар ҳама ҷанбаҳои ҳаётӣ хуб ба мушоҳида расад ҳам, дар деҳотҷойҳо мубрамияти худро рӯз то рӯз нишон медиҳад.

Мусаллам аст, ки дар деҳот кӯдакон дар шароитҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ва вазифаи омӯгорон аз он иборат аст, ки ба ҳар як кӯдак муносибати созгор, дар асоси хоҳишу талаботи онҳо, барпо кунад.

Дар зинанизоми умумии ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, бо баъзан сабабҳои иҷтимоӣ (дурӣ аз марказҳои фарҳангӣ, набудани шароити мусоиди қонеъкунии талаботи маънавӣ, дурӣ аз марказҳои маърифатӣ-равшаннамоӣ ва ғайра) мактабҳои миёнаи умумӣ макони ягонаи барқарор кардани муносибат бо ҳамсинфон, қонеъ намудани ниёзҳои фарҳангӣ ва амсоли инҳо мегардад. Дар ин раванд, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ лозим мешуморанд, ки вазифаи таълиму тарбияи наврасон ва ҷавононро ба зимма гиранд.

Бояд қайд кард, ки мактабҳои деҳот, новобаста аз баъзан камбудӣ ва норасоии шароитҳо, дорои захираҳое мебошанд, ки дар шаҳр мавҷуд нестанд. Аз ҷумла, алоқаи зичи ҳамкорӣ бо муҳити табиат, побарҷоии анъана, расму оин дар ҳаёти ҷамъиятию оилавӣ, меҳру муҳаббат, ҳурмати шахсони калонсол ва ниҳоят дар рӯҳияи меҳнатӣ ва якдилӣ тарбия кардани насли наврас.

Ҳамин тариқ, агар ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикр гардидаро таҳлил намоем ба хулосае омадан мумкин аст, ки инкишофи шахсият, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ӯ ва дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихор аз он доштан, маҳз, дар ҷараёни таълиму тарбия сурат мегирад. Ин раванд, махсусан, дар фаъолият ва машғулиятҳои таълими забони русӣ бештар самараи хуб медиҳад.

Инчунин, омӯзгор набояд фаромуш созад, ки дар шароити имрӯза ба эътибор гирифтани «Ман»-и ҳар як шогирд муҳим арзёбӣ мегардад. Агар дар даврони Шуравӣ шогирд сухани каме нодуруст ва хато мегуфт ҳама ӯро сарзаниш ва маломат мекарданд. Дар марҳилаи имрӯзаи муосири педагогӣ бошад, фикри ҳар як хонанда ба инобат гирифта шуда, ҳангоми муҳокимарониҳо ва таҳлили мавзуи дарс ба як хулосаи амиқ омада мерасад.

Ба андешаи мо аз ҳама муҳимтар хонандагони синфои 9-11-ро дар руҳияи меҳрубонӣ, ғамхори ягдигар будан, дасти ёрӣ дар мушкилоти

ҳаётӣ ва дарсӣ дароз кардан, аз муваффақиятҳои рафиқон шод гаштан, хатогиҳои худро сари вақт ислоҳ намудан, шаъну шарафи дигаронро паст накардан ва амсоли инҳо тарбия кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

## 1.2. Методика ташкили раванди таълими фанни забони русӣ ва дар ин замина ба эътибор гирифтани ҷиҳатҳои тарбиявии он

Тарбия яке аз ҷузъҳои асосии раванди таълим ба шумор меравад. Таълиму тарбия дар раванди тадрис ҳамдигарро пурра намуда, ба як ҳадаф: инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Ҳар як дарс иқтидори тарбиявии худро доро буда, мавзуъҳои фанҳои мухталиф якдигарро пурра намуда, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва тафаккури созандаю эҷодии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир доранд. Агар, ба таври дигар гуфтаҳои болоро шарҳ диҳем низоми мақсадҳо дар шароити таълимии мактабҳои миёнаи умумӣ характери иерархӣ доранд. Барои амалӣ намудани ҳадафҳои таълими мактабӣ робитаи байни ҳадафҳоро дар сатҳҳои гуногун шарҳ додан лозим аст.

Бароҳмонии корҳои тарбиявӣ дар раванди машғулиятҳо натиҷаи назаррас дода, шароит фароҳам меорад, то ташаккули бисёр хислатҳои шахсияти хонандагон амалӣ шаванд.

Муҳаққиқ А. Сафаралӣ дар бораи тарбия чунин андеша дорад: «Тарбия ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ бисёр масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад. Мувофиқи нишондодҳои «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсади тарбия ин ба воя расонидани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Дар ин ҷо, вазифаи муассисаи таълимӣ аз он иборат аст, ки ҳама қисмҳои таркибии тарбияро дар алоқаи узвӣ ба амал бароварда, нисбат ба тарбия муносибати ҳамаҷониба намуда, барпокунандагони бошуур ва фаъоли ҷамъиятро ба воя расонанд» [147, с.54].

Дар ҳақиқат, муассисаҳои таълимӣ, ки дар он ҷо фанҳои мухталиф таълим дода мешаванд, масъалаҳои тарбиявиро низ ба роҳ мондан аз манфиат холӣ нест. Зеро, дар раванди тадрис таълиму тарбия рукнҳое мебошанд, ки сатҳи маънавиёт, маърифат, ҷаҳонбинӣ ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонии шахсияти хонанда аз чигунагии ташкили он вобастагии калон дорад.

Ба андешаи муҳаққион С.М. Нефедова, А.А. Таскаева, И.Н. Томова, ва О.О.Чегесова: «Тарбия ин ворид намудани шахс дар заминаи фарҳанги муосир ба шумор рафта, ки дар натиҷа чунин ҷанбаҳои сохтории шахсият рушд мекунанд:

- дониш дар бораи муносибатҳои ҳаётӣ;
- қобилияти дарки муҳити атроф ва ҷаҳон;
- муносибати арзишнок ба равандҳои ҳаётӣ, ки бо туфайли он фард метавонад фарҳанги волои амалҳоро ба омилҳо ва ҳодисаҳо нишон диҳад» [122, с.10].

Ҳангоми тартиб додани нақшаи дарс омӯзгорро мебояд намудҳои фаъолият, шавқу завқ ва ҷанбаҳои зеҳнии хонандагонро дар ҳар як марҳила вобаста ба вазифаҳои таълимӣ ба эътибор гирад. Яъне, омӯзгор раванди машғулиятҳоро пешаки тарҳрезӣ намояд ва донад, ки тавассути кадом намудҳои фаъолият, шаклҳои корӣ ва тартиби роҳандозии дарс ба мақсадҳои дар пеш гузошташудаи худ, ноил гардида метавонад.

Дигар ҷанбае, ки омӯзгор ба натиҷаи назарраси тарбиявӣ дар раванди машғулиятҳо ба даст меорад ин эҳсос кардани муҳити психологӣ ва эмотсионалии синф мебошад. Дар баъзан ҳолатҳо натиҷаи самаранокии кори омӯзгор он нест, ки дар раванди дарс чанд нафар даст боло кардан мехоҳанд ва ба саволи пешниҳодгардида ҷавоб мегардонанд. Эҳсос ва дарк кардани фазои дарс низ, то як андоза муҳтавои тарбиявии машғулиятро муайян месозад.

Бояд қайд кард, ки дарсҳои забони русӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, дарки воқеият, фаҳмишҳои ҳаётӣ ва ҷанбаҳои

ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои 9-11 ҳам нақши муассири тарбиявӣ доранд.

Маҳз, дар раванди дарсҳои забони русӣ ангезаҳои муҳими хонандагони синфҳои болоӣ, стратегияҳои ҳаётӣ ва нақшаҳои минбаъда таҳия карда мешавад. Ташкили мақсадноки дарсҳои забони русӣ хонандагонро фаъол намуда, барои ноил гардидан ба муваффақиятҳо замина гузошта, баҳри пешгирӣ кардан аз нокомиҳо шароит фароҳам меорад.

Тавре аз мушоҳидаҳои педагогӣ ва пажуҳишҳо дар ин самт ошкор мегардад, дар раванди дарсҳои забони русӣ на танҳо таҳлили асарҳои нависандагон бо назардошти тамоми хусусиятҳои бадеӣ, балки мушаххассозии ин ҷараён ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11-ро суръат мебахшад.

Албатта, шинос кардани хонандагони синфҳои 9-11 бо асарҳои нависандагони барҷаста, шеъру пандномаҳои онҳо дар раванди дарсҳои забони русӣ муҳим шуморида мешавад, вале зарууртар аз ҳама он аст, ки ба умқи мухтавои асарҳо сарфаҳм раванд. Ва омӯзгорро мебояд дар кушодану фаҳмонидани шеъри шоирон ва маънохои асар ба хонандагон кумакҳои ҳамаҷониба намояд. Зеро, бе тарки маънои шеъру асар раванди ташкили дарсҳои забони русӣ маъно пайдо накарда, сатҳ ва ҷанбаҳои тарбияии машғулиятҳо костаю нокомил мегарданд.

Ба андешаи муҳаққиқон Б.А. Ланин, В.М. Шамчикова ва Л.Ю. Устинова: «Хониши асарҳои адибон ба хонандагон имкон медиҳад, ки тасаввурот дар бораи намунаҳои адабӣ пайдо намоянд. Омӯзиши осори адибон завқи хонандаи ҷавонро ташаккул дода, ба ӯ дастурҳои боэътимод ва аз тариқи замона санҷидашуда медиҳад» [93, с.7].

Шеърҳо ва асарҳои бадеие, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор мегиранд, як навъ пул байни муаллиф, омӯзгор ва хонанда мегарданд.




**Расми 1. Занҷираи байни муаллиф, омӯзгор ва хонанда дар дарсҳои забони русӣ**

Истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ дар амалӣ намудани неруи тарбиявии дарс нақши муҳим мебозанд.

Дуруст ташкил кардани дарсҳои забони русӣ ва истифодаи техонологияҳои мақсадноки таълимӣ-тарбиявӣ раванди машғулиятҳоро самаранок гардонида, ба ҳадафҳои дарпешгузошта шароит фароҳам меорад. Технологияҳои муосири таълимӣ дар идоракунии сифати таълиму тарбия саҳми беандоза дошта, сатҳу сифати дарсҳоро ба маротиб баланд мебардоранд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар гуна технологияи таълимию тарбиявӣ воситаҳои махсуси худро дорад, ки фаъолнокии хонандагонро ҷоннок намуда, ғояҳои фаъолияти педагогиро роҳандозӣ менамоянд.

Ба андешаи мо роҳҳое, ки дарсҳои забони русӣ ба таври мақсаднок ташкил карда мешаванд, инҳоянд:

- омӯзиши мушкилот;
- истифодаи бозиҳои гуногуни дидактикӣ-фаъолсозӣ;
- корҳои гурӯҳӣ;
- фаъолияти лоиҳавӣ;
- омӯзиши бисёрсатҳа;
- технологияи корҳои эҷодии коллективӣ;
- бароҳмонӣ ва ташкили ҳамкориҳои таълимӣ дар синф (муаллим - хонанда, хонанда- хонанда).

Омӯзиши ғайрифаъолонаи ҳама гуна фанро ҳамчун камбудии ҷиддӣ тавассути омӯзиши проблемавӣ ислоҳ кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки ҷузъи муҳими ҳар як дарс бартарафсозии мушкилиҳо ва масъалаҳое, ки дар раванди он ба миён меоянд, шуморида мешавад. Аз ин рӯ, шакли таълимии омӯзишу таҳлили проблемавӣ раванди дарсҳоро самаранок гардонида, хонандагонро ба фикр кардан водор месозад.

Муҳаққиқ А.М.Матюшкин дар ин бора чунин қайд мекунад: «Омӯзиши проблемавӣ яке аз усулҳои мавҷудаи таълим мебошад. Ин методро набояд дар ҳамаи ҳолату шароит ва шаклҳои таълимӣ истифода кард. Истифодабарии ин шакли таълимӣ ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки масъалаҳои проблемавӣ мавриди таҳқиқ қарор гиранд. Масалан, ҳангоме, ки шахс ба шароитҳои нав дучор мешавад ва барои ҳалли масъалаи ҷойдошта таҷрибаи ӯ кофӣ намекунад ва барои ҳалли он роҳҳои нави таҳқиқотиро ҷустуҷӯ менамояд. Чунин ҳолатҳоро ҳолатҳои мушкилотӣ меноманд» [135, с.53].

Мушкилот дар ҳама гуна фаъолият ҳамеша монеа эҷод мекунад. Ва бартараф кардани монеаҳо суръати ҳаракатро тақвият бахшида, ҳадафҳо мушаххас мегарданд.

Омӯзиши проблемавӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар масъалаи бамиёномада худро ҳамчун тадқиқотчӣ нишон дода, вазъиятро таҳлил кунанд. Инчунин, асоснок кардани онро андеша карда, таваҷҷуҳи дигаронро ба проблема ҷалб сохта, роҳи ҳалли онро аз нуқтаи назари худ пешниҳод менамояд. Яъне, чунин тартиби кор ҳиссиёти хонандагони синфҳои 9-11 -ро «бедор» карда, ба фикр кардан водор месозад.

Ҳамту фикр кардан касе намехоҳад. Танҳо дар сурати пайдоиши масъала шахс маҷбур мешавад, ки дар бораи он андеша намояд ва роҳи ҳалли онро пайдо кунад.

Омӯзиши проблемавӣ ба ҷойи пешниҳоди далелу хулосаҳои тайёр, ки омӯзгор дар раванди дарсҳо ба хонанадагон пешниҳод мекунад, онҳоро талқин месозад, то ки дар бораи масъалаи ҳалталаб андешаҳои

худро баён созанд. Чунин тартиби фаъолият хонандагонро водор месозад, ки ҳақиқатро дар ҳамкории дастаҷамъӣ ва бо мубодилаи афкор пайдо кунанд.

Дар таълими проблемавӣ барои муҳокимаи умумӣ савол-проблема гузошта мешавад, ки баъзан унсурҳои он зиддиятро эҷод карда, гоҳе ҳайратоварро мемонанд. Масалан, ҳангоми истифодабарии шакли таълимии проблемавӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 30 хонандагони синфҳои 10 бо як майлу хоҳиши бениҳоят калон машғул ва саргарми дарс мегардиданд. Мавзуи дарс достони Николай Некрасов «Сармо, бинии сурх» буд. Некрасов ин достонро соли 1863 навишта, ба хоҳари маҳбубаш Анна бахшидааст.

Асосан, дар ин достон муаллиф зиндагии сахти деҳқонони рус, шодмонӣ, ғаму андӯҳ, меҳнати сахт ва тоқатпазирии онҳоро тасвир кардааст.

Дар оғози дарс омӯзгор Камолова Сурайё мухтасаран дар бораи муҳтавои достон ба хонандагони синфи 10-ум маълумот дод. Ӯ дар бораи достон сухан гуфта қайд кард, ки ҳаводиси ин асар дар яке аз деҳае, ки Н. Некрасов номи онро ишора накардааст, дар нимаи асри 19 рух медиҳад.

Қаҳрамонҳои достон Дария зани ҷавон, меҳнатдӯст, пурсабр, модари ду фарзанд аст. Инчунин, қаҳрамонҳои дигари достон Прокл – шавҳари Дария, волидони Прокл ва Машаю Гриша фарзандони Прокл ва Дария мебошанд.

Муаллима суханашро идома дода, ба хонандагон дар бораи зиндагии талху нокоми зани рус – Дария маълумот медод. Сюжети достони Николай Некрасов «Сармо, бинии сурх» аз ҳамонҷо оғоз мегардад, ки аробаи кухна, ки тобути Проклро мебурд, дар барф банд мемонад ва пиразане кӯшиш мекунад, ки онро озод кунад. Дар хона зани Прокл – Дария гирякунон пораҳои матоъҳоро ба ҳам ҷамъ карда, кафан медӯзад.

Каме дуртар аз деҳа ибодатгоҳ ҷойгир аст ва падари Прокл дар наздикии он ҷойеро барои қабр интихоб мекунад. Ҳаво, ки сард буд, барои пирамард кандани қабр душворӣ меорад, вале корашро идома медиҳад. Пас аз анҷом, бо ғамгинӣ ба хона бармегардад. Дар роҳи бозгашт ба хона, пирамард аз занаш, ки тобутро бо ҷасади писараш дар чана мекашид, пеш мегузарад. Ногаҳон аз сари роҳи онҳо шиноси деринаашон пайдо мешавад ва онҳоро тасаллӣ дода, мегӯяд, ки Прокл аз ранҷу азоби ин зиндагӣ озод шудааст.

Ҳангоме, ки Проклро волидонаш ба сафари охират омода мекунанд, Маша ва Гришаро ба хонаи ҳамсоягон мефиристанд. Бо шунидани гиря ва нолаҳои волидон, ҳамсояҳо шитобон ба хонаи Дария барои видоъ бо Прокл меоянд. Дар дили шаб волидони Прокл ва ҳамсоягон ба ҷасади фавтида дуо мехонанд.

Саҳар Проклро ба қабристон бурда, мегуронанд. Ҳамсояҳо ба Дария ва фарзандони ӯ ҳамдардӣ баён мекарданд. Дария аз маросими дафн ба хона баргашта, мехост кӯдаконро тасаллӣ диҳад, аммо хона, ки хунук буд, ӯ маҷбур мешавад, ки барои ҳезум ба ҷангал равад.

Ҷангал бо ҳавои сард фаро гирифта шуда буд ва барфи сафеди чашмгир дар зери осмони хомӯш медурахшид. Андӯҳи Дария то рафт зиёд гардида, аз ғам ӯ ба гиря меояд. Гиряи ӯро ба ҷуз дарахтони хомӯш касе намешунавад. Дария ашкҳояшро пок карда, дубора ба ҷамъ кардани ҳезум мепардозад. Андешаҳо дар бораи шавҳари марҳумаш ӯро қарор намегузоштанд. Дария фаҳмид, ки акнун танҳо ӯ бояд ҳама корҳои сангинеро, ки замоне бо Прокл анҷом медод, ба итмом расонад. Тарс аз ояндаи фарзандонаш, ки аз бузургтарин ҳимоятгари худ маҳрум буданд, дили ӯро азоб медод.

Ҳангоме, ки Дария ҳезум ҷамъоварӣ менамуд, сардии ҳаво андоми ӯро фаро мегирифт. Шамол ва сардии ҳаво он қадар шиддатнок буд, ки Дария тасаввур мекард, Прокл сару андоми ӯро буса мезанад. Дария

шавҳари меҳрубон ва хандаи чарангоси фарзандонашро тасаввур мекард. Зиндагии нав дар дили ӯ ҷуш мезад ва аз ояндаи пурсаодат ва дурахшон умед дошт.

Дар охир муаллима муҳтавои ин достонро шарҳ дода қайд кард, ки ин асар дар бораи деҳаи рус, ҳаёти деҳқонон, зебоии табиат ва сарнавишти занони рус аст. Дар аввал аз номи достон ошкор мегардад, ки он рамзи афсонавӣ дорад, гарчанде ки афсона нест. Достони «Сармо, бинии сурх» достони ғамангез ва фоҷиавӣ буда, дар он симои зани рус - Дария, ки ҳаёт ва марги ӯ рамзи сарнавишти мардум мебошад, тасвир ёфтааст. Некрасов дар ин достон ҷаҳони ботинии шахсони алоҳида ва ҳаёти мардуми оддиро ба қалам додааст. Муҳтавои достон ин нишон додани зиндагии тоқатфарсои сарнавишти деҳқон, бахусус тақдири зан ва қудрати рӯҳи ӯ, ки дар муқобили душвориҳои ҳаётӣ таслим намешавад, аммо дар ниҳоят аз марг канорагирӣ карда наметавонад.

Достони «Сармо, бинии сурх» масъалаҳои мубрами ҳаёти деҳотро ба миён мегузорад. Он нишон медиҳад, ки ҳатто бо меҳнати аз ҳама сахт, деҳқонон камбизоат боқӣ мемонданд. Махсусан, сарнавишти занони деҳқон ниҳоят тоқотфарсо буд [21, с.53].

Баъди ба хонандагони синфҳои 10-ум расонидани маълумоти лозимӣ нисбати достон омӯзгор масъалаҳои проблемавиро ба таври савол ба онҳо пешниҳод менамояд. Масалан, Н. Некрасов дар достони «Сармо, бинии сурх» кадом масъалаҳои иҷтимоиро пешкаши хонанда мегардонад? Хислатҳои мусбати Дарияро дар чӣ мебинед? Образи Сарморо Некрасов ба чӣ шабоҳат додааст? Ба андешаи шумо мақсади Н. Некрасов аз таҳияи ин достон дар чист?

Чунин саволҳое, ки дар боло зикр кардем хонандагонро ба андеша кардан водор сохта, нисбати ҳолат ва лаҳзаҳои асар, рафтори қаҳрамонҳои асосӣ дар вазъиятҳои гуногун ва тарзи гуфтори онҳо фикрҳои худро баён мекарданд. Аз раванди дарс аён мегардид, ки дар тафаккур ва андешаҳои хонандагони синфҳои 10 тағйироти назаррас ба

амал меомаданд. Хислату рафторҳои онҳо баъди чунин тарзи фаъолияти педагогӣ дар дарсҳои забони русӣ ташаккул меёфтанд. Яъне, сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 10 дар ҷараёни дарсҳои забони русӣ шакли дигар мегирифтанд.

Чунин шакли дарс ҷанбаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ доранд. Ба мисли,

- *таълимӣ:* пайдо кардани донишҳо дар бораи ашъор ва эҷодиёти Н.А. Некрасов; омӯхтани масъалаҳои асосии достони «Сармо, бинии сурх»; Таҳлили образ ва тасвирҳои достон.
- *тарбиявӣ:* пайдоиши муҳаббат ба адабиёту забони русӣ ва асарҳои Н.А. Некрасов; эҳтиром ва гиромӣ доштани фарҳанги рус, шиносоӣ бо ҳаёт ва кору фаъолияти мардуми оддӣ; ташаккули завқи зебоӣ, дарк ва қобилияти дидани он.
- *инкишофдиҳандагӣ:* пайдоиши малакаҳои таҳлили асарҳои адабӣ, муайян кардани нуктаҳои асосӣ, муқоиса ва умумӣ кардани андешаҳо; рушди маҳорати кор бо матн ва дарёфти муҳтавои асар; инкишофи тафаккур, тахайюл ва ҳассосияти эмотсионалӣ; пайдоиши малакаҳои муоширати шифоҳӣ ва қобилияти баён кардани андешаҳо бо тарзи ифоданок.

Дигар тарзе, ки дарси забони русӣ дар доираи он ташкил карда мешавад ва ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди чунин машғулиятҳо сурат мегиранд ин истифодаи бозиҳои гуногуни педагогӣ ба шумор меравад.

Ба кадом тарз дарсро мароқангез ва шавқовар ташкил кардан мумкин аст? Мустақилона фаъолияти маърифатии хонандагонро дар синф чӣ гуна ҷоннок кардан мумкин аст? Бо кадом тарз завқи хонадагонро барои машғул гардидан ба дарсҳои забони русӣ бедор карда мешавад? Ин ва дигар саволҳое ҳастанд, ки дар раванди мақсаднок ташкил кардани дарсҳои забони русӣ ба миён меоянд.

Дар амалӣ гардонидани ҳар гуна фаъолият талабот ба он нақши назаррас дорад. Дар ин раванд бедор кардани шавқу завқи хонандагон низ ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Ҷалбсозии хонандагон ба дарс ва дар ин замина бедор кардани майлу хоҳишҳои онҳо аз тарзи ташкил кардани машғулиятҳо ва аз маҳорати эҷодии ҳар як омӯзгор вобастагии калон дорад.

Ташкил кардани бозӣ аз ҷониби омӯзгор дар раванди дарсҳои забони русӣ баҳри ҳарчи бештар ҷалб кардан ва фаъол сохтани хонандагони синфҳои 9-11 заминаи мусоид фароҳам меорад. Бозӣ як шакли фароғатӣ, фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ ва рафъсозии хастагии равонӣ барои хонандагон ба шумор меравад.

Педагог Х.Л. Пайшанбиева дар ин бора чунин мешуморад: «Бозиҳо хонандагонро ба шуурнокӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ, чолокӣ ва ғайра водор менамояд. Истифодаи бозиҳои эҷодӣ ҳамон вақт мақбул дониста мешавад, ки онҳо бо мавзуи дарс вобаста буда, бо маводи таълимӣ алоқаманд ва бо мақсади дидактикии дарс ҷавобгӯ бошанд» [128, с.96].

Иштироки хонандагон дар бозиҳои дидактикӣ ба пайдоиши эҳсосоти мусбат дар ниҳоди онҳо гардида, ки дар ин раванд сатҳи баланди ҳавасмандӣ, эҳтиёҷи бошуурона барои аз худ намудани дониш ва ба даст овардани малакаҳо сурат мегиранд.

Бозӣ ҳамчун як намуди фаъолият дар ҳолатҳои шартӣ, ки ба барқарорсозӣ ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ нигаронида шудааст, вазифаҳои фароғатӣ, муоширатӣ, табобатӣ, ташхисӣ, ислоҳӣ ва тарбиявиро иҷро мекунад.

Хусусиятҳои асосии фаъолияти бозӣ ин худшиносии озодона дар асоси фаъолият, дарки эҳсосот ва ба танзим даровардани равандҳои эмотсионалӣ, кашфи маҳоратҳои нуҳуфтаи худ, ба эътибор гирифтани андешаҳои дигарон нисбати рафторҳо ва амсоли инҳо мебошанд.

Моҳияти бозиҳои дидактикӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ чунин ҷанбаҳои хонандагони синфҳои 9-11 -ро рушд мебахшанд:

- инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ, дастурҳои эстетикӣ ва ахлоқии онҳо;
- тақвияти принсипҳои инсондӯстии хонандагон;
- ташаккули малакаҳо ва таваҷҷуҳи хонандагон ба дарс;
- фаъолсозии ҷанбаҳои маърифатии хонандагони синфҳои 9-11 ва инкишоф додани маромнокии онҳо нисбат ба китобхонӣ;
- ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ;
- ташаккули малакаҳои муошират;
- инкишофи диққати ихтиёрӣ, хотира, тасаввурот, тафаккур ва дигар равандҳои равонӣ;
- шиносоӣ бо фарҳангу маданияти адабони рус ва ҷаҳон.

Унсурҳои бозии дарс ин викторинаҳо, кроссвордҳо, ребусҳо, муаммоҳо, клуби ҳозирҷавобон (КВНҳо), озмунҳои гуногун, лоиҳаҳои эҷодӣ, маҷаллаҳои шифоҳӣ, мубоҳисаҳо, муколамаҳои нақшӣ, намудҳои гуногуни тасвирҳо ва ғайра ба шумор меравонд.

Бояд зикр кард, ки бозӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ ба таври шартӣ ташкил карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар як унсуре, ки мо дар боло ишора кардем онҳо метавонанд, дар алоҳидагӣ гузаронида шаванд. Танҳо манзури мо аз дарҷ кардани унсурҳои шартии бозӣ қисман ташкил кардани онҳо дар дарсҳои забони русӣ мебошад.

Бозӣ ҳамчун муҳимтарин принсипи омӯзиш ва ҷузъи асосии дарс дар консепсияи нави таҳсилоти муосир низ дарҷ гардидааст.

Дар низоми таҳсилоти забонҳои хориҷӣ шакли муосири таълимӣ ба мисли, «Эдютейнмент (edutainment)» ба роҳ монда шудааст. Истилоҳи «Эдютейнмент» маънои «таълим + фароғат» - ро дорад [184, с.19]. Эдютейнмент технологияи навест, ки ҳадафи он баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба таҳсил, ҷолибтар ташкил кардани дарсҳо, гуногунрангтар ва дастрас намудани раванди азхудкунии дониш мебошад.

Яке аз усулҳои афзалиятноки таълими «Эдютейнмент» ин ба таври бозӣ ва ба шакли театркунонӣ гузаронидани дарсҳо мебошад. Бозиҳои нақшбозӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 имкон медиҳанд, ки порчаҳои шеърӣ ва матниро дар асоси иҷрои нақшҳои гуногун аз қаҳрамонҳои асар ба осонӣ дар хотир нигоҳ доранд, малакаҳои саҳнавиро рушд бахшанд ва завқи эстетикиро ташаккул диҳанд.

Дар баъзан ҳолатҳо саволе пайдо шуданаш мумкин аст, ки «Чаро дар раванди дарсҳои забони русӣ бозиҳоро, маҳз, ҳамчун унсури маърифатӣ истифода намоем?».

Бояд қайд кард, ки аввалан, бозиҳо барои ба даст овардани муваффақонаи азхудкунии маводи дарсӣ мусоидат мекунанд, дуюм суръати инфиродии фаъолияти хонандагони синфҳои 9-11 -ро рушд мебахшанд, сеюм кори ҷуфтӣ ва гурӯҳиро инкишоф медиҳанд, чорум дараҷаи шиддатнокии омӯзишро паст мегардонад ва панҷум шароит барои озодона муомила ва муошират карданро ҷиҳати муаллифи сохтани маҳорату малакаҳои эҷодӣ муҳайё месозанд.

Дигар тарзе, ки дарсҳои забони русӣ самаранок ташкил карда мешаванд, корҳои гурӯҳӣ дар синф мебошад.

Таҳқиқоти назариявӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки дониш дар бораи ин ё он фан ҳамон вақт дар масири хонандагон мустаҳкам мешавад, ки предмети фаъолияти таълимӣ ҳамчун воситаи муошират баромад кунад. Омӯзиши коллективонаи таълимӣ ҷанбаҳои маърифатии хонандагони синфҳои 9-11-ро ташаккул дода, ба рушди шахсияти ҳар як онҳо таъсирҳои судманд мерасонанд. Корҳое, ки дар синф аз рӯйи методи инфиродии омӯзгор ва бе истифодаи фаъолияти гурӯҳӣ ба роҳ монда мешаванд, ҷанбаи муҳими таълимӣ - муошırати байниҳамдигарии хонандагони синфҳои 9-11- ро, ки дар дарсҳои забони русӣ хеле муҳиманд, коста мегардонанд.

Дарси забони русӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 эҳтиёҷот ба хондан, фаҳмидани вожаҳои бадеӣ, бедор кардани шавқу рағбат ҷиҳати донишҳои дар бораи адибони барҷастаи ҷаҳонӣ, шинос кардани онҳо ба ҳаёту фаъолияти халқҳои гуногун ва дар ин замина дарки қонунҳои ҳаётӣ, завқи эстетикӣ ва фарҳанги баланди муоширатро меомӯзонад.

Ташкили корҳои гурӯҳӣ дар дарси забони русӣ имкон медиҳад, ки хонандагони синфҳои 9-11 ба фазои муштараки эҷодӣ фаъолона ворид шаванд, ангезаҳои хониш ба вуҷуд оянд ва дарки фаҳмишҳо дар бораи моҳияти ин фан таъмин карда шавад. Дар чунин ташкили тарзи корӣ хонандагон худро дар шароите эҳсос мекунанд, ки мехоҳанд сухан гӯянд, бо ҳамдигар муошират барқарор созанд ва имкониятҳои эҷодиро нишон диҳанд.

Ба андешаи педагог И.Ю.Зимнякова: «Дар раванди корҳои гурӯҳӣ хонандагон бо маводи таълимӣ шинос мешаванд, корро дар гурӯҳ ба нақша мегиранд, супоришҳоро дар дохили гурӯҳ тақсим мекунанд, натиҷаҳои инфиродӣ муҳокима карда мешаванд, вазифаҳои умумии гурӯҳро баррасӣ ва натиҷаҳои кори гурӯҳиро ҷамъбаст мекунанд, дар бораи корҳои гурӯҳӣ хулосаи умумӣ мебароранд, ба рафторҳои худу дигарон баҳои сазовор медиҳанд» [60, с.532].

Ҳангоми бароҳмонии корҳои гурӯҳӣ муошират як қисмати муҳими фаъолияти таълимӣ шуморида шуда, ҷанбаҳои эстетикӣ ва равонии хонандагон сурат мегиранд. Хонандагони синфҳои 9-11 дар чунин тарзи кор донишҳоро дар бораи масъалаи матраҳшаванда зуд азхудкарда, натиҷаҳои фаъолияти маърифатӣ, ки дар асоси мубодилаи афкор, муҳокима ва мубоҳиса сурат мегиранд, инкишоф медиҳанд.

Муоширати байнишахсӣ дар раванди таълими забони русӣ ҳавасмандии хонандагонро тавассути шомил кардани онҳо ба муҳокимаи дастаҷамъӣ афзоиш дода, ки дар натиҷа масъулияти шахсӣ ҷиҳати афкори худ, эҳсоси қаноатмандӣ аз муваффақиятҳои дар ҷараёни

омӯзиш пайдо шударо ташаккул медиҳад. Яъне, корҳои гурӯҳӣ дар хонандагони синфҳои 9-11 муносибатҳои сифатан навро ба мавзуъ ва ҳисси иштироки шахсӣ ба кори умумӣ, ки якҷо азхуд кардани донишҳоро таъмин месозад, рушд мебахшад.

Педагог Н.В. Затсепина дар ин бора чунин андеша дорад: «Мавзуъҳое, ки дар гурӯҳ мавриди муҳокима қарор мегиранд, метавонанд гуногун бошанд. Омӯзгор барои саргарм ва ба муҳокимаи мавзуи таълимӣ ҷалб кардани хонандагон бояд фикри худро нисбати масъала пешниҳод намояд. Ва аз хонандагон даъват ба амал барорад, то онҳо дар бораи масъалаи матраҳшаванда фикру андешаҳояшонро баён созанд. Ин тарзи кор шароит фароҳам меорад, то хонандагон бо тартиб ва ҷасурона фикрҳои худро нисбати мавзуъ дарҷ созанд» [57, с.24].

Корҳои гурӯҳиро дар синф омӯзгор метавонад бо чунин шакл ташкил кунад:

- барои ҳалли масъалаи мушаххаси таълимӣ, ки ба вазифаи умумии гурӯҳ мансуб мебошад, синф ба гурӯҳҳои хурдҷудо карда мешавад;
- ҳар як гурӯҳ вобаста ба шумораи аъзоён ва дараҷаи тайёрии онҳо супоришҳои мушаххас (якхела ё фарққунанда) дода мешавад;
- дар раванди фаъолият ба аъзоёни гурӯҳ иҷозат дода мешавад, ки натиҷаҳои корро якҷоя муҳокима намуда, аз ҳамдигар маслиҳат гиранд;
- ба ҳар гурӯҳ маҷмуи маводи таълимӣ барои иҷрои супориш дода мешавад. Мақсад ва муҳтавои дарс ба таври равшан изҳор мегардад. Инчунин, рӯйхати адабиёт, ки хонандагон бояд истифода баранд, тартиби иҷрои кор ва саволҳои санҷишӣ ба онҳо пешниҳод карда мешавад;
- барои бароҳ мондани тарзи мақсадноки кори гурӯҳӣ омӯзгорро мебояд мизу курсиҳоро тавре ҷо ба ҷо гузорад, ки 5 ё 6 нафар

озодона ва якҷо кор карда тавонанд ва гурӯҳҳо якдигарро халалдор насозанд;

- ҳангоми кор кардани гурӯҳҳо бояд омӯзгор дар атрофи синф давр зада, кори онҳоро назорат кунад ва саволҳое, ки дар баъзан маврид нофаҳмо ва номуайян мемонанд, ба он равшанӣ андозад;

- ҳайати гурӯҳҳо вобаста ба хислати таълим ва мавзуи баррасишаванда дар дарсҳои забони русӣ доимо дар ҳолати тағйирёбист. Ва дар ҳолати ташкил кардани синф ба гурӯҳҳо омӯзгорро мебояд сатҳи ҷаҳонбинӣ, тафаккур, зеҳн ва ҷанбаҳои эҷодии хонандагони синфҳои 9-11–ро ба эътибор гирад. Бояд бештари иштирокчиён дар ҳар гурӯҳ хонандагоне интихоб карда шаванд, ки сатҳи саводи хуб дошта бошанд. Дар чунин маврид аз ҳисоби хонандагони болаёқат баъзан норасогиҳо дар гурӯҳ ҷуброн карда мешаванд;

- ҳангоми истифода шакли таълимии ба гурӯҳҳо ҷудо кардани синф дар раванди дарсҳои забони русӣ омӯзгор бояд ба хислату рафторҳои хонандагони синфҳои 9-11 нигоҳ карда, гурӯҳҳоро тақсим намояд. Яъне, дар гурӯҳ набояд хонандагоне, ки нисбат ба ҳамдигар муносибати манфӣ доранд ва бо ҳам тез-тез муноқиша мекунанд, вуҷуд дошта бошад;

- дар ҳар гурӯҳ роҳбари масъулеро таъйин кардан лозим аст, ки ба кори гурӯҳ, мубодила ва муҳокимаи ахборот роҳбарӣ карда тавонад. Ва интихоби роҳбари гурӯҳро ба ихтиёри худи аъзоёни он вогузор кардан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки чунин тарзи кори гурӯҳӣ фаъолият, шавқу завқ ва сатҳи дониши хонандагони синфҳои 9-11-ро баланд бардошта, маҳорати муошират ва муомилаи созгор кардан бо дигаронро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни таълимӣ инкишоф медиҳад.

Тавре муҳаққиқон В.Н. Жураковский ва З.К. Сазонова қайд мекунанд: «Истифодаи технологияи корҳои гурӯҳӣ чунин ташкили раванди таълимие мебошад, ки дар он муаллим имкони интихоб ва

ташаккул додани як гурӯҳи муайяни хонандагонро дорад. Чунин гурӯҳҳо аз рӯйи манфиатҳои умумӣ, хусусиятҳои рушд, ниёзҳо ва имкониятҳои таълимӣ ба ҳам муттаҳид ва ташкил карда мешаванд. Истифодаи самаранокии ин шакли гурӯҳӣ дар раванди таълим бартариятҳои худро борҳо нишон додааст» [160, с.22].

Дар натиҷаи ташкили корҳои гурӯҳӣ дар хонандагони синфҳои 9-11 таҷрибаи якҷо амал кардан, нақшаҳоро тарҳрезӣ намудан, тақсим кардани масъулият, робитаи байниҳамдигарӣ ва боварӣ ба қудрату иқтидори маърифатии худ ташаккул меёбанд. Дар чунин тарзи корӣ хонандагон байни худ муттаҳид мешаванд, таъсирҳои таълимии мутақобила сурат мегиранд, ҳамоҳангӣ ва ҳамдилӣ инкишоф меёбанд ва ҳисси масъулияту ӯҳдадорӣ барои натиҷаҳои фаъолияти муштарак рушд мекунанд.

Дигар шакле, ки дарсҳои забони русӣ ташкил карда мешавад ва дар ин раванд ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ташаккул меёбанд ин бароҳмонии фаъолияти лоиҳавӣ мебошад.

Забони русӣ ҳамчун санъат ва ҳамчун фанни таълимӣ дорои иқтидори назарраси тарбиявӣ мебошад, ки татбиқи онҳо аз ташкили оқилонаи муҳити таълим, методика, мундариҷа ва шаклҳои ҳамкории байни хонанда ва омӯзгор вобаста аст.

Ҷанбаи муҳим ва асоси дарси забони русӣ бояд фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон бошад, ки ба ҳавасмандгардонии дарки мафҳумҳои адабӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити имрӯза ва дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ истифодаи усули тарҳрезии фаъолият аз манфиат холӣ нест. Зеро, ин шакли фаъолияти педагогӣ ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон аз ҷумла, тадқиқоти масъалаи баррасишаванда, муошират байниҳамӣ ва гирифтани иттилооти нав мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки бароҳмонии фаъолияти лоиҳавие, ки дар дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор мегиранд, тамоми дониш, малака

ва маҳорати хонандагони синфҳои 9-11–ро ба ҳам оварда, шавқу рағбат ва ҳавасмандии онҳоро нисбати ин фан ташаккул медиҳад.

Дар ин бора педагог В.С. Лазарев чунин андеша дорад: «Фаъолияти лоиҳавӣ ба маънои васеъ як усули кориест, ки дар давоми он чизе, ки қаблан вуҷуд надошт (дониш, маҳсулот, намоишнома, усул ва ғайра) эҷод ва истифода мешавад ё чизе, ки аллакай мавҷуд аст, такмил меёбад. Инчунин, лоиҳаро метавон ҳамчун роҳи махсуси гузоштан ва ҳалли мушкилот муайян кард» [92, с.11].

Мақсади истифодаи фаъолияти лоиҳавӣ дар асоси лоиҳа фароҳам овардани шароитест, ки дар он хонандагони синфҳои 9-11 аз сарчашмаҳои гуногун мустақилона дониш мегиранд. Инчунин, ин раванд имконият фароҳам меорад, то хонандагон донишҳои бадастомадаро барои ҳалли масъалаҳои маърифатӣ истифода бурда тавонанд ва малакаҳои муоширату тафаккури таҳлилии худро сайқал бахшанд.

Фаъолияти лоиҳавӣ дар раванди ташкили дарсҳои забони русӣ аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад:

Марҳилаи аввал ин интихоби мавзуи баррасишаванда ва мушаххас кардани мушкилоти он ба шумор меравад.

Дарёфт кардани мавзуи мушаххас, ки шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои 9-11–ро баланд бардорад ва ҳар яки онҳо сухани худро нисбати мавзуъ баён созанд, масъалаи муҳим барои мақсаднок ташкил кардани дарси забони русӣ мебошад.

Мавзуе, ки дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ интихоб карда мешавад, метавонад мавзуе бошад, ки аллакай аз ҷониби адабиётшиносон ва муҳаққиқон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Масалан, таҳлили шеърҳои А.С. Пушкин, С. Есенин, Н. Некрасов, романи Л.Н. Толстой «Ҷанг ва сулҳ», ҳикояи М.А. Шолохов «Тақдири инсон», В.В. Маяковский достони «Хуб» ва амсоли инҳо.

Мавзуи лоиҳавие, ки педагог мехоҳад дар раванди дарсҳои забони русӣ истифода намояд, бояд ҷолибу хонданибоб бошад ва хонандагони синфҳои 9-11–ро водор созад, то ба умқи матни асар сарфаҳм раванд. Инчунин, тахмину фаҳмишҳои худро нисбати мавзуъ пайдо намоянд ва барои тавлиди ғояҳои нави тарбиявӣ замина фароҳам оранд.

Бояд ба эътибор гирифт, ки мавзуи фаъолияти лоиҳавӣ васеъ набошад. Мушаххас будани он хонандагони синфҳои 9-11-ро барои пурратар фаҳмидани мақсади нависанда роҳнамоӣ мекунад. Яъне, ин намуди фаъолият хонандагонро аввалан, аз моҳият ва арзиши масъалаи ҳалшаванда огоҳ менамояд, дуюм, ҳиссиёт ва муносибатҳои дохилии онҳоро ташаккул медиҳад ва сеюм таҳияи ҳадафҳо ва вазифаҳо ҷиҳати иҷрои масъалаи додашуда дар ниҳоди хонандагон сурат мегиранд.

Марҳилаи дигари ин методи корӣ банақшагирии фаъолияти лоиҳавӣ, ки дар ин раванд таносуби ҳадафҳо ва воситаҳои ноил шудан ба он, дарки маводи адабӣ ва ҷустуҷӯи илмӣ-эҷодиро дар бар мегирад, ба шумор меравад.

Дар ин марҳила банақшагирии азхудкунии далелҳои таърихӣ-адабӣ, кор бо сарчашмаҳои библиографӣ, маълумотномаҳо, монографияҳои илмӣ, муаррифии мавод, навиштан ва таҳрир кардан ба роҳ монда мешаванд.

Марҳилаи дигар ҷамъбаст кардани натиҷаҳо ва хулосаҳои лозимӣ баровардан мебошад. Дар ин марҳила ҳамаи ҷанбаҳои хонандагон, ки дар фаъолияти лоиҳавӣ иштирок намуданд, таҳлил кардашуда натиҷаҳои ниҳоӣ нисбати фаъолияти онҳо бароварда мешавад.

Марҳилаи дигар ба таври рунамо нишон додани натиҷаҳои бадастомада аз раванди фаъолияти лоиҳавӣ мебошад.

Марҳилаи охирон ҷамъбаст кардани натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада мебошад. Дар ин марҳила ба хонандагон метавонад омӯзгор бо якчанд саволҳо муроҷиат кунад, то фаҳмад, ки онҳо то кадом

андоза аз раванди фаъолияти лоиҳавӣ баҳра бардоштанд. Масалан, омӯзгор метавонад ба хонандагони синфҳои 9-11 бо чунин саволҳо муроҷат кунад: ҳангоми кор дар фаъолияти лоиҳавӣ шумо чиро омӯхтед, чӣ чизҳои навро барои худ кашф кардед, оё ба рафиқон дар ягон масъалаи мушкил ёрӣ расондед? Онҳо ба шумо чӣ тавр ёрӣ расонданд? Дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ чӣ душвориҳоро аз сар гузарондед? Таманнои шумо нисбати омӯзгор ва ҳамсинфон чист? ва амсоли инҳо.

Ба ҳамин минвол метавон гуфт, ки татбиқи фаъолияти лоиҳавӣ боиси тағйири мавқеи муаллим мегардад. Ӯ аз барандаи донишҳои тайёр ба ташкилотчии фаъолияти маърифатии шогирдонаш табдил меёбад.

Муҳаққиқ М.В. Ковалчук дар ин бора чунин қайд мекунад: «Ҳар як лоиҳа ҳадафи худро дорад. Дар лоиҳа вақт, муҳлат, макони иҷро, имкониятҳои татбиқ ва хотимаи он дарҷ мегардад. Барои татбиқи лоиҳа баҳодиҳии имкониятҳо, шароит, захираҳои мавҷуда ва натиҷаҳои пешбинишуда муҳим шуморида мешавад. Меъёрҳои асосии арзёбии лоиҳа аҳамият ва моҳияти амалии онро ифшо месозанд» [136, с.5].

Бояд қайд кард, ки фаъолияти лоиҳавии омӯзгор дар раванди дарсҳои забони рус дар баробари дигар шаклҳои таълимӣ ҳам бартарият ва ҳам дорои камбудӣ мебошад.

Афзалиятҳои он дар чунин ҷанбаҳо дида мешавад:

- худомӯзӣ ва малакаҳои худтанзимкунии хонандагони синфҳои 9-11 инкишоф меёбанд;
- вазифа ва натиҷаҳои маърифатии хонандагон ба таври дақиқ баррасӣ мегарданд;
- малакаҳои фаъолияти гурӯҳӣ рушд мекунанд;
- муносибати инфиродӣ ба раванди таълим суръат бахшида мешаванд;
- шавқ ба фаъолияти маърифатӣ ва донистани маълумоти нав дар ниҳоди хонандагон пайдо мешавад.

Камбудиҳои фаъолияти лоиҳавӣ:

- сарбории муаллимон зиёд мешавад;
- хонандагони синфҳои 9-11 аксар вақт ба вазъиятҳои стрессӣ, аз сабаби мунтазам омӯхтани як мавзуи мушаххас, дучор мешавад;
- мушкилоти равонӣ дар хонандагон ба вуҷуд меояд;
- баҳодиҳӣ ба баъзан амалҳо дар хонандагон кам ба назар мерасад.

Дар бораи фаъолияти лоиҳавӣ педагог Т.В. Захарова чунин андеша дорад: «Ҳангоми ташкили фаъолияти лоиҳавии хонандагон муаллим бояд дар хотир дошта бошад, ки лоиҳа як шакли ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонандагон буда, маҷмуи усулҳо ва амалҳои баҳам пайдарпаии мушаххас, ки барои ноил шудан ба як ҳадаф - ҳалли мушкилоти муайяне, ки барои хонандагон муҳим аст, мебошад. Дар ин баробар нақши омӯзгор тағйир ёфта, аз баррандаи одии дониш ба сифати нав - ташкилотчии бароҳмонии кори якҷоя бо хонандагон мегардад» [174, с.11].

Фаъолияти лоиҳавии таълимӣ дар дарсҳои забони русӣ барои хонандагони синфҳои 9-11 имкон фароҳам меорад, то мустақилона ё дар гурӯҳ бо истифода аз қобилиятҳои худ ғояҳои ҷолибро амалӣ намоянд, андешаҳоро баён созанд, неруи маънавиро санҷанд, донишҳоро ба кор баранд ва натиҷаҳои бадастомадаро ба таври оммавӣ нишон диҳанд. Ба таври дигар фаъолияти лоиҳавӣ яке аз роҳҳои беҳтарини ба ҳам пайвастани технологияҳои муосири иттилоотӣ, фаъол кардани хонандагони синфҳои 9-11 ва ба таври мустақилона омӯзонидани мавзуи барномаи таълимӣ мебошад.

Дигар тарзе, ки дарси забони русӣ ташкил карда мешавад ва дар ин раванд ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ба эътибор гирифта мешаванд ин омӯзиши бисёрсатҳа (бисёрзинагӣ) мебошад.

Бо дарназардошти ҳаҷми зиёди иттилооти таълимӣ мушкилоти қабул, таҳлил ва дар амал татбиқ намудани онҳо аз ҷониби хонандагони синфҳои 9-11 ба миён омадааст. Дар чунин шароит ба ҳамаи хонандагон

дар як сатҳи муайян таълиму тарбия бахшидан ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, барои ба роҳ мондан ва танзим кардани ин раванд дар бисёр ҳолатҳо омӯзгор ба монеаҳо дучор мегардад. Ва аксарияти хонандагон ба раванди таълиму тарбия ба таври лозимӣ фаро гирифта намешаванд.

Мақсади ҷорӣ намудани шакли таълими бисёрсатҳа дар дарсҳои забони русӣ аз он иборат аст, ки ҳар як хонанда дар асоси хусусиятҳои инфиродӣ ва таҷриба маводи таълимиро аз худ кунад.

Тавре дар боло зикр кардем самаранокии таълиму тарбия дар раванди истифодаи омӯзиши бисёрсатҳа дар дарсҳои забони русӣ аз хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда ба мисли, хотира, тафаккур, дарк, қобилияти ҳазми маълумот ва амсоли инҳо вобаста мебошад.

Омӯзиши бисёрзинагӣ маҷмуи усулҳо, методҳо ва равандҳои технологии таълимие мебошанд, ки дар шароити фарқияти дониши дохилисинфӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар асоси вокуниши чандирии омӯзгор ба рушди қобилиятҳои маърифатии хонандагон ба роҳ монда мешавад [107].

Мусаллам аст, ки хонандагони ҳар синф аз як фанни мухталиф дониш ва фаҳмишҳои гуногун доранд. Баъзеҳо зуд ва равон мехонанд, дигарон бошанд, баръакс ба ҳиҷо мутолиа мекунанд, яке тасаввуроти ғанӣ ва гуфтори хуб дорад, дигаре чунин лаёқат надорад. Бо туфайли омӯзиши бисёрсатҳа, ҳатто дар чунин синф ҳам метавон ба ҳадафи рушди ҳамаи хонандагон ноил гашт. Барои ҳалли ин масъала омӯзгор бояд  синфро ба сатҳҳо тақсим кунад.

Ба гурӯҳи якум хонандагон, ки нишондиҳандаҳои баланди таълимию тарбиявӣ доранд, ба гурӯҳи дуюм хонандагоне, ки қобилияти миёнаи дарсхонӣ доранд ва ба гурӯҳи сеюм хонандагоне, ки сатҳи пасти таълимӣ нишон медиҳанд, шомил карда шаванд.

Бартарияти чунин тартиби корӣ дар он аст, ки хонандагон дар раванди таҳсил имкони аз як зина ба зинаи дигар гузаштанро доранд.

Дигар тартибе, ки дарси забони русӣ ба роҳ монда мешавад ва ҷанбаҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 9-11 инкишоф меёбанд ин эҷодкорона ташкил кардани машғулиятҳо мебошад.

Яке аз вазифаҳои муҳим ва душвортарини самаранок ташкил кардани дарсҳои забони русӣ омӯзонидани хонандагони синфҳои 9-11 ҷиҳати эҷодкорона ва мустақилона фикр кардан ба шумор меравад.

Оро додани фазои синф бо гулу ашёи муносиби корӣ низ яке аз роҳҳои эҷодкорона ва бо завқи баланд ташкил кардани ҳар гуна дарсҳои забони русӣ дониста мешавад.

Педагог В.И. Саткина дар ин бора чунин андеша дорад: «Муаллими асилу ботаҷриба дарк мекунад, ки шароите, ки хонандагон дар он таълим мегиранд, моҳияти бузурги эмотсионалӣ барои онҳо дорад. Аз ин рӯ, бояд омӯзгор синфхонаро тавре батартиб дарорад, ки раванди таълим ва омӯзиши ҳар гуна фан ба руҳияи хонандагон фораму шинам бошад. Яъне, агар синфхонаро омӯзгор бо гулҳои тару тозаи хушбӯй ва деворҳоро бо ҳар гуна овезаҳои рангорангу диққатҷалбкунанда оро диҳад, ба манфиати кор хоҳад буд» [145, с.8].

Дар ниҳоди хонандагон тарбия кардани муносибатҳои эҷодкорона як қисмати дарсҳои забони русӣ буда, онро метавонад омӯзгор бо пешниҳоди таҳлили матни асари бадеӣ ё қироати шеъри шоир ба роҳ монад, ки ин тартиби кор ҷанбаҳои эстетикӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, дарки зебогиҳои муҳити атроф ва маҳалро ташаккул медиҳад.

Нишондиҳандаҳои асосии эҷодкоронаи хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ чунин қисматҳоро дар бар мегиранд:

- чандирӣ фикр кардан;
- дар муддати кутоҳ якчанд ғояҳоро таҳлил кардан;
- кунҷкобона ба масъала нигаристан;
- дақиқ кардани масъала;

- фикру андешаҳоро дар бораи масъалаи таълимӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ далерона изҳор кардан.

Дар воқеъ, кордонӣ ва муваффақияти ҳар як шахс дар ҷомеаи имрӯза, маҳз, аз эҷодкорона фикр кардан ва эҷодкорона амал кардан вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, таъмин ва татбиқ кардани ин равандро дарсҳои забони русӣ амалӣ карда метавонанд. Хонандагони синфҳои 9-11 ҳангоми мутолиаи асари нависанда тавре ки муаллиф зебогиҳои ашё, зуҳурот ва ҳолатҳоро ба қалам медарорад, дар ниҳоди онҳо ба шакли худкор ва эҷодкорона қабул мегарданд.

Дигар тарзи корие, ки дарсҳои забони русӣ бо ин тариқ самаранок ба роҳ монда мешавад ва ҷанбаҳои муҳими маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ташаккул меёбанд ин ташкили ҳамкориҳои таълимӣ дар синф, яъне ҳамкориҳои маърифатии муаллим–хонанда ва хонанда-хонанда мебошад.

Бояд қайд кард, ки гурӯҳи хонандагони синфҳои 9-11 ҳамчун субъекти коллективии фаъолияти таълимӣ, дар айни замон, чунин ҳамкориҳоро ба монанди, қабули якҷояи вазифаҳои пешниҳодшуда дар раванди дарсҳои забони русӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо, ҳамоҳангсозии иштирокчиён ва мубодилаи афкори маърифатӣ ба анҷом мерасонанд.

Ба андешаи педагог Е.В. Коротаева: «Ҳадафи ҳамкории педагогӣ ин фароҳам овардани шароит аз ҷониби омӯзгор ҷиҳати дар хонандагон инкишоф додани шавқу рағбат ба дониш, рушд бахшидани ҷанбаҳои ахлоқӣ дар асоси бароҳмонии шаклҳои гуногуни (инфиродӣ ва муштарак) фаъолияти тарбиявӣ ва ошкор кардани ҷанбаҳои мусбати онҳо мебошад» [84, с.143].

Ташкили ҳамкориҳо байни омӯзгору хонандагон ва байни худи хонандагон ҷиҳати мубодилаи маълумоти таълимӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 мусоидат карда, ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо дар фаъолияти таълимӣ самаранок

муошират кунанд, балки дарки амалҳои худро нисбат ба дигар иштирокчиёни фаъолияти муштарак ба танзим дароранд. Инчунин, дар ин раванд, дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 қобилиятҳои таҳаммулпазирӣ нисбат ба ақидаҳои дигарон, хоҳиши фаҳмидани нуқтаи назари ҳамсинфон (агарчи он хилофи нуқтаи назари шахсӣ бошад), ҳисси ҳамдилӣ, қобилияти дарк кардани ҳолатҳои эмотсионалии иштирокчиён, инкишофи ташаббускорӣ дар ҷустуҷӯи маълумот, ҷуръати пешниҳоди нақшаи амалиёти умумӣ, идора кардани хашми худ ҳангоми низоъ ва оқилона рафтор кардан инкишоф меёбанд.

Дар раванди ба роҳмонии дарсҳои забони русӣ омӯзгорро мебояд, ба фаъолияти якҷояи коллективӣ, ба роҳмонии ҳамкориҳои таълимӣ ва шароит фароҳам овардан барои ташкили самараноки ин раванд, ки аз манфиат холӣ нест, ҳамаи чораҳоро пешбинӣ намояд. Фаъолияти муштараки хонандагон бояд ба як мақсади муайяни маърифатӣ ба мисли, танзими рафтору амалҳо, рафъсозии эҳсосоти манфӣ ва ҷалбсозии хонандагон ба фаъолияти таълимӣ нигаронида шуда бошад.

Дар дарсҳои якҷоя, масалан, дар яке аз пойгоҳҳои таҳқиқот, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 56 буд, ҳангоми таҳлили шеърҳои Сергей Есенин дар синфи 11-ум хонандагон бо як майлу хоҳиши том шеърҳои ин шоири нуктадонро таҳлилу баррасӣ мекарданд. Аз раванди чунин методи корӣ ошкор мегардид, ки фаъолияти якҷоя ба хонандагон фараҳу шодӣ мебахшид. Онҳо худро дар фазои озоди таълимӣ эҳсос мекарданд ва ҳар яке мехост фикру андешаҳояшро нисбати шеъри шоир иброз намояд. Нақши омӯзгор дар инҷо начандон ҳам баназар мерасид, вале ҳузури ӯ ба хонандагон руҳу илҳоми дигар зам мекард. Ва онҳо дар баъзан мавридҳо аз омӯзгор дар бораи фикри пешниҳодкардааш мехостанд баҳои сазовор гиранд.

Тавассути иштирок дар фаъолияти муштарак хонандагони синфҳои 11 кӯшиш мекарданд, ки диду назари худро нисбати масъалаи

баррасишаванда ифшо намоянд ва ба ҳақ будани худ далелҳоро пешкаш мекарданд. Муайян мегардид, ки чунин методи корӣ хоҳиши дарсомӯзии хонандагони синфҳои 9-11-ро дучанд карда, барои ба даст овардани натиҷаи умумӣ онҳо кӯшишҳо ба харҷ медоданд.

Педагог А.В. Москаленко дар ин бора чунин андеша дорад: «Шароитҳои педагогии бароҳмонии ҳамкориҳои омӯзгор бо хонандагон ин фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати рушд бахшидани сифатҳои инфиродӣ дар асоси интихоби озод, ки дар ин замина, худтакмилдиҳӣ ва худрушдкунии таълимгирандагон сурат мегиранд, дониста мешавад» [110, с.3].

Хулоса, дарсҳои забони русӣ барои инкишоф додани малакаҳои муошират, ҷанбаҳои маърифатӣ, ҳисси ҳамдилӣ, таҳаммулпазирӣ, эҷодкорӣ ва маънавии хонандагони синфҳои 9-11 заминаи мусоид фароҳам оварда, барои татбиқи онҳо дар раванди ҳаёт шароит муҳайё месозанд. Муҳокимаи асарҳои адабӣ, таҳлили матнҳо, баён кардани фикру мулоҳизаҳо нисбати масъалаи баррасишаванда дар раванди дарсҳои забони русӣ ба ташаккули малакаҳо ва ҷанбаҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 9-11 мусоидат мекунад.

Забони русӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 имкон медиҳад, ки худро дар олами тахайюлӣ эҳсос кунанд. Тавассути қаҳрамонҳои адабӣ хонандагон он орзӯю умедҳои худро, ки дар раванди ҳаёт мехоҳанд амалӣ шаванд, тасаввур мекунанд, ки ин тарз ба рушди зеҳни эмотсионалӣ, қобилияти фаҳмидан ва назорат кардани эҳсосот заминаи мусоид фароҳам меорад.

Инчунин, забони русӣ ба инкишофи тафаккури танқидии хонандагони синфҳои 9-11 кумак мерасонад. Ҳангоми таҳлили шеърҳо ва асарҳо, муайян кардани мазмуну муҳтавои онҳо ва баҳо додан ба рафторҳои қаҳрамонҳо дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 тафаккури таҳлилӣ ва маҳорати аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додан ба асарҳо ва муаллифони онҳо ташаккул меёбанд.

Агар, ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикр гардидаро таҳлил намоем ошкор мегардад, ки дарсҳои забони русӣ воситаи тавонои ташаккули арзишҳои ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор рафта, ба таври шоиста ташкил кардани онҳо ҷанбаҳои муҳими ҳаётиро рушд мебахшанд.

## Хулосаи боби 1

Бояд зикр кард, ки донистани забони русӣ барои ҳар як инсон ҳамчун воситаи асосии муошират бо одамони дигар зарур аст. Адабиёте, ки ба забони русӣ эҷод шудааст, барандаи маъниҳо ва ғояҳои маънавию ахлоқиест, ки барои дарки маънои ҳаёт ва муайян кардани мавқеи худ дар он муҳим арзёбӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки инсон аз хурдсолӣ бо забони модарии худ фикр карда, андешаашро баён мекунад ва бо ёрии он оламро аз худ мекунад. Аммо донистани забонҳои хориҷӣ аз ҷумла, русӣ хонандагонро бо фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва рӯзгордории халқҳои дигар ошно месозад. Ҳар қадаре, ки захираҳои луғавии хонандагон ғанӣ бошад, ҳамон қадар тарзи муошират ва услуби истифода бурдани он қобили қабул мегардад. Дар ин росто, қобилияти суханронӣ, навиштан, гӯш кардан, хондан ва фаҳмидани асарҳои бадеӣ осон гардида, рушди зеҳн, тафаккур ва тарзи фикрронӣ сурат мегирад.

Азхуд намудани захираҳои луғавии забон бо тамоми гуногунии он ва кашфи сарватҳои осори адабӣ ба ташаккули малакаи хониш ва фаҳмиши хонандагон мусоидат карда, тарзи маҳорати муошириати онҳоро сайқал мебахшад. Бидуни ин малакаҳо фаҳмидан ва мулоҳиза кардан дар бораи он чизе, ки хонандагон мутолиа кардаанд, бе қобилияти бо калима баён кардани фикр ва ворид шудан ба муколама бо шахсони дигар, ки дар ин замина, тафаккур ва зеҳн ташаккул меёбад, вуҷуд надорад.

Бешубҳа, дар ҷаҳони муосир донистани якчанд забон ба шахс имконият медиҳад, то тавоноӣ ва маҳоратро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият самаранок истифода барад ва мақсадҳои худро амалӣ созад.

Гарчанде, ки забони русӣ рамзи фарҳангии мамлакати Русия бошад ҳам, донистан ва истифода кардани он дар шароити кунунӣ аз манфиат холӣ нест. Дар тамоми ҷаҳон давлати Русияро ҳамчун зодгоҳи нависандагони оламшумул, ба монанди, А.С. Пушкин ва Н.В. Гогол, И. Тургенев, Л. Толстой, Ф.М. Достоевский, А.П. Чехов, А. Солженитсин ва бисёр дигарон медонанд. Шавқу завқ ба донистани фарҳанг ва забону забони русӣ дар тамоми ҷаҳон ҳамеша баланд буд, аз он сабаб, ки дар асарҳои нависандагони бузурги рус намунаҳои барҷастаи маромҳои волои инсонӣ, эҳтиром ва самимият нисбат ба якдигар мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Имрӯзҳо идомаи ин анъана вуҷуд дошта, хонандагон ва ҳаводорони забони русӣ метавонанд, аз дурдонаҳои ин миллати оламшумул, ки сар то ба по ба тарбияи шахси бомаърифат, хоксор, дурандеш ва таҳаммулпазир нигаронида шудаанд, истифода намоянд. Таълими забон ва забони русӣ бояд ба ҳалли сифатҳои дар боло зикр гардида нигаронида шавад.

Тавре мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, таълими забони русӣ дар мактабҳо диққати начандон медиҳанд. Хонандагон он қадар майл ба китобхонӣ ва эътибор додан ба раванди дарси забони русиро надоранд. Тағйироте, ки дар сохтори машғулиятҳо дар муассисаҳои таълимӣ дида мешавад, ба мисли, истифодаи васоити электронӣ бо муаррифии матнҳои ғайрихаттӣ, фаровонии матнҳои кӯтоҳ, шакли чопии норавшан, кам шудани ҳаҷм ва тағйири сохтори онҳо дар баробари як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ ва забонӣ ба он оварда мерасонад, ки матни китоби анъанавии хаттӣ дар ҳаҷми калон аз ҷониби хонанда дарк ва фаҳмиш карда намешавад. Ин монеаи ҷиддие мегардад, ки хонандагон маводи дарсиро ба пуррагӣ аз худ намекунанд. Ва ин боис

мегардад, ки хонандагон барномаи таълимиро ба пуррагӣ аз худ карда наметавонанд.

Бо ҳамин матлаб, мақсади консепсияи таълими забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муайян кардани мушкилоте, ки дар раванди ин фанни таълимӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мавҷуданд, муайян кардани роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо ва ошкор кардани шароитҳое, ки ба рушди забондонӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагон мусоидат мекунанд, мебошад.

Забони русӣ хосияти тарбиявӣ дошта, хонандагонро ба роҳи рости зиндагӣ, дар асоси мутолиаи асарҳои барҷастаи нависандагони рус, роҳандозӣ менамояд.

## Боби 2. Моҳияти методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди таълими фанни забони русӣ

### 2.1. Арзиши дарсҳои забони русӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ

Асосан, тамоми стандартҳои таълимии системаи маориф, ки ба марҳилаи сифатан нав гузашта истодаанд, самти онҳо ба азнавсозии ин соҳа нигаронида шуда истодаанд. Асоси стандартҳои давлатии таълим, пеш аз ҳама, тарбияи маънавӣ-ахлоқии шахс мебошад.

Тавре мушоҳида мешавад, тағйироте, ки дар ҳаёти иҷтимоии кишварамон, махсусан, дар соҳаи маориф сурат гирифта истодаанд, проблемаҳои маънавиёт, ахлоқ ва ҷаҳонбинии насли наврасро ба сатҳи нисбатан нав ва актуалӣ гардонидааст.

Тавре педагог ва муҳаққиқ Н.С. Табаров мешуморад: «Тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва ҷавонон яке аз проблемаҳои асосии ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Чунки рушди ҷомеа аз бисёр ҷиҳат марбут ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аст. Дар шароити кунунӣ ин масъала то сатҳи лозимӣ омӯхта нашудааст ва таъсири он барои рушди ояндаи ҷомеа рӯз аз рӯз аз худ дарак дода истодааст» [164, с.291].

Проблемаи маънавиёт ва ахлоқ ҷовидона арзёбӣ гардида, дар раванди тараққиёти таърихии тамаддун ташаккул ёфта, таърихӣ дуру дароз дорад. Муддати тулонӣ илми педагогика ин масъаларо бе истифода аз истилоҳи «маънавиёт» баррасӣ менамуд. Дар илми педагогии муосир маънавиёт ҳамчун принсипи олӣ ба ҳисоб рафта, ба арзишҳои асосии мавҷудияти инсон нигаронида шудааст [94, с.8].

Тибқи талаботи стандартҳои нав дониши гирифташуда аз раванди дарсҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон набояд яктарафа ва мисли «чизи беҷон» бошад, баръакс бояд онҳоро озодона истифода бурда, мустақилона инкишоф дода, дар ҳаёт татбиқ намоянд. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор на танҳо ба хонандагон шароит муҳайё кардан барои дарёфти

дониш, балки ба онҳо омӯзонидани малакаҳои нав ва намудҳои ҷадиди фаъолият муҳим арзёбӣ мегардад.

Имрӯзҳо ҷои шубҳа нест, ки сифати таълимро на танҳо ба миқдор ва дараҷаи дониш, балки ба сифати рушди шахсият, маънавиёт, ҷаҳонфаҳмӣ, зебописандӣ, дарки ҳуввияти миллӣ ва амсоли инҳо муайян мекунанд. Дар низоми маорифи муосир, махсусан дар раванди таълиму тарбия забони русӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Илова ба ин, дар Барномаҳои намунавии таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни забони русӣ ҳамчун фанни асосии таълимӣ, ки симои маънавӣ ва ҷанбаҳои ахлоқии насли наврасро ташаккул медиҳад, тавсиф шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯзҳо дар наздиҷомеа проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар қатори дигар равандҳои таълимию тарбиявӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон дода истодаанд, ки дар аксари хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбати арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, то як андоза бетафовутӣ ва беэътиноӣ ба назар мерасад. Наврасони муосир аз низоми арзишҳои воқеии умумибашарӣ ноогоҳ монда, дар онҳо ҳисси бегонапарастӣ ва майл кардан ба фарҳангҳои бегона сурат гирифта, тафаккур, дарки рафторҳои ахлоқӣ, тарзи муоширát ва нигоҳҳои маънавӣ коста гардида истодааст.

Нависанда ва мутаффакир Л.Н.Толстой гуфта буд: «Аз ҷиҳати маънавӣ рушд кунед ва ба дигарон дар ин масъала ёрӣ расонед». Муаллими фаннӣ бояд мутахассиси кори худ бошад ва ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагонро тақвият бахшад. Албатта, барои ташаккули шахсият омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, аммо маҳз дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, муносибатҳои созгори байниҳамӣ симои дигар мегиранд [108, с.4].

Ба андешаи мо яке аз сабабҳои коста гардидани маънавиёт ва ахлоқи наврасон ва ҷавонон, пеш аз ҳама, таъсирҳои манфии сомонаҳои

иҷтимоӣ, интернет, майл надоштан ба китобу китобхонӣ ва бе ранҷу машаққат ба даст овардани манфиат мебошад. Ба эътибор гирифтани чунин шароит педагогонро вазифадор мекунад, ки раванди дарсҳои таълимӣ, махсусан машғулиятҳоро аз фанни забони русӣ пурзур намуда, ҷанбаҳо ва самтҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврасро тақвият бахшанд. Ва ҳар як дарси забони русиро баҳри беҳтар намудани савияи дониш, маҳорат, малака ва эҷод табдил диҳанд.

Дар ашъори нависандагон ва адибони рус нигоштаҳои зиёд нисбати маънавиёт, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва дарки маънои ҳаёт, ки барои тарбияи насли наврас муҳим мебошанд, инъикос гардидааст. Яъне, шоирон ва адибон он масъалаҳое, ки насли наврасро дар тули давраи мактабхонӣ мушавваш месозанд ва мехоҳанд, то ба он саволҳо ҷавобҳо пайдо намоянд, ба таври шоиста баррасӣ гардидаанд. Ба мисли, донистани маънои ҳаёт, дарки арзишҳо, олами атроф, эҳтироми шахсони калонсол, меҳр варзидан ба Ватан модар ва гироми доштани хотираи қаҳрамонони ҷангу меҳнат ва амсоли инҳо.

Дар ин радиф, омӯзгор муваззаф аст, ки хонандагонро ба андеша кардан баҳри дарёфти саволҳои беҷавоби худ роҳнамоӣ кунад. Ба андешаи дигар педагог бояд тафаккури таҳлилии хонандагонро тақвият бахшида, ба онҳо фаҳмонад, ки забони русӣ барои дарёфти масъалаҳои характери маънавӣ-ахлоқӣ дошта ёрирасон шуда метавонад.

Маҳз, мақсади фаъолияти педагогӣ низ дар ҳамин асос бояд зуҳур кунад. Яъне, ташаккул додани шахсияти эҷодкор, қавиирода, масъул барои амалҳо, баҳои сазовор додан ба рафтору гуфтор ва кирдори худу дигарон.

Ба андешаи педагог Л.Н. Гришина «Дарсҳои забони русӣ ҳамеша дарсҳои таранумгари ахлоқӣ, некӣ ва зебоӣ буданд ва мемонанд. Иқтидори ҷанбаҳои ахлоқӣ ва эстетикии забони русӣ хеле бузург буда, дараҷаи таъсири эмотсионалии он бепоён аст» [43].

Асарҳои адабии забони русӣ дар худ таҷрибаи бою пурғановати шоирону нависандагони барҷастаро дар шакли афсонаҳо, ҳамосаҳо, ривоятҳо ва достонҳо маҳфуз дошта, дар тарбияи хонандагон нақши созгор доранд. Аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои таълими фанни забони русӣ аз он иборат аст, ки ба хонандагон баҳри дарк ва қабули суннатҳои ахлоқӣ, ки дар осори адибони рус мавҷуд аст, мусоидат намоянд.

Тавре мушоҳида мешавад имрӯзҳо таълими забони русӣ, ки бештар ҷанбаҳои тарбиявӣ дорад, моҳияти худро нишон дода, ҷустуҷӯи ангезаҳои дохилиро барои бедор кардани ҳиссиёти хонандагони синфҳои 9-11 талаб дорад.

Мусаллам аст, ки аксари мактаббачагон шавқу завқ, сарфаҳм рафтан ва бо персонажҳои адабиёт дар гуфтугӯ гардиданро надоранд. Илова ба ин, хонандагони синфҳои 9-11 дарки образҳои бадеиро надошта, аз фазои лаззат бурдан ҳангоми ба даст гирифтани китоб ноогоҳ мондаанд.

Дар раванди дарсҳои забони русӣ истифода намудан аз технологияҳои муосир ба манфиати кор хоҳад буд. Зеро, ин тарзи фаъолият имкон медиҳад, то ҳадди зарурӣ вазифаи инсонгароёнаи таълим, ки аз ҷониби давлат ба миён гузошта шудааст, ҳал карда шавад. Яъне, дар раванди таълим таъсирҳои мутақобилаи омӯзгор ва хонанда сурат гирифта, ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои тарбиявӣ низ рӯйи кор меоянд. Таҷрибаҳои педагогӣ ошкор месозанд, ки самаранокии таълим дар сурати истифода бурдани таълими инноватсионӣ, ки ба технологияҳои муосири таълимӣ асос ёфтааст, меафзояд.

Педагог О.О. Путило дар китоби худ бо номи «Технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи таълими адабиёт» қайд мекунад: «Дар байни ҳама технологияҳо, ба андешаи мо, иқтидори бузургро технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ доро мебошанд, ки имкониятҳои онҳо дар таълими адабии мактабӣ пурра истифода нашудаанд» [66, с.7].

Ба андешаи мо дар раванди машғулиятҳо аз фанни забони русӣ истифодаи технологияҳои муосири зерин ба манфиати кор хоҳад буд:

• технологияи таълими проблемавӣ;

• технологияи рушди тафаккури интиқодӣ;

• истифодаи технологияҳои компютерӣ (ТИК);

• муҳайё кардани шароит барои инкишоф ва фаъолноккунии хонандагон.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим ва тарбияи забони русӣ аз усулҳо, шакл ва методҳои зерин истифода кардан раванди ин тарзи фаъолиятро ба маротиб суръат мебахшад:

- конспекти мукаммал;
- ҳуҷуми зеҳнӣ;
- муҳокимаи гурӯҳӣ;
- таҳлили гурӯҳӣ;
- пайдарҳамӣ;
- занҷирҳои мантиқии омехта;
- бозиҳои дидактикӣ;
- истифодаи тестҳо;
- кор бо матн;
- шакли кори гурӯҳӣ;
- шаклҳои ғайрианъанавии корҳои хонагӣ ва ғайра.

Тавре дар боло зикр кардем истифодаи методи омӯзиши проблемавӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ нисбати дигар методҳои омӯзишӣ бартарият дорад. Зеро, дар раванди истифодаи ин метод хонандагон натанҳо ба азёд кардан ва ба хотир гирифтани масъала, балки бо ҳалли масъалаҳое, ки дар низоми муайян интихоб шудаанд, машғул мешаванд.

Дар ин радиф педагог-физики австриягӣ Л. Болтсман чунин гуфта буд: «Аз назарияи хуб чизи амалитаре нест. Танҳо назария имкон медиҳад, то ақидаю қонуниятҳои умумӣ муайян карда шаванд,

системаҳои мушаххаси фаъолият тамсила ёбанд, ки дар натиҷа сохтори типи нави таълим ва дараҷаи ба фаъолияти эҷодӣ наздик ошкор карда шавад» [104, с. 36].

Муаллим фаъолиятро тавре бояд ба роҳ монад, ки хонандагон масъалаи баррасишавандаро мустақилона аз маводҳои пешниҳодгардида барои ҳалли он пайдо кунанд, умумияту хулосаҳои зарурӣ ба даст оранд, муқоиса ва таҳлил карда, донишҳои лозимӣ ба даст оранд. Асоси таълими проблемавӣ, ки дар раванди он ҷанбаҳои тарбиявӣ низ ҳалли худро меёбанд, маҳорати дарёфти масъалаи мубрам, мушкилӣ ва ба ин васила, ба вуҷуд овардани омӯзиши проблемавӣ ва ташкили роҳҳои ҳалли масъала мебошад. Якчанд усулҳои методологӣ барои иҷрои ин вазифаҳо вуҷуд доранд, аз ҷумла:

- дар ибтидои дарс вазъияти проблемавиро ба вуҷуд овардан;
- масъаларо тавре ба роҳ мондан лозим, ки хонандагонро ба ихтилоф оварад ва онҳо роҳи ҳалли проблемаро пайдо кунанд;
- ҷустуҷӯи фарзия ва шарҳи тахминии зиддиятҳои ошкоршуда;
- муқоиса ва умумӣ кардани нишондоду натиҷаҳо, хулоса баровардан аз вазъият;
- санҷиши фарзия ва ҷустуҷӯи воситаҳои ҳалли он;
- нуқтаи назари хонандагонро баён кардан;
- таҳлили натиҷаҳо, хулоса баровардан, донишҳои андӯхтаро дар рафти дарс татбиқ намудан.

Дар раванди муҳокимаи масъалаҳои проблемавӣ фикру андешаҳои гуногун, аксар вақт ба муқобили якдигар баён карда мешаванд. Ва ин муҳиммияти раванди мазкурро нишон медиҳад. Яъне, ба ин васила мо ошкор месозем, ки хонандагон нисбати масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари хешро доранд ва онро ҷонибдорию дифоъ мекунанд.

Дар раванди дарсҳои забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шеърҳои шоирони асрҳои 19 ва 20 ба мисли, Анна Ахматова, Марина Светаева, Владимир Маяковский, Владимир

Висотский ва дигарон ба хонандагон омӯзонида мешаванд, ки барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо муфид маҳсуб меёбанд.

Шеъри Анна Ахматова «Ҷасорат», ки ба хонандагони синфҳои 11 дар дарсҳои забони русӣ омӯзонида мешавад, ҷанбаҳои тарбиявӣ дошта, онҳоро барои мубориза бурдан ҷиҳати ба даст овардани озодӣ ва мардонагӣ нишон додан дар ҷойҳои лозимӣ талқин месозад.

Анна Ахматова шеъри «Ҷасорат»-ро соли 1942, ҳангоми дар Тошканд қарор доштанаш эҷод мекунад. Замони ҷанг шоирон ва нависандагонро ба ҳам оварда, онҳо дар ашъори худ, ҷиҳати муттаҳид кардани одамон ва баланд бардоштани рӯҳияи мардум асарҳо иншо мекарданд.

Мусаллам аст, ки Анна Ахматова аз низоми коммунистӣ пуштибонӣ намекард. Зеро, ин низом сарнавишти ӯро куллан тағйир дода буд. Яъне, дар ин давраҳо шавҳараш - шоир Николай Гумилевро қатл карданд, писарашро барои ақидаҳои зиддишӯравӣ ба Сибир бадарға намуданд ва шеърҳояшро дар маҷаллаҳо чоп намекарданд.

Бо вуҷуди ин, Ахматова медид, ки замони ҷанг тавонист мардуми русро ба ҳам оварда, дар мубориза бо фашизм муттаҳид кунад. Ӯ эътимод дошт, ки ҳамватанонаш хоки сарзамини худро озод мекунанд, аммо хуб дарк мекард, ки мардум ба дастгириҳои маънавӣ ниёз доранд. Анна Ахматова мефаҳмид, ки бо эҷодиёти худ, метавонад ба ҳомиёни ватанаш кумак расонад.

Тавре аз номи шеър муайян мегардад, он ба ҷавонмардӣ ва ҳифозати марзу буми Ватан бахшида шудааст. Дар шеър шуҷоати мардум ва муборизаи беамон бурдан барои озодӣ ва фарҳанги худ баррасӣ шудааст.

Дар сатрҳои аввали шеър, Ахматова аз номи мардум суханронӣ карда, изҳор медорад, ки арзиши рӯйдодҳои дар ин замон рухдодаашро дарк мекунад. Барои ҳамватанонаш «соати шуҷоат фаро расидааст».

Анна Андреевна итминон дорад, ки шуҷоат бузургтарин иттифоқчии халқи ӯ бар зидди фашизм мебошад.

Тавре дар боло зикр кардем мавзуи асосии шеъри Анна Ахматова «Ҷасорат» ин шуҷоат, далерӣ, мардонагӣ, ватандӯстӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию давлатӣ мебошад.

Омӯзгор бояд хонандагонро ба он водор созад ва таъкид кунад, ки онҳо дар замони осоишта таваллуд ва ба воя расида истодаанд. Ҳеҷ гоҳ садои овози баланди ҳамлаҳои ҳавоиро нашунидаанд, хонаҳои вайрона ва оташзадаро надидаанд, дар хонаҳои сард зиндагӣ накарданд ё бо хӯроки ками низомӣ ҳарбӣ зиндагӣ кардан чӣ гуна аст, намедонанд. Хонандагон чунин манзараҳои ҳузнангези ҷангро ба воситаи намоишномаҳо ва филмҳо бо тариқи телевизион дидаанд. Дарк кардани ҳолати зиндагии мардуми он замона аз шахс заҳматҳои зиёти эмотсионалиро талаб дорад. Аз ин рӯ, аз омӯзгори ботаҷриба ва сатҳи касбияти баланд дошта самарнокӣ ва ҷанбаҳои тарбиявии ҳар як дарс вобастагии калон дорад.

Дар раванди дарси забони русӣ барои боз ҳам ҷолиб гардидани раванди машғулиятҳо муҳайё намудани муҳити педагогӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ва агар педагог ба хонандагон муроҷиат карда гӯяд, ки:

- мардонагӣ ва шуҷоатро шумо дар чӣ мебинед?

- падару модар ва бобою бибиатон ба шумо чӣ кору амали некро меомӯзонанд?

- кадом шеъри шоирон ва ҳикояҳои нависандагон, ки омӯзгорон дар раванди дарсҳои забони русӣ ба шумо меомӯзонанд, барои қарори дуруст интихоб кардан ёрӣ расонд?

Албатта, чунин саволҳо хонандагонро водор месозанд, ки факр карда, ҷавобҳои муносиб диҳанд.

Баъди пешниҳоди чунин саволҳо аз ҳар тараф дар бораи муомилаи одамон, тарзи фикронӣ ва амалҳои онҳо музокирот барпо карда мешавад. Баъди анҷоми чунин машғулиятҳо хонандагон ба хулосае

меоянд, ки шахсони наздик ба онҳо меҳру муҳаббат, самимият ва шавқатро меомӯзонанд, зеро бе ин хислатҳо дар ҳаёт зиндагӣ кардан мушкилиро ба бор меорад.

Яке аз машҳуртарин нависандагони забони русӣ Николай Василевич Гогол ба шумор меравад. Дар муҳити адибони рус Гоголро ҳамчун нависанда ва тарбиятгари маънавӣ-ахлоқӣ мешиносанд. Ашъори Н.В. Гогол дар китоби забони русии синфи 9 ба таври мушаххас оварда шудааст.

Ҳамаи асарҳои Н.В.Гогол ҷанбаи тарбиявӣ дошта, хонандагони синфҳои 9-ро ба фикр кардан ва бо қаҳрамонҳои асар ҳодисаҳоро азсаргузаронидан водор месозанд. Масалан, дар повести «Тарас Булба» Гогол бо як маҳорати касбӣ симои Андрей Булбаро инъикос кардааст.

Хиёнат ва муҳаббати Андрей Булба дар байни хонандагони синфҳои 9 вокуниши зиндаеро ба амал меорад. Дар бораи амалҳои Андрей фикру андешаҳои хонандагон гуногун мебошанд. Аксари хонандагон хиёнати ӯро ба хотири ишқ маҳкум мекунанд. Қисмати дигар нуқтаи назари муқобил доранд. Чунин мепиндоранд, ки Андрей ба хотири ишқ ба падар, бародар, рафиқон, модар ва Ватан хиёнат кард, ки ин амал нобахшиданист. Яъне, Панночка (духтари ҷанговари Лаҳистонӣ, маҳбубаи Андрей) ҳангоми вохӯрӣ бо Андрей дар Дубнои муҳосирашуда чӣ гуна рафтор кард? Панночка бо гиря ба Андрей рӯй оварда мегӯяд: «Ман хеле хуб медонам, ки ишқи мо оянда надорад, ту ҳаққи маро дӯст доштан надорӣ. Туро падару модар, рафиқон, Ватан мунтазир аст. Мо душманони шумо ҳастем».

Бо ҳамин минвол метавон гуфт, ки технологияи таълими проблемавӣ имкон медиҳад, то раванди таълим пурзур ва эҳёю пурқувват карда шавад. Инчунин, ба ташаккули тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9 мусоидат намуда, ворид гардидан ба моҳияти масъалаи баррасишаванда муайян гардида, ғоя ва мақсадҳои муаллиф ошкор карда шавад.

Барои омӯзгор истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ҷолиб аз он ҷиҳат аст, ки усулҳо ва воситаҳои истифодаи онро пешниҳод мекунад. Дар ин раванд, хонандагон на танҳо азхуд кардани иттилоот, балки аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ кардан, фаҳмидан ва татбиқ кардани маълумот ба миён меоянд. Ва хонандагон бо сарварии омӯзгор дар ин раванд камфаъол намешинанд, балки қаҳрамони асосии дарс гардида, фикр мекунанд, ба хотир меоранд ва андешаҳои худро ба якдигар баён ва муҳокима мекунанд.

Ташаккули тафаккури интиқодӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини системаи маориф мебошад. Хониши адабӣ ба ташаккули хислатҳои тафаккури интиқодӣ таъсири судманд расонида, аввалан, барои таҳлил ва хулосаи дуруст баровардан дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, баъдан, хонандаро талқин месозад, то амалҳои худро мулоҳизакорона санҷиш намояд [154, с.21].

Бояд қайд кард, ки методологияи рушди тафаккури интиқодӣ се марҳила ё давраро дар бар мегирад:

- мушкилот;
- фаҳмиш;
- мулоҳиза.

Марҳилаи аввал мушкилот аст. Ҳалли мушкилот ва пешниҳод кардани масъалаи ҳалталаб бояд дар ҳар як дарс вуҷуд дошта бошад. Ин марҳила дар худ чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад:

- навсозӣ ва хулосаи аниқ баровардани хонандагон оид ба мавзуъ ё мушкилоти пешниҳодгардида;

- бедор кардани хонандагон ва фаъолсозии онҳо;

- ҷавоби мушаххас пайдо кардани хонандагон оид ба проблемаи матраҳшаванда;

- ташвиқ кардани амалҳои созанда ва созгор дар синф ва корҳои беруназсинфӣ.

Марҳилаи дуюм фаҳмиш аст. Ин марҳила дигар вазифаҳоро низ доро мебошад ва ба хонандагон имкон медиҳад, то:

- маълумоти нав ба даст оранд;
- ҷаҳонбинӣ васеъ гардад;
- донишҳои мавҷударо бо дигар маълумот муқоиса кунанд.

Марҳилаи сеюм мулоҳиза (инъикоси дониш) мебошад. Ва дар худ чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад:

- фаҳмиши ҳамаҷониба ва умумӣ кардани иттилооти гирифташуда;
- азхудкунии маълумот ва дар ин замина ғанӣ гардонидани донишҳо;
- ташаккули муносибати шахсӣ дар коллектив дар асоси маълумоти бадастомада.

Дар шароити имрӯза дарсҳои забони русиро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро, имкониятҳои илму техника омӯзгорро водор месозанд, то дар машғулиятҳои фанни забони русӣ аз асбобҳои аёнӣ фаровон истифода баранд. Асбобҳои аёнӣ таъсир ва ҷанбаҳои раванди таълиму тарбияро вусъат бахшида, шахсияти хонандаро аз ҳар ҷиҳат ташаккул медиҳанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Г.А. Телегина: «Асбоб ва ашёи аёнӣ яке аз воситаҳои самарабахши раванди таълим ба шумор рафта, барои самарабахш азхуд намудани маводҳои таълимӣ мусоидат мекунанд» [167].

Дар раванди ташкил кардани ин шароит дар хонандагон тафаккури таҳлилӣ ба сатҳи дигар баромада, ҳангоми муқоисаи тасвирҳо, эҷодиёти рассомони гуногун, илюстратсияҳо ва дигар ашёи аёнӣ дар дарсҳои забони русӣ ҷаҳонбинии онҳоро ривоҷ медиҳад.

Дар синфҳои 9-11 ҳангоми таълим омӯзиши повести В.П. Астафев «Подшоҳ - моҳӣ» хонандагон ба муҳтавои асар шинос шуда, ба воситаи рунамо воқеаҳои дар он дарҷгардидаро аёнӣ мебинанд. Дар воқеъ, ин

шакли кор хонандагонро фаъол гардонида, завқи онҳоро ба мутолиаи китоб бедор месозад.

Ба ҳамин минвол, истифодаи воситаҳои аёнии техникӣ дар дарсҳои забони русӣ на танҳо самаранокии таълиму тарбияро ба таври назаррас афзоиш медиҳад, балки барои фароҳам овардани фазои мусоид баҳри аз худ кардани маводи таълимӣ ва дар ин замина рушд бахшидани ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Ба андешаи мо ҷанбаҳо ва самтҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

- гузаронидани дарсҳои ғайристандартии забони русӣ ва машғулиятҳои беруназсинфи ҳамчун шарти инкишофи салоҳияти хониши хонандагон ва равандҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар доираи татбиқи Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ (китобхонаҳо, марказҳои эҷодӣ, муассисаҳои беруназ мактабӣ ва ғайра);
- барпо ва нигоҳ доштани робитаи зич байни волидон ва фарзандон;
- иштирок дар чорабиниҳои гуногуни эҷодӣ бахшида ба омӯзиши амиқи забони русӣ.

Тавре қайд кардем тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 вазифаи аввалиндараҷаи системаи маорифи муосир ба шумор рафта, ҷузъи муҳими талаботи иҷтимоии таълимро ташкил медиҳад. Маориф дар таҳким бахшидан ва ба сатҳи баланд бардоштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа нақши созгор дорад. Ҷомеа танҳо дар он вақт қодир аст, ки ҳадафҳои бузурги миллӣ ба миён гузорад, ки системаи ягонаи талаботи ахлоқӣ дошта бошад. Ва натиҷаи ин талабот ҳаст, ки дар ҷомеа эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, тамаддун, эҳёи суннатҳои мардумӣ, санаҳои таърихӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ сурат мегиранд.

Дар ин раванд, яъне дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ, ки дар баробари машғулиятҳои

забони тоҷикӣ мавқеи созгор доранд, нақши бузург ва арзиши беандоза дошта метавонанд.

Тавре ки В.А. Коханова қайд мекунад: «Адабиёт як фанни асосии таълимӣ буда, симои маънавӣ ва дастурҳои ахлоқии насли наврасро ташаккул медиҳад. Он дар рушди ҳиссиёт, зеҳн ва эстетикаи хонандагон, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти миллии онҳо мавқеи пешбаранда дорад, ки бе он инкишофи маънавии миллат ғайриимкон аст. Хусусияти адабиётро ҳамчун фанни мактабӣ моҳияти он муайян мекунад. Адабиёт оламро аз ҷиҳати эстетикӣ ҳифз карда, боигарӣ ва гуногунии мавҷудияти инсониро дар образҳои бадеӣ ифода мекунад. Таъсири адабиёт ба хонандагон бузург буда, онҳоро ба арзишҳои ахлоқию эстетикии миллату башарият ошно месозад» [168, с.11].

Ҳадафҳои афзалиятноки омӯзиши фанни «Забони русӣ» дар заминаи татбиқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ гуногун ҳам бошанд, вале мавқеи асосӣ дар байни онҳо ин:

- ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ инкишофёфта;
- доштани ҷаҳонбинии башардӯстона;
- ташаккули ҳувияти миллӣ ва шуури шаҳрвандӣ;
- баланд гардидани ҳисси ватандӯстӣ;
- дарки маънои асарҳои адабиёти ҷаҳонӣ, мутолиа ва таҳлили онҳо;
- дарки моҳияти образҳои санъати калом дар асоси принсипҳои ягонаи шаклу мазмуни бадеӣ;
- дар ҳаёт татбиқ кардани фаҳмиш ва донишҳое, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ ба даст омодаанд, алоқаи бадеият бо ҳаёт.

Чунин низоми таълимро дар китобҳои дарсии мактабҳои муосир, махсусан дар дарсҳои забони русӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки низоми дарки ҳиссиёти маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ бо интихоби доираи воқеии метод ва усулҳои корбарӣ дар машғулиятҳо муайян карда мешавад. Шавқу ҳаваси хонандагонро барои мутолиа ва

рӯй овардан ба китобхонӣ аз методҳое, ки омӯзгор дар раванди дарсҳо истифода мебарад, вобаста аст.

Мусаллам аст, ки Барномаи таълимии муосири мактаб аз фанни забони русӣ талқин бар он дорад, ки дар хонандагон малака ва маҳоратҳои мушаххаси марбут ба мавзуъ, таҳлил ва тафсири матни бадеӣ, инчунин истифодаи амалии онҳо дар раванди эҷоди баён, нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ташаккул ёбанд.

Аз ин рӯ, дар ин раванд аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки хусусиятҳои хонандагонро (дарки матни мавзуъ, нутқи бурро, сатҳи фаҳмиш ва ғайра) ба инобат гирифта, бо истифода аз маҳорати касбии худ машғулиятҳоро ба роҳ монад [156, с.14].

Яке аз вазифаи педагог дар синф аз он иборат аст, ки дар хонандагон зарурати фикр кардан, таҳлил ва хулосаҳои лозимӣ баровардан мебошад. Инчунин, омӯзгор бояд ба хонандагон фаҳмонида тавонад, ки забони русӣ ёрирасони онҳо дар масъалаҳои ба миёномадаи таълимӣ гардида метавонад.

Дар баробари ин, ташаккул додани завқи мутолиаи асарҳои забони русӣ ва дарк кардани қаҳрамонҳои он хонандагонро дар ҳаёт ёрӣ мерсонад. Яъне, хонандагон бо хондани асарҳо дар бораи қаҳрамонҳо ва тарзи зиндагии онҳо шинос шуда, бо азсаргузаронӣ ва таҳлили мантиқӣ дар шуури худ бархурд мекунанд.

Барномаҳо ва дарсҳои забони русӣ дар мактабҳо хеле гуногунанд. Вале бештари дарсҳо, маҳз, ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нигаронида шудаанд. Баъзе аз он асарҳое, ки дар раванди машғулиятҳо гузаронида мешаванд, номбар мекунем:

1. Пушкин А.С. «Евгений Онегин».
2. Гогол Н.В. «Шомҳо дар деҳаи наздикии Диканка», «Тарас Булба», шеъри «Ҷонҳои мурда».
3. Лермонтов М.Ю. шеъри «Бородино», «Ватан», «Марги шоир», романи «Қаҳрамони замони мо».

4. Шеърҳои Некрасов Н.А. «Деҳаи фаромўшшуда», «Шоир ва шаҳрванд», «Роҳи оҳан», «Кӣ дар Русия хуб зиндагӣ мекунад!», «Сардӣ, бинии сурх».
5. Толстой Л.Н. Қиссаи кўтоҳи «Кўдакӣ», романи «Ҷанг ва сулҳ»,
6. Ахматова А.А. шеъри «Ҷасорат»
7. Гумилев Н.С. шеъри «Ман ва ту», «Саҳара».
8. Светаева М.И. шеъри «Ба ман маъқул аст, ки ту аз ман бемор нестӣ...».
9. Шолохов, М.А. қиссаи «Қисмати инсон»
10. Маяковский В.В. шеъри «Хуб! », «Ба ҷавонони мо».
11. Сергей Есенин шеъри «Нома ба зан», «Пушаймон намешавам, фарёд намезанам, гиря намекунам...».

Тавре мушоҳида мегардад, гарчанде забони русӣ ва омўзиши он дар мактаб функсияҳои гуногун дошта бошад ҳам, мақсад ва ҳадафи он - аз ҳар ҷиҳат ташаккул додани хонандагон, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо мебошад.

Асарҳои бадеӣ масъалаҳои ахлоқӣ, эстетика ва иҷтимоӣ хонандагони синфҳои 9-11 -ро матраҳ намуда, ба таҳияи стратегияи ҳаётан муҳими онҳо саҳм мегузорад.

Дарсҳои забони русӣ воситаи муҳимме ба шумор меравад, ки дар он тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ҳалли худро ёфта, ҳисси меҳрубонӣ, саховатмандӣ, боварӣ ба худ, эътиқод ва қобилиятҳои эҷодӣ ташаккул меёбанд.

Адабиёт дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии насли наврас нақши муҳим дорад. Агар хонанда шавқу завқ ба хондани асарҳои бадеӣ надошта бошад, тафаккури мантиқии ў инкишоф намеёбад. Вақте ки мо китоб мехонем бевосита онро таҳлил карда, мақсади муаллифро дарк ва мефаҳмем [140, с.14].

Мусаллам аст, ки вазифаҳои ташаккули шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ғанӣ гардонидани тафаккури

онҳо бо ақидаҳо ва фаҳмишҳою дарки маънавиёт ва ахлоқ мебошад. Зеро, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ шуур ва ҳиссиёти хонандагонро инкишоф дода, малака ва одатҳои рафторро ба танзим медарорад.

Баъзан хонандагон ҳанӯз ақидаҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмии дуруст надорад. Ҳарчанд, ки дар назди мактаб, оила ва ҷомеа тарбия меёбанд, вале дараҷаи азхудкунии дониш дар онҳо гуногун инкишоф меёбанд. Албатта, ин ба инкишофи умумии ҳиссиёти ботинӣ ва дарки маънои ҳастии хонандагон ва таҷрибаи ҳаётии онҳо алоқаманд аст.

Маврид ба зикр аст, ки тарбияи шахсияти бомаърифат, боодоб, хушахлоқ ва бофарҳанг, ки дар шароити ҷомеаи муосир ва ҷаҳони зудтағйирёбанда тавони амалӣ гардонидани нерӯи эҷодии худро дар заминаи рушди қобилиятҳои ҷаҳонфаҳмӣ дорад, моҳият ва судмандии фаъолияти арзишпазирии омӯзгори фанни забони русӣ мебошад.

Тавре ки педагог Н.С. Табаров қайд мекунад: «Роҳи осон барои тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинӣ вуҷуд надорад. Ин раванд бениҳоят мушкил ва дуру дароз аст. Кӯдакро дастгирӣ кардан дар овони хурдсолӣ дар аввал бениҳоят заҳмати зиёдро талаб мекунад, вале натиҷааш самарабахш буда, барои рушди шахс ваҷомеа аз манфиат холӣ нест» [165, с.34].

Проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 аз тарафи филологҳо, файласуфон, сотсиологҳо, фарҳангиён ва педагогҳо ба таври шоиста ва назаррас омӯхта шудааст. Вале ҳар давру замон консепсияи тарбияи худро дорад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ, махсусан дар шароити имрӯза аз манфиат холӣ нест.

«Яроқи» асосии педагог ин сухан, китоб ва ашёи аёнӣ ба шумор мераванд, ки таъсири онҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон басо муассир арзёбӣ мегардад.

Педагог, ки ҳар лаҳза бо китоб рӯ ба рӯ мегардад, барои тарбияи насли наврас маводи фаровон дастрас карда метавонад. Ва ин маводҳоро ӯ метавонад, дар раванди машғулиятҳо истифода барад.

Тавре муҳаққиқ И.А.Петраш мефармояд: «Аз ҷумлаи фанҳои гуманитарӣ, ки ба ташаккули шахсият бештар таъсир мерасонад, адабиёт аст, ки дорои имкониятҳои ғании маърифатӣ, ғоявӣ, педагогӣ ва эстетикӣ дорад. Адабиёт ҳамчун сарчашмаи дониш ва меъёрҳои ахлоқию эстетикӣ, посдори фарҳангу анъанаҳои ҷомеа дар ҳама давру замон яке аз ҷузъҳои асосии тарбия ва ташаккули шахсияти комил маҳсуб меёфт» [129].

Яке аз методҳои муассири таълимӣ, ки ҷанбаи тарбиявиро низ доро мебошад ин истифодаи матнҳои гуногуни бадеӣ мебошад. Ва барои дарки маъно ва муҳтавои матн истифода бурдан аз калимаҳои ҳаммаъно ва дар баъзан ҳолат муқобилмаъно ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан: барои дарёфти маънои каломаҳои ҳамдардӣ, эҳтиром, ғамхорӣ, муҳаббат, самимият, нанг, номус, виҷдон, шараф, масъулият, уҳдадорӣ, поквиҷдонӣ, одоб, ахлоқ, ҳисси пушаймонӣ ва ғайра, калимаҳои муқобилмаъно ба мисли, бадрафторӣ, бадтинатӣ, беодобӣ, беадолатӣ, бешармӣ, беҳаёгӣ, беномусӣ, бешарафӣ ва ғайра равшантар ифода мекунанд.

Ба андешаи мо фаъолияти омӯзгор бо хонандагонро дар машғулиятҳои забони русӣ дар ду самт ба роҳ мондан самараи хуб медиҳад:

- дар раванди дарс ҳар як хонанда вазифадор карда шавад, ки вобаста ба мафҳумҳое, ки маънои дӯстӣ, самимият ва адолатро доранд, мустақилона андеша карда, сипас дар дафтар сабт кунанд ва баъдан ҳамаро бо натиҷаи фаъолияти худ шинос кунанд;

- дар раванди мубоҳиса он мафҳумҳое, ки хонандагон дар дафтарҳои худ таҳлил кардаанд як як ба тахтаи синф баромада, ба дигарон натиҷаи корро баррасӣ созанд.

Ин тарзи машғулиятҳо метавонанд, наврасонро ба моҳияти муносибатҳои инсонӣ, ки дар вожаҳои «дӯстӣ» - «рафиқӣ» - «муносибатҳои дӯстона» нуҳуфтаанд, ошно созанд.

Тавре педагог Л. Н. Каменская қайд мекунад: «Синни мактабӣ даврае маҳсуб меёбад, ки ба рушди ҳиссиёт ва ташаккули арзишҳои хонандагон замина гузошта, маънавиёт, ахлоқӣ ва мавқеи шаҳрвандии онҳоро муайян месозад. Он чизе, ки дар айёми кӯдакӣ омӯхта мешавад, барои пайдо кардани таҷриба ва истифода дар ҳаёти минбаъда нақши созгор доранд. Таҷдиди эҳтиёҷоту ангезаҳо ва аз нав баҳодиҳии арзишҳо - нуқтаҳои асосии гузариш аз синну сол ба синну сол мебошанд - таъкид кардааст Л.С.Виготский» [51, с.3].

Дар ҳолатҳое, ки мафҳумҳо сифатҳои шахсӣ ва дарки амиқ ба моҳияти онҳо баррасӣ мешаванд, таҳлили муқоисавии хосиятҳои мусбат ва манфиро талаб мекунад. Масалан, қиссаи Михаил Шолохов «Қисмати инсон», ки он дар синфи 11-ум ба хонандагон дарс омӯзонида мешавад, барои фаҳмиши чунин мафҳумҳои ахлоқӣ, ба мисли «шараф», «виҷдон», «нанг», «номус», «ватандӯстӣ», «қаҳрамонӣ», «ифтихор» ва «иззат» кумаки ҳамаҷониба менамояд. Таҳлили муқоисавии ин мафҳумҳо, яъне худпарастӣ, мағрурӣ, баднафсӣ, манманӣ ва беэҳтиромӣ ба хонандагон ёрӣ медиҳад, ки дар сурати мавҷуд набудани ҳисси таносуб хислату хосиятҳои мусбии инсонӣ метавонанд, ба баръакси худ мубаддал шаванд. Инчунин, таҳлили ин мафҳумҳо ба хонандагон барои аз нав дида баромадани моҳияти муносибатҳо ва амалҳои одамон кумак мерасонанд.

Агар, қиссаи Михаил Шолохов «Қисмати инсон»-ро таҳлил намоем ошкор мегардад, ки ин асар дар бораи ахлоқ ва муносибаҳои инсонӣ эҷод гардидааст.

Ин қисса чанбаҳои таърихӣ дошта, дар пасманзари он ҳодисаҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 меҳр, муҳаббат, садоқат ба Ватан ва вафодории қаҳрамонони асосӣ дарҷ гардидааст.

Дар баробари ин, масъалаҳои шаъну шараф, дӯстӣ, вафодорӣ, душвории интихоб ҳангоми ҳодисаҳои ҳаётӣ ба миён гузошта мешаванд. Қаҳрамонҳои асосии қисса Андрей Соколов - марди оддии рус ва ронанда, Ирина - зани Андрей Соколов зани меҳрубон ва хоксор, Анатолий Соколов - писари Андрей ва Ирина, Настя ва Оля - духтарони Андрей ва Ирина, Ваня – писарбачаи ятим, Крижнев – ҳамяроқи Андрей Соколов мебошанд.

Тавре қайд кардем яке аз қаҳрамонҳои қисса Андрей Соколов мебошад. Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ба мисли, далерӣ, шуҷоатмандӣ, матинӣ, ростқавлӣ ва адолатпешагӣ дошт. Соколов соли 1900 дар Воронеж таваллуд шудааст. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1917, ӯ дар Артиши Сурх хидмат кардааст. Соли 1922 тамоми оилаи Соколов аз гуруснагӣ мефавтанд, аммо ӯ тавонист зинда монад. Соколов касби устои мошинро омӯхта, ба Ирина, ки мисли ӯ ятим буд, издивоҷ кард. Онҳо се фарзанд доштанд: як писар ва ду духтар. Андрей Соколов ба мошинҳо шавқи зиёд дошт ва ҳамчун ронанда кор мекард.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳон оғоз шуд. Аз рӯзҳои аввал Андрей Соколов ба ҷанг меравад. Ӯ ҳеҷ гоҳ бо ҳамсараш видоъ карданро аз хотир намебарорад. Ин лаҳзаҳо барои қаҳрамони қисса ниҳоят душвор буд. Гӯё Ирина медонист, ки дигар шавҳарашро намебинад. Ирина, ки одатан оромтабиат ва ботамкин буд, дар арафаи рафтани шавҳараш наметавонист ашкҳояшро нигоҳ дорад. Ин ҳолат Соколовро хашмгин мекард. Ӯ, ҳатто, занашро як лаҳза ҳам тела дод. Сипас, ба худ омада, ӯро ба оғӯш мегирад. Ин хотира солҳои зиёд ӯро таъқиб мекард ва ором намегузошт.

Андрей Соколов дар ҷанг ҳамчун ронанда хизмат мекард ва ду маротиба захмӣ шуд. Ҳангоми иҷрои вазифа, ӯ бояд лавозимоти ҷангиро

ба хатти фронт мерасонид. Аммо, дар роҳ мошинаш метаркад. Ва ӯ беҳуш мешавад. Андрейро немисҳо асир мегиранд ва соли 1942 ба Олмон мебаранд.

Дар лагери консентратсионии наздики Дрезден Соколовро барои танқиди немисҳо қариб ба қатл расонанд, аммо коменданти лагер аз далериву шуҷоати сарбози рус ба ваҷҳ омада, ӯро авф мекунад. Коменданти лагер, ки Мюллер ном дошт, пеш аз оне ки Соколовро ҳукми қатл диҳад, ба ӯ пиёлаи шаробро пешкаш карда мегӯяд, ки барои пирӯзии артиши немисҳо нушад. Соколов, ки дигар чора надошт ва медонист, ки баъди лаҳзае ӯро ба қатл мерасонанд ва барои аз уқубат наҷот ёфтан 3 пиёла майро бе газак менушад. Ин ҳолат афсари немисро дар ҳайрат гузошта, барои ӯ нон ва равған медиҳад. Соколов нон ва равғанро ба ҳамяроқонаш, ки дар асирӣ қарор доштанд, оварда тақсим мекунад.

Андрей Соколов ҳангоми дар маҳбас будан ба немисҳо ба сифати ронанда кор мекард. Соли 1944 Андрейро ронандаи муҳандиси низомии немис таъйин карданд. Рӯзе ҳангоми сафар ба шаҳр Соколов муҳандиси немисро зада беҳуш карда, бо ӯ фирор кард. Ва ба хати фронт, он ҷое, ки артиши Шӯравӣ буд, расид. Пас аз фирораш Соколовро барои барқароршавӣ ба беморхона фиристоданд. Дар он ҷо ӯ фаҳмид, ки ду сол пеш хонааш зери бомба монда буд. Зан ва ду духтараш кушта шуданд ва танҳо писараш, ки як рӯз пеш ихтиёрӣ ба фронт рафта буд, зинда мондааст.

Соколов ба дивизия баргашт ва се моҳ пас аз писараш Анатолий, ки артиллерист шуда, ба рутбаи капитан расида ва бо шаш медал мукофотонида шуда буд, нома гирифт. Падараш аз дастовардҳои писараш ифтихор мекунад ва орзуҳои зиндагии пас аз ҷангро ба нақша мекашад.

Ҷанг ҳамоно идома меёфт. Падару писар ба Берлин мерасанд, аммо тақдири вохӯрӣ насиб накард. Анатолий аз тири снайпер дар Рӯзи Ғалаба - 9 майи соли 1945 мефавтад.

Андрей Соколов, ки писари ягонаашро аз даст додааст, аз ҷанг бармегардад. Ӯ баъди ҷанг мисли солҳои пешин рònанда шуда кор мекунад. Дар ҳақиқат, сарнавишти инсон баъзан гардишҳои ғайричашмдоштро ба бор меорад. Дар яке аз рӯзҳо, ҳангоми дар роҳ рафтан аз назди Соколов писарбачаи ятим мебарояд. Баъдан муайян мегардад, ки писарбачаи ятим - Ваня мисли Соколов дар ҷанг тамоми оилаашро аз даст додааст ва Соколов ӯро ба фарзандӣ қабул мекунад.

Тавре ки аз қисса аён мегардад, дар ин ҷо ҳам муҳорибаҳои таърихӣ ва ҳам ишқу муҳаббати самимӣ ва ҳам душмании байни ҳамяроқон дар лаҳзаҳои мушкилии ҳаётӣ нишон дода шудааст. Муаллифи он М.А. Шолохов тавонистааст, тамоми паҳлуҳои ҳаётии инсон ба мисли, ҷасорат, шарафмандӣ, меҳру муҳаббат доштан, самимӣ будан, рафоқат варзидан ва барои расидан ба ҳаёти осоиштаро инъикос кардааст.

Ҳамин тариқ, дарси забони русӣ барои хонандагони синфҳои 9-11 муҳитеро муҳайё месозад, то онҳо мавқеи худро дар баробари қаҳрамонҳои асарҳои нависандагони барҷастаи рус муайян созанду ба ин васила, ҷаҳонбинӣ, таҷриба ва ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқиро тақвият бахшанд.

Мутолиаи асарҳои нависандагони классики рус имконият фароҳам меоранд, ки хонандагон дар бораи арзишҳои инсонӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва тарзи рафтору кирдори худ бори дигар андеша ронанд. Таҳлили сюжет ва қаҳрамонҳо ба хонандагони синфҳои 9-11 шароит муҳайё месозанд, то дар онҳо ҳисси ҳамдардию ҳамдигарфаҳмӣ ва тафаккури интиқодию санҷишӣ инкишоф дода шавад.

Тавре ки педагог Ж.А. Лисакова қайд мекунад: «Нақши адабиёт барои муҳайё кардани майдони таърихию адабӣ дар байни хонандагони

синфҳои 9-11 калон буда, дар ташаккули донишҳо, малакаи дарёфт ва дар амал татбиқ намудани онҳо саҳми назаррас дорад. Хонандагон зина ба зина донишҳоро дар бораи асарҳои нависандагон, ашъори назмӣ ва насрии онҳо танҳо дар раванди машғулиятҳои адабиёт гирифта метавонанд» [97, с.6].

Омӯзиши эҷодиёти нависандагон ба монанди, А.С. Пушкин, Л. Толстой, Н.А. Некрасов, М.Ю. Лермонтов ва дигарон ба хонандагони синфҳои 9-11 имкон медиҳанд, ки на танҳо ба оламами пурғановати забони русӣ фаро гирифта шаванд, балки барои дарки масъалаҳои баррасишавандаи машғулиятҳои таълимӣ ба мисли, адлу инсоф, меҳру муҳҳабат, шарму ҳаё ва ахлоқу бадахлоқӣ андеша намоянд. Яъне, дарсҳои забони русӣ на танҳо малакаҳои адабиро инкишоф медиҳанд, балки ба ташаккули шахсияти масъулиятшинос, уҳдадор, ҷасур, нотарс, далер ва хайрхоҳ мусоидат мекунанд.

## 2.2. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ

Забони русӣ дар Стандарти таълимӣ ҳамчун фанне, ки ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ ва ахлоқӣ нигаронида шудаанд, дарҷ гардидааст.

Мақсадҳои омӯзиши ин фан дар раванди таълим дар сегонаи ҳадафҳо: таълим, рушд ва тарбия мураттаб шудаанд, ки дар байни онҳо мақсадҳои тарбиявӣ бартарӣ доранд.

Фанни «Забони русӣ» ба ташаккули симои маънавӣ ва ахлоқии насли наврас мусоидат мекунад, зеро дар он эҳсосот, зеҳн, ҷаҳонфаҳмӣ, худшиносии миллӣ ва зебописандӣ мавқеи назаррас доранд [106, с.5].

Фанни забони русӣ як қатор хусусиятҳои хос доранд, ки онҳоро аз якдигар тафовут медиҳанд. Забони русӣ ба дигар фанҳои мактабӣ алоқаи зич дошта, дар ҷараёни дарсҳо онҳо якдигарро пурра мекунанд.

Махсусан, забони русӣ ба забони тоҷикӣ бештар наздикӣ дошта, барои боз ҳам таъсирнок сурат гирифтани машғулиятҳо шароити муассир муҳайё месозад.

Ба андешаи педагог М.М. Товбаева: «Ба масъалаи алоқаи забони тоҷикӣ ва забони русӣ дар таълими хонандагони мактабҳои миллии тоҷикӣ торафт бештар олимон фикру мулоҳизаҳо баён кардаанд, ки мустаҳкам намудани ин гуна алоқа боиси беҳтар гардидани таълими ҳар ду фан мегардад. Аз ин ҷост, ки дар китобҳои дарсии забони русӣ порчаҳои матнҳо аз адабиёт барои тақвияти муассири машғулиятҳои забони русӣ дарҷ гардидаанд» [169, с.12].

Забони русӣ дар байни дигар фанҳои мактабӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Ба мисли:

- дар раванди дарсҳои забони русӣ диққати асосӣ ба объекти омӯзиш нигаронида мешавад. Агар мазмуни таълими аксари фанҳои мактабӣ асосҳои илми омӯхташавандаро дар бар гирад, пас объекти марказии омӯзиши забони русӣ на танҳо натиҷаи аз ҷиҳати илмӣ мураттабгардидаи фаъолияти маърифатии инсоният дар шакли асосҳои илмӣ, балки дарк ва аз худ кардани маҳсули фаъолияти эҷодии нависандаи асари бадеӣ, натиҷаи шинохти эҷодии нависанда ва инъикосиҷаҳони ботинии ӯ дар шакли матни бадеӣ мебошад;
- омӯзиши асари бадеӣ ҳангоми дарсҳои забони русиро (ҳамчун осори нодири фарҳангӣ) метавон ба фарқ аз дигар фанҳои мактабӣ аз чанд ҷиҳат: илмӣ, эстетикӣ, ҳаётӣ, коммуникативӣ ва ғайра донист.

Агар суханҳои гуфташудаи болоро таҳлил намоем зери вожаи илмӣ он усулҳои илмии омӯзишӣ: таҳлил, таҳқиқ, муқоиса, умумият ва ғайра, ки дар он матни бадеӣ ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ баромад мекунад, дониста мешавад.  Яъне, барои забони русӣ матни адабӣ объекти асосии он ба шумор меравад, ки дар натиҷа ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ташаккул меёбанд.

*Эстетикӣ.* Омӯзиши асарҳои бадеие, ки дар раванди машғулиятҳои забони русӣ ҷараён мегиранд, ҷанбаҳои эстетикӣ доранд. Ва матни бадеиятро санъати сухан баррасӣ ва таҷассум мекунад. Шакли бадеии асар, ки дар навъҳои гуногуни санъат бо инъикоси образноки воқеият асос ёфтаанд ва онҳо аз призмаи шуури шахсияти эҷодии муаллиф манша мегиранд, инъикос мегардад. Барои дарки эстетикии забони русӣ инкишофи эҳсосот ва ангезаҳои зарурӣ лозиманд.

*Ҳаётӣ.* Ин тарзи омӯзиш ба фаҳмиши семантикии мундариҷаи асари бадеӣ асос ёфтааст, ки андешаи нависандаро дар бораи олам ва инсон инъикос мекунад. Маҳз, ҳамин раванд ба омӯзиш ва дарки матн барои ҳар як хонанда ҷолибтар ва муҳим аст, ки ба эҳсосот ва шуури хонанда таъсир мерасонад. Он ҷанбаи муҳимтарини таълими забони русиро ифода карда, шахсияти хонандагонро аз ҳар ҷиҳат тарбия мекунад.

*Коммуникативӣ.* Имкони ин тарзи таълим аз он иборат аст, ки матни асари бадеиро аз ҷиҳати характери диалогӣ баррасӣ мекунад. Яъне, асарро дар робита бо муаллиф, давру замон, мазмуни таърихию адабӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Бо ҳамин далелҳо метавон гуфт, ки омӯзиши асарҳои бадеӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ барои хонандагони синфҳои 9-11 аз чаҳор нуқтаи дар боло зикршуда ҷараёни таълимро ба соҳаҳои гуногуни донишҳои илмӣ аз ҷумла, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, этика, эстетика, психология, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва ғайра наздик мекунад.

Ба маънои дигар, забони русӣ бо дигар фанҳои таълимии мактабӣ пайванди ногусастанӣ дошта, дар иртибот бо навъҳои гуногуни санъат, ки ба образнокӣ, таҷассуми бадеии тафаккури эҷодии муаллиф ва илова бар ин, мавҷудияти принсипи ҷустуҷӯи умумибашарии ҳақиқат инъикос ёфтааст, метавонад барои таъсиррасонии маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои 9-11 имкониятҳои бузургро фароҳам орад.

Тавре ки педагог Т.Ф. Курдюмова ишора мекунанд: «Адабиёт ҳамчун фанни таълимӣ бо забони русӣ ва баланд бардоштани фарҳанги нутқ ва маҳорати муошират зич алоқаманд аст.

Инчунин, дарсҳои забони русӣ ба дигар фанҳои гуманитарӣ низ дар иртибот мебошанд, ки ба ташаккули тафаккури инсонпарваронаи хонандагон нигаронида шудаанд» [91, с.7].

Масалан:

- барқарор кардани алоқа ҳангоми мутолиаи асари нависандагони ватанӣ ва хориҷӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 дар бораи проблемаҳои онтологие, ки дар назди ҳар як инсон дар раванди ҳаёт ба мисли, масъалаҳои маънавиёт, маънои зиндагӣ, муайян кардани мавқеи худ дар он ва ғайра ба миён меоянд, вариантҳои пайдо кардан ба саволҳоро баррасӣ месозад;
- шиносоӣ бо беҳтарин осори адабиёти классикӣ дар мактаб метавонад, робитаро бо мероси таърихию адабӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва фарҳангии ҷаҳонию ватанӣ, ки дар матнҳои адабӣ ҷой доранд ва пайвандгари наслҳо мебошанд, таъмин намояд;
- таъсири матни асарҳои бадеӣ ба ҷаҳони ботинии шахсияти хонандагон бениҳоят калон буда, метавонад ба ташаккули ҳадафҳои зиндагӣ, арзишҳо ва ҷаҳонбинии афзояндаи онҳо заминаи мусоид фароҳам оранд;
- асарҳои бадеӣ, ки дар муҳтавои онҳо фарҳанг ва санъат ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, ба шахсият ва ташаккули завқи эстетикии хонандагон мусоидат мекунад;
- дарки муҳтавои ғоявии асарҳо ба тавсияи андешаҳои хонандагон дар бораи паҳлӯҳои гуногуни мавҷудияти ҷаҳон ва андӯхтани таҷрибаи шахсӣ дар сатҳҳои иҷтимоӣ, зеҳнӣ, эҳсосӣ, равонӣ ва коммуникативӣ таъсир мерасонад.

Тавре ки ишора кардем хусусияти дарси забони русӣ дар он аст, ки дар раванди ташкили машғулиятҳо алоқаи он ба фарҳанг ва санъат

бениҳоят калон аст. Ба ин ё он дараҷа ин хусусияти хосро донистан ҳангоми омӯзиши адабиёт ҳам дар сатҳи алоқаҳои байни фанҳо ва ҳам дар сатҳи омезиш ва якҷо истифода бурдани баъзе маълумот лозим аст.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзиши яктарафаи объект дар раванди дарсҳои забони русӣ таъсири зеҳнӣ ва тарбиявии начандон медиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои санъати бадеӣ барои пурра ва мукаммал кардани ин раванд шароит муҳайё месозад.

Ба андешаи педагог Д.У Якибова: «Ҳангоми таълими ҳама гуна фан усулҳои мушаххаси таълим истифода мешаванд.

Метод як системаи пайдарпай ва бо ҳам алоқаманд аст, ки амали омӯзгорро бо хонандагон барои аз худ кардани дониш таъмин мекунанд

Ба методҳои таълим хусусиятҳои зерин хос аст:

1) Мақсади таълимро равшан мекунад;

2) Роҳҳои азхудкунии донишро муайян мекунад;

3) Хусусиятҳои таъсирҳои мутақобилаи усулҳои таълимро ифода мекунад» [185, с.23].

Омӯзиши маҳсули эҷодӣ ҳамчун объекти беназир аз паҳлӯҳои гуногун танҳо дар сурати ташкили махсуси раванди таълим, ки дар ин маврид ҷанбаҳои тарбиявӣ низ ҳалли худро меёбанд, имконпазир аст. Яъне, ҳамкории гуногуни педагогӣ низ ҳатмӣ арзёбӣ мегардад, ки ҳангоми мутолиаи асар сурат гирифта, муошират дар байни хонандагон ва фаъолияти эҷодии онҳо ташаккул меёбад.

Омили дигар мушкилии мушаххаси арзёбии натиҷаҳои фаъолияти хонандагон дар дарсҳои забони русӣ ин раванди тарбия мебошад. Шаклҳои анъанавии санҷиш, ки азхудкунии маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои 9-11-ро ошкор мекунанд, имкон медиҳад, ки танҳо як ҷузъи ҷудогона баҳо дода шавад. Яъне, дар ин раванд ба ҷанбаҳои тарбиявӣ машғулиятҳо диққати начандон дода мешавад.

Тавре ки педагог Ю.С.Ночкина қайд мекунад: «Дарсҳои адабиёт барои қонеъ кардани талаботи маънавии шахс ва такмил додани рушди қобилиятҳо ва тафаккури эҷодӣ нигаронида шудааст. Ҳар як шахс бо истифода аз тафаккури эҷодӣ ва имконоти маърифатии худ роҳ ба сӯи ҳақиқат мекунад. Вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор аз он иборат аст, ки хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаро ба инобат гирифта, раванди таълим ва тарбияро ба роҳ монад» [124, с.12].

Гарчанде, ки мақсади омӯзиши дарси забони русӣ дар стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ ба пуррагӣ ишора карда шуда бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои ин равандро дида мебароем.

Таълими забони русӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин нигаронида шудааст:

- тарбияи шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ инкишофёфта, ташаккули ҷаҳонбинии инсонпарварона, шаҳрванди асил, дорои ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббат ва эҳтиром ба адабиёт ва арзишҳои фарҳанги миллӣ;
- азхуд намудани матнҳои асарҳои бадеӣ дар шаклу мазмуни ягона, ба даст овардани маълумоти таърихию адабӣ ва кушоду равшан дарк кардани мафҳумҳои назариявию адабӣ;
- дарки эмотсионалии матни адабӣ, тафаккури образӣ ва таҳлилӣ, тасаввуроти эҷодӣ, фарҳанги мутолиа ва донистани мақсади муаллиф, ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи хусусияти адабиёт нисбати дигар фанҳо, зарурати мутолиаи мустақилонаи асарҳои бадеӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон;
- азхуд намудани малакаҳои мутолиа ва таҳлили асарҳои бадеӣ, ошкор кардани мазмуни хоси таърихию умумибашарии асарҳо, истифодаи салоҳиятноки забони адабии рус ҳангоми изҳори шифоҳӣ ва хаттӣ.

Мавриди зикр аст, ки забон ва забони русӣ дар ташаккули шахсияти инсон, ҳаёти ӯ дар ҷомеа, муошири ҳамарӯза ва фаъолияти касбӣ нақши калон доранд.

Адабиёт ба ҳиссиёт, тахайюлот ва иродаи шахс таъсир расонда, ба воқеият баҳои эмотсионалӣ медиҳад. Ҳангоми хондани асари бадеӣ дар тахайюли хонанда образҳои муайяне аз зиндагӣ ба вуҷуд меоянд, ки ӯ онҳоро ба ҳолати воқеӣ муқоиса мекунад. Хонанда ҳама воқеаҳое, ки қаҳрамонҳои асар паси сар мекунанд, якҷо бо онҳо аз сар мегузаронад.

Тавре, ки муҳаққиқ О.В.Половко ишора мекунад: «Ҳар он чизе, ки ба ҳиссиёти инсон таъсир мерасонад, таассуроти амиқ дар мафкураи ӯ мегузорад. Аз ин рӯ, дарси адабиёт дар қатори дигар фанҳои таълимӣ метавонад, ба маънавиёт ва тафаккури хонандагон таъсир расонида, ахлоқ, рафтор, тарзи муносибат ва муошири онҳоро ба танзим дарорад. Тавре Константин Ушинский мефармояд, натиҷаи мутолиа «Рафторҳои амалӣ дар дохили ҳиссиёти ахлоқӣ» мебошад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии дарси забони русӣ ин ташаккули шахсияти хонанда, тарбияи ахлоқӣ ва ғанӣ гардондани маънавиёти ӯ мебошад» [133, с.136].

Хусусияти дигари дарси забони русӣ дар он аст, ки дар раванди он хонандагон ба давраҳои таърихӣ ба воситаи асарҳои нависандагон шиносоӣ пайдо мекунанд. Навъи асосии кори тарбиявӣ дар дарси забони русӣ таҳлили асарҳо, шиносоӣ бо маълумоти таърихию фарҳангӣ, дар бораи асар, муаллиф, раванди адабӣ ва аз худ намудани мазмуни асар мебошад.

Ба андешаи педагог Назаров Аҳмад: «Дар шароити кунунӣ ва дигаргуниҳои чамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ боиси тағйир ёфтани нақши забон ва забони русӣ ҳамчун забони муошири байни миллатҳо гардид. Азхуд кардани забони русӣ имконият фароҳам меорад, то хонандагон бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар шинос гардида, ба ин васила тарбия, таълим ва инкишофи ҳаматарафаи онҳо таъмин карда шавад» [117, с.3].

Тавре ки таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, хонандагони синфҳои 9-11 маълумоти шавқовару мароқангезро аз асарҳои бадеӣ дастрас карда метавонанд. Ва ин раванд диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунад. Онҳо мехоҳанд китоби мутолиакардаро мустақилона бо ҳамсолону омӯзгорон муҳокима кунанд, саволу ҷавоб барпо карда, дар бораи воқеаҳо ва қаҳрамонҳои он андешаҳои худро баён кунанд.

Аз ин лиҳоз, мактаб бояд ба хонандагони синфҳои 9-11 чунин имкониятро фароҳам орад, вагарна асарҳои бадеӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ на танҳо хонандаи нав пайдо намекунад, балки хонандагони мавҷударо ҳам аз даст медиҳад [134, с.117].

Мушкилоти ҷиддии ташаккули бедор кардани шавқу завқи хонандагони синфҳои 9-11 ба хондан яке аз вазифаҳои асосии таълими забони русӣ мебошад. Забони русиро на танҳо барои дастрас кардани донишҳо дар бораи олами маънавии нависанда, балки барои пайдо кардани майлу рағбат ба мутолиа ва ба ин васила, инкишоф додани тафаккури таҳлилӣ ва кашф кардани ҳиссиёти ботинии худ омӯхтан лозим аст.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки омӯзгори муосири забон ва забони русӣ аксар вақт маҷбур мешавад, ки миқдори зиёди вақти кориро барои риояи қоидаҳо ва меъёрҳои сершумори назоратӣ сарф кунад. Назорати ҳаррӯза аксар вақт ба ҷустуҷӯҳои эҷодии муаллим муҳити носозгорро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа талаби қатъии риоя намудани нақшаи тақвимӣ-мавзуи то андозае иҷро намегардад ва хонандагон асари бадеии муайяншударо ба душворӣ аз худ мекунанд.

Хусусияти дигари дарси забони русӣ дар он аст, ки нутқи шифоҳии хонандагони синфҳои 9-11-ро инкишоф медиҳад.

Масъалаи инкишофи нутқи шифоҳӣ дар байни хонандагони синфҳои 9-11 аҳамияти иҷтимоӣ пайдо мекунад, зеро сухан

нишондиҳандаи боварибахши фарҳанги маънавии шахсият ба ҳисоб меравад.

Тавре, ки педагог Е.М. Бондарчук дар китоби худ «Забони русӣ ва фарҳанги нутқ» қайд мекунад: «Фарҳанги нутқ, ки ҳангоми хондани китоб ташаккул меёбад, маъноҳои бисёр дорад:

1) Қисмати фарҳанги маънавии ҷомеа буда, ҷузъи фарҳанги ҳар як шахс ба ҳисоб меравад.

2) Фарҳанги муошират ва фарҳанги эҷоди матни даҳонӣ ва хаттӣ мебошад.

3) Фарҳанги танзимкунандаи сифатҳои гуфтор, яъне сифатҳое, ки ба муошарати солим кумак мекунанд.

4) Таълими забоншиносӣ» [33, с.30].

Ташаккули нутқи шифоҳӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, амиқтар шудани равандҳои башардӯстонаи фарҳангу маориф, оғози раванди эҳёи маънавиёт, бозгашт ба аслу анъанаҳои фарҳанги миллӣ, раҳоӣ аз арзёбии догматикӣ, баланд гардидани падидаҳои бадеӣ ва услуби муошарати байни одамонро тағйир дода, сарвати нутқи шифоҳии шахсро ғанӣ мегардонад. Бешубҳо, имрӯзҳо дар мактабҳо ба шахсияти талаба, инкишофи маънавӣ, фарҳанг, услуби тафаккуру гуфтор ва қобилияти эҷодии ӯ диққати калон дода мешавад. Аз ин рӯ, қариб дар тамоми мактабҳои миёнаи умумӣ ва литсейу гимназияҳо машғулиятҳои суханварӣ (риторика), маҳорати саҳнавӣ, хониши бадеӣ ва психологияи муошират ба роҳ монда мешаванд, ки дар натиҷа хонандагон нуқтаи назар ва мавқеи шаҳрвандии худро ҳимоя карда метавонанд. Ва дар раванди дарсҳо эҷодкорона сухан намуда, дар баҳсҳо иштирок мекунад.

Дар баробари ин, дар ҷомеа ва низоми маориф, ки инъикоскунандаи вазъи маънавӣ-ахлоқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ба таври қобили мулоҳиза тамоюли дигар – инкишофи ғайримаънавии бархе аз наврасону ҷавонон, костагии рафтор, гуфтору ахлоқ ва аз тарбияи фарҳангӣ дур мондани онҳо ба мушоҳида мерасад.

Инчунин, нутқи суханварӣ дар анҷуманҳо, ҷаласаҳо, ва ҳатто дар барномаҳои телевизионӣ низ ба таври лозимӣ ба роҳ монда нашудааст. Истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ, нодуруст ва хеле заиф сухан гуфтани баъзе барандаҳо хастагии эмотсионалиро дар шахс ба бор меоранд. Мутаассифона, ин камбудиҳо дар баъзан омӯзгорон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо низ ба назар мерасад.

Ташаккули фарҳанги суханронии насли наврас дар шароити кунунӣ тавассути васоити ахбори омма сурат мегирад, ки дар натиҷа мутолиаи китоб ва асарҳои нависандагон ба зинаи дуюм фаромада, муоширати шифоҳии дорои хусусияти зеҳнӣ ва эстетикӣ дошта, то андозае коста мегардад. Аз ин рӯ, корҳоро оид ба инкишофи нутқи шифоҳӣ дар заминаи фаъолият пурзур намудан муҳим арзёбӣ мегардад. Чунин муҳитро дарсҳои адабиёт, ки қобилияти азхудкунии ин ё он забонро дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 ташаккул медиҳанд, муҳайё месозад.

Вале, ногуфта намонад, ки бо тамоми пурзурии иқтидори дарсҳои забони русӣ дар мудадати вақти ҷудогардида ба дарс ҳамаи маводҳои лозимӣ ба таври пурра ба хонандагон таълим дода намешавад.

Дар ин бора педагог С.А. Шарипов чунин андеша дорад: «Дарс ҳамчун шакли кори таълимию тарбиявӣ тамоми ҷанбаҳои маводҳои маърифатиро, ки барои баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунанд, дарбар гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, барои амалӣ намудани ин раванд корҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои иловагӣ нақши муассири педагогӣ доранд» [182, с.3].

Дар ҳақиқат, мо андешаи педагог С.А. Шариповро ҷонибдорӣ карда, зикр карданӣ ҳастем, ки бе машғулиятҳои иловагӣ ва корҳои беруназсинфӣ ба таври пурра ва комил забонҳои хориҷиро омӯхтан, то андозае мушкил аст.

Тавре ки муҳаққиқ Н.В. Углова қайд мекунад: «Дарси забони русӣ дарси махсусест, ки барои дар қалби инсон тарбия намудани хислатҳои

нек ва талқин намудани арзишҳои ахлоқӣ пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, дарсҳои адабиёт бояд дар фазои муҳаббату меҳрубонӣ ва самимияту поквиҷдонӣ сурат гиранд. Албатта, дарсҳои адабиёт бояд бо ҳамин тарз ҳам гузаронида шаванд. Вагарна чӣ гуна педагог метавонад, дар бораи некиву накукорӣ, зебоиву тароват бо як нигоҳи сарду дили озурда ва овози хаста сухан гӯяд» [106, с.114].

Дарсҳои забони русӣ бояд ба нутқ ва тарзи суханронии хонандагон ҷилло ва қабои дигар бахшад. Забони гуфтори онҳоро тобишҳои маъноӣ бахшида, интиқоли гуфторро рангоранг ва ҷолиб гардонад.

Дар рушди усулҳои кор оид ба нутқи шифоҳии хонандагон дар раванди омӯзиши адабиёт педагог Н.В.Колоколтсев саҳми бузур гузоштааст. Ӯ диққати худро ҳангоми кор бо калимаҳои лексикию фразеологии матнҳои бадеӣ, намудҳои баёни шифоҳии хонандагон, махсусан, ҳангоми дарси такрорӣ, расмкашии лафзӣ ва навъҳои гуногуни машқҳои тарбиявӣ бештар равона кардааст [179, с.5].

Масъалаи инкишофи нутқи шифоҳӣ дар байни хонандагон аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад, зеро сухан муҳимтарин нишондиҳандаи фарҳанги маънавии инсон мебошад. Сухан аз эътиқод ва рафторҳои ахлоқии инсон ҷудонашаванда аст. Файласуфон ва суханварони гузашта сухани ҳақиқиро ба сатҳи баланди ахлоқии суханвар рабт медоданд.

Мавқеъҳои асосии назариявӣ ва маводи фаровон оид ба инкишофи нутқи шифоҳӣ дар асарҳои К.В. Малтсева мушоҳида кардан мумкин аст. Муҳаққиқ методологияи ташаккули нутқи хонандагонро тавассути гузаронидани корҳои луғавӣ вобаста ба таҳлили матни асари бадеӣ, хусусиятҳои ғоявии он ва омӯзиши хониши баён медонист.

Аҳамияти адабиёт ҳамчун фанни таълимӣ дар китоби дарсии О.А.Богданова чунин муайян шудааст: «Адабиёт ҳамчун фанни таълимӣ... барои хонандагон ҷиҳати аз худ намудани усулҳои кори

эҷодӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки бо маҳорати мустақилона мушкилоти мураккаб ҳал карда мешаванд, омода намудани маърӯзаҳои шифоҳӣ ва корҳои хаттии навъу жанрҳои гуногун шароити махсус фароҳам меорад» [176].

Гарчанде дар ҳар дарси адабиёт кор оид ба инкишофи нутқ дар ин ё он шакл сурат гирад ҳам, дар баробари ин, машғулиятҳои махсуси инкишофи нутқи шифоҳӣ арзи ҳастӣ доранд. Дар чунин машғулиятҳо дар асоси маводи асари адабии омӯхташаванда фазои муоширати нутқ фароҳам оварда шуда, амалияи нутқи хонандагон фаъол мегардад.

Ба андешаи мо чунин самтҳои таълими забони русӣ барои инкишофи нутқи хонандагон муҳим арзёбӣ мегарданд:

1. Таҳлили ибораҳои фразеологии матни асари бадеӣ ва маводи адабӣ.
2. Таълим додани навъу жанрҳои гуногуни гуфторҳои монологӣ дар мавзуъҳои адабӣ, такрори матн, то баёни эҷодии алоҳидаи хонандагон.
3. Ташкили фаъолияти нутқи хонандагон дар раванди муоширати диалогӣ.
4. Муҳайё кардани ҳолатҳои нутқӣ, ки ба инкишофи нутқи хонандагон дар асоси фаъолият мусоидат мекунанд.
5. Фаъолсозии робитаи байнифанӣ дар дарси адабиёт дар асоси ҷанбаҳои нутқӣ.

Хусусияти дигари дарсҳои забони русӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ин раванд нутқи хаттии хонандагон низ инкишоф меёбад.

Педагог А.А. Полетаев дар ин бора чунин мешуморад: «Барои шахсони муосир муҳим аст, ки нуқтаи назари худро ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ дуруст пешниҳод карда тавонанд. Нутқи хаттии худро тавре баён созанд, ки қобили қабули ҳамагон ва муайянкунандаи дурусти мавқеъ бошад. Ин талабот ба хатмкунандагони мактабҳои миёнаи умумӣ мубрам арзёбӣ мегардад» [132, с.3].

Роҳҳои инкишофи нутқи хаттии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ гуногун буда, аз омилҳои зерин вобаста аст:

а) ба хусусиятҳои синну соли хонандагон;

б) сатҳи инкишофи адабию нутқӣ;

в) аз намуд ва жанри асар, ки дар асоси он инкишофи нутқ бо хонандагон амалӣ мегардад;

г) аз пешниҳод ва вазифаҳои маърифатию коммуникативие, ки омӯзгор ба миён мегузорад.

Бояд қайд кард, ки дар давоми ҳафт соли омӯзиши забони русӣ дар мактаб (5—11) намудҳои кори хаттӣ дар баробари ба камол расидани хонандагон ва азхуд намудани донишу малакаҳои нав мураккабтар мешаванд. Агар дар синфи 5-ум хонандагон такрори хаттӣ, тарзи навишти иншо оид ба зарбулмасал, муаммо, афсона ё ҷавоби муфассал ба савол омода карда тавонанд, пас дар синфи 6-ум унсурҳои тавсиф ба раванди машғулиятҳо ворид карда мешаванд, ки ба ин ҷараён хондани асарҳо ва фанни забони русӣ кумак мекунанд.

Мусаллам аст, ки муҳтавои асарҳо бо қаҳрамонҳои далеру ҷасур ва баракси инҳо иборат мебошад. Ва омӯзгор метавонад, бо хонандагон дар бораи қаҳрамонҳои асар суҳбатҳо барпо намояд ва аз онҳо талаб намояд, ки дар бораи ин ё он қаҳрамони асари пешниҳодгардида ба таври хаттӣ ҷавобҳо диҳанд. Дар ин маврид хонандагон бояд на танҳо нақшаи хаттии асари хурд ё порчае аз он, балки матни тарбиявии онро низ тартиб диҳанд. Чунин тарзи фаъолият хонандагонро фаъол гардонида, ба инкишофи нутқи хаттии онҳо шароит муҳайё месозад.

Тибқи андешаи муҳаққиқ И.Н.Говзич «Навъи асосии кор оид ба инкишофи нутқи хаттии хонандагон иншо мебошанд. Корҳои хаттӣ дар хонандагон маҳорати заруриро барои таълифи иншо дар мактаби миёна хангоми омӯзиши дарсҳои адабиёт ташаккул медиҳанд. Омӯзиши композитсия такмили ҷузъҳои асосии қобилиятҳои адабиро дар бар

мегирад, ки боиси амиқтар дарк ва таҳлил кардани асарҳои бадеӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва нутқи баён мегардад» [41].

Албатта, мо бо муҳаққиқ розӣ шуда метавонем. Дар ҳақиқат, таълифи иншо дар раванди дарсҳои забони русӣ нутқи хаттии хонандагони синфҳои 9-11-ро ба тадриҷ баланд бардошта метавонад. Вале дар ин раванд дигар паҳлӯҳои корӣ низ мавҷуданд, ки дар ташаккули нутқи хаттии хонандагон нақши муассир доранд.

Дигар муҳаққиқ Г.Р. Камолова дар ин бора чунин андеша дорад: «Аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ барои муайян ва равшану возеҳ гардонидани маъно ва тарзҳои ифодаи нутқ ёрӣ расонида, нозукиҳои фикрро нигоҳ медоранд, ҷиҳатҳои мундариҷавӣ ва тарзҳои баёнро муайян мекунанд, алоқаи грамматикии сохту таркиби матнҳоро таъмин менамоянд» [74, с.3].

Кори инкишофи нутқи хаттӣ дар байни хонандагони синфҳои 9-11 ба хусусиятҳои синну соли хонандагон, дараҷаи инкишофи адабию нутқии онҳо, намуд ва жанри асари бадеӣ вобаста аст.

Асосан, инкишофи нутқи хаттии хонандагонро бояд аз синфи 7-уми зери назорат гирифтан лозим аст. Дар синфи 7-уми аз рӯйи асарҳои омӯхташаванда ба мисли, «Тарас Булба»-и Н.В. Гогол, иншо навиштан ва қаҳрамонҳои ин асарҳоро тавсиф кардан барои хонандагон шароите омода месозанд, то онҳо бо истифода аз тафаккури худ ҳангоми мутолиаи асар нутқи хаттии худро ривоҷ бахшанд. Инчунин, дар ин синну сол бо ёрии муаллим тартиб додани нақшаи асари хондашуда ё порчае аз он ба навиштани нутқи хаттӣ дар асоси таассуроти шахсӣ мусоидат мекунад.

Дар синфи 8-ум хонандагон кӯшиш мекунанд, ки иншоҳои хаттӣ омода созанд, ки хусусияти проблемавии қаҳрамонони асарҳои омӯхташавандаро нишон диҳанд. Яъне, тафаккури таҳлилии хонандагон як зина боло рафта, нутқи хаттии онҳо мукаммал мегардад.

Хонандагони синфи 9-ум бошад аз рӯйи навъҳои гуногун, яъне аз мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва тафаккури эҷодии худ нақлҳои хаттӣ омода карданро меомӯзанд. Оҳиста-оҳиста нутқи хаттии онҳо ҷиддитар мешавад.

Дар синфи 10-ум хонандагон дар мавзуъҳои адабӣ, маърӯза ва иншо тайёр мекунанд. Дар чорабиниҳои мактабӣ фаъолона иштирок мекунанд. Мавзуи чорабиниро худашон интихоб мекунанд ва барои он сенария менависанд.

Дар синфи 11-ум бошад ҳамаи он чи, ки хонандагон дар тули солҳои мактабхонӣ омӯхтаанд, ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда мешавад. Намудҳои корҳои хаттӣ, тарзи навишт ва сохтори нутқи хаттии хонандагон мукаммал, пурра ва саҳеҳ мегардад.

Ин тарзи фаъолияте, ки мо дар боло зикр кардем танҳо дар сурате амалӣ мегардад, ки дар таҷриба татбиқ намудани он аз рӯзҳои аввали хониш, аз аввалин дарси адабиёт ба нақша гирифта шавад. Ва дар ҳар дарс инкишофи нутқи даҳонӣ ва хаттии хонандагон мунтазам мустаҳкам карда шавад.

Дигар хусусияти дарси забони русӣ дар он аст, ки дар ин раванд ҷанбаҳои эстетикӣ ва зебописандии хонандагони синфҳои 9-11 ташаккул меёбанд.

Педагог И.А.Куличева дар ин бора чунин андеша дорад: «Зери вожаҳои «Тарбияи эстетикӣ ба воситаи адабиёт»-ро ташаккули сифатҳои эстетикӣ-ахлоқӣ ва қобилиятҳои шахсияти муташаккил ва мутаносиб инкишофёфта фаҳмидан лозим аст. Дарси адабиёт бо мазмун ва ҷузъҳои технологии худ дар ташаккули шуури эстетикӣ, мавҷудияти низоми талабот ва дастурҳои эстетикӣ, қобилиятҳои эҷодкорӣ ва рафтори ахлоқӣ саҳми арзанда мегузорад» [90, с.4].

Дар ҳақиқат, тарбияи эстетикии насли наврас ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият ва ташаккули нерӯи эҷодӣ мусоидат мекунад. Аз

ҳамин лиҳоз, муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба ташаккули ҷанбаҳои эстетикии хонандагон диққати калон медиҳанд.

Дар қатори дигар муассисаҳое, ки ба тарбияи ҳисси зебописандии хонандагон саҳм мегузоранд, муассисаҳои таълимӣ дар асоси бароҳмонии машғулиятҳои забони русӣ нақши созгор доранд. Барои ҳалли ин масъала, яъне инкишофи ҳисси зебоӣ, баланд бардоштани завқи бадеӣ, қобилияти дарк кардан ва баҳо додан ба асарҳои санъат аз ҷониби хонандагони синфҳои 9-11 зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Таъсири мунтазаму пай дар пай ба хонандагон тавассути воситаҳои адабиёт, маҳз, дар раванди таълим сурат мегирад. Аммо, аз рӯйи фанҳои алоҳида, ки хонандагон завқ ва таваҷҷуҳ ба онҳо доранд, инкишофи ҳаматарафаи шахсиятро пурра таъмин карда наметавонад. Раванди инкишофи эстетикии шахс аз ташаккули тарбияи чунин хислатҳо, ки дар доираи онҳо қобилиятҳои дарки эстетикӣ оғоз меёбад, вобастааст. Аз ин рӯ, дар раванди таълими хонандагон ба инобат гирифтани тарбияи эстетикӣ, ки дар заминаи дарсҳои адабиёт сурат мегирад, барои комил намудани шахсияти онҳо муҳим ба шумор меравад.

Тарбияи эстетикӣ на танҳо тавассути идоракунии мақсадноку пайвастаи педагогӣ ва ташкили муҳити объективии таъсиррасонӣ ба хонандагон, балки бо муносибати эҳсосӣ ва баҳодиҳии субъект ба олами беруна, қобилияти дарки зебогиҳои табиат, ҷомеа ва санъат мусоидат мекунад.

Тавре ки муҳаққиқ Курсо С.Г. қайд мекунад: «Ҳиссиёти эстетикӣ дар ҳаёти шахс нақши созгор дорад. Қобилияти дидан, дарк кардан ва эҷод кардани зебоӣ ҳаёти маънавии инсонро ғанӣ ва ҷолиб гардонида, шароит фароҳам меорад, то ӯ лаззати баланди маънавиро эҳсос кунад. Рафтори шахс дар ҷомеа аз он вобаста аст, ки ӯ то кадом андоза зебоию дуруштӣ, пастию баландӣ, хандаовару фоҷиавиро дарк мекунад» [69, с.5].

Дар мактаб фанни забони русӣ яке аз фанҳои асосии таълим маҳсуб меёбад, ки вазифаи тарбиявии он бениҳоят калон аст. Забони русӣ агар аз як тараф, ба баланд гардидани савияи дониш, инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон шароит фароҳам орад, аз тарафи дигар, ба тарбияи эстетикӣ ва баланд гардидани шавқу завқ ба чизҳои зебо мусоидат менамояд.

Забони русӣ ба ахлоқу рафтор ва ҷаҳонбинии насли наврас, ки дар ин давра ташаккули инсон шуруъ мегардад, таъсирҳои муассири ҳиссӣ ва эмотсионалӣ мерасонад.

Ташаккули муносибати эмотсионалӣ ва баҳодиҳӣ ба он раванди мураккаб аст. Он аз инкишофи қобилияти бадеӣ, дарк кардани арзишҳо, доштани маҳорати баланди фаҳмиш дар бораи фарҳанг ва санъат вобаста аст.

Омӯзиши осори нависандагон ва шинос шудан ба давраҳои таърихие, ки онҳо зиндагӣ кардаанд, ба хонандагон имконият фароҳам меоранд, то онҳо аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он замона ба хубӣ шинос шаванд. Дар ин раванд, то кадом андоза бедор кардани завқи эстетикии хонандагон аз омӯзгори пуртаҷриба вобаста аст.

Омӯзгор дар раванди дарсҳои забони русӣ бо истифода аз маҳорат ва таҷрибаи худ метавонад, хонандагонро ҳам ба ҳаёти он замона ба воситаи асарҳои нависандагон шинос намояд, ҳамзамон, ҷанбаҳои маърифатӣ ва эстетикии онҳоро тақвият бахшад. Ин тарзи фаъолияти омӯзгор фаҳмиши хонандагонро дар бораи сатҳи фарҳанги мардумони ватанӣ ва берун аз он ғанӣ гардонида, ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи дониши онҳоро васеъ намуда, ташаккули муносибати эстетикиро ба воқеият фаъол мегардонад.

Таъсири мақсаднок ва пайгиронаи педагогӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 тавассути воситаҳои бадеӣ бояд дар раванди таълими забони русӣ, ки як ҷузъи низоми таълиму тарбия ба шумор меравад, сурат гирад. Зеро, дар сохтори фанни забони русӣ барои тарбияи

эстетикии хонандагон шароитҳои воқеӣ, яъне барои инкишоф додани шавқу ҳаваси бадеӣ мавҷуданд. Дар ин маврид омили пешбаранда ин фаъолияти эҳсосии хонандагон мебошад, ки дар инкишофи шавқу ҳавас ва зарурати робита бо адабиёту санъат зоҳир мегардад.

Педагог С.А. Зоидова чунин мешуморад: "Эҳсоси эстетикӣ ба ташаккули ақлии наврасону ҷавонон, ташаккули зеҳни онҳо, инчунин ба раванди пайдоиш ва инкишофи чунин қобилиятҳои эҷодии инсон ба монанди, хаёлот, ки тахайюлоти эҷодиро дубора эҳё мекунад, таъсири назаррас мерасонад". Педагоги маъруфи рус А.С.Макаренко ташаккули ҳиссиёти эстетикиро шарти зарурии ҳалли масъалаҳои тарбияи эстетикӣ шуморида, чунин ақида дошт, ки қувваи таъсирбахши ин восита дар он зоҳир мегардад, ки бачагон вайро ҳар руз ҳис мекунанд, вале дида нашаванда аст, аммо муттасил ба онҳо таъсир мерасонад" [61].

Маълумоти эстетикии асарҳои нависандагон дар раванди таълими забони русӣ танҳо вақте ҳамчун воситаи тарбия табдил меёбанд, ки хонандагон зебоиро бо ҳиссиёти ботинии худ дарк карда тавонанд. Аз ин рӯ, тарбияи эстетикиро ҳангоми таълими забони русӣ бояд дар асоси фаъолнамоии ҳиссиёти дохилӣ ва бедор кардани завқи бадеии онҳо ба роҳ мондан лозим аст.

Мусаллам аст, ки дар вақти хондани асари бадеӣ хонанда, пеш аз ҳама, ба мазмуни он диққат медиҳад. Ин табиист. Дар ин раванд, дар ӯ лаззати муайяни ҳиссӣ-эмотсионалӣ ба амал меояд. Аммо ин барои дарки пурраи эстетикии асар кифоя нест.

Дар асари адабӣ хонандагон, бевосита, калимаҳоро дарк мекунанд, ки дар ин раванд аз образҳои бадеии дар матн овардашуда низ огоҳ мешаванд. Хониши воқеӣ вақте оғоз мешавад, ки на танҳо ҳарфҳо дар калима ё ибораҳо ба ҷумлаҳо муттаҳид мешаванд, балки вақте хонанда тавассути онҳо ба тасвири образҳои бадеӣ дар тахайюли худ ворид мешавад. Яъне, қобилияти дидани образҳои бадеии асар дар раванди идроки дараҷаи олии хониш сурат мегирад.

Бояд гуфт, ки барои тарбияи эстетикии хонандагон дараҷаи худшиносӣ, ки инкишофи онро муҳити иҷтимой муайян мекунад, аҳамияти хоса дорад. Дар ташаккули қобилияти дарки эстетикӣ рафиқон, омӯзгорон ва падару модар нақши муҳим доранд.

Дар синни 13-18-солагӣ шавқу ҳавас на танҳо нисбат ба қонеъ кардани талаботи моддии худ, балки ба олами ботинӣ низ меафзояд. Дар ин давраҳо хонандагон аз рафтору кирдорҳои ахлоқии шахсони дигар воқиф мешаванд, муносибатҳои худу рафиқонро таҳлил мекунанд ва аз ин хулосаҳои зарурӣ мебароранд.

Инчунин, дар ин айём муайян кардани самтҳои эстетикии хонандагони синфҳои 9-11 фаъол мешаванд. Яъне, ҳар яки онҳо ба худ қаҳрамонҳои дӯстдошта ва диданӣ, адабиёт ва адибони ҷолиб, рассомон ва шоирони писандида пайдо мекунанд.

Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии тарбияи эстетикӣ дар раванди таълими забони русӣ аз он иборат аст, ки ин раванди педагогиро дар асоси пай дар пай ва зина ба зина инкишоф додани шавқу ҳаваси эстетикии хонандагон бо дарки бевоситаи эмотсионалӣ нисбат ба асари бадеӣ ба роҳ монанд.

Хонандагон ҳангоми шиносоӣ бо асари бадеӣ баҳои муносиби эстетикии худро ба эҷодиёти нависанда медиҳанд. Омӯзиши осори нависанда барои қабули ақидаҳо ва ғояҳои эҷодӣ ва тарбиявии ӯ замина фароҳам меоранд, то хонанда ба умқи бадеияти асари пешниҳодгардида ва ҷанбаҳои тарбиявӣ шинос гардад. Ин ба хонанда имконият фароҳам меорад, ки фаҳмишҳои худро нисбат ба нависанда васеъ кунад, муносибатҳои худро дар баробари ақидаҳои ӯ муайян созад. Дар ниҳоят,ҷамъбасти донишҳои андӯхта ва мавзуъҳое, ки ба хонандагон ҳангоми хондани асар мақбул ва писанд буданд, завқи бадеӣ ва қобилияти идроки эстетикиро инкишоф медиҳанд.

Педагог М.М. Алиматова дар бораи тарбияи эстетикӣ чунин андеша дорад: «Тарбияи эстетикӣ ин раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак ба ҳисоб рафта, рушди маҳорату қобилияти эҷодкории ӯро таъмин менамояд. Дар раванди тарбияи эстетикӣ таҷрибаи ҳиссӣ, олами эмотсионалии кӯдак бой гардида, маҳорату қобилияти дарккунии зебоӣ ва зебоишиносӣ инкишоф меёбад» [13, с.98].

Ба мақсад мувофиқ аст, агар дар раванди дарсҳои забони русӣ ҳангоми мутолиаи асар суҳбатҳо оид ба фарҳангу санъат ва тарзи навишти онҷорӣ карда шаванд, то ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба ҷанбаҳои эстетикии асар равона созем. Дар ин сурат муносибати хонандагон ба адабиёт ҳамчун падидаи тараннумгари ғояҳои эстетикӣ равона гардида, ташаккули сифатҳои эстетикӣ-ахлоқии онҳо ба амал меоянд.

Метавон гуфт, ки тарбияи эстетикӣ дар раванди таълими забони русӣ нуқтаҳои зерини хонандагонро тақвият мебахшад:

1. Бардошти таассурот аз хондани асар.

2. Таҳлили адабию бадеии матн тавассути тафсир ва хониши баён.

3. Муқаррар намудани муносибати эстетикӣ ба осори нависанда.

4. Доир намудани суҳбатҳо дар бораи осори нависандаи пешниҳодгардида ва муайян кардани равияҳои умумии адабиёту санъати давраи муайян.

Ба ҳам пайвастани ҳамаи нуқтаҳои дар боло овардашуда имконият медиҳанд, ки муносибати мунтазам ба ҳалли масъалаҳои муваффақонаи таълиму тарбияи эстетикии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарси забони русӣ амалӣ карда шавад.

Бояд қайд кард, ки хониши шарҳӣ низ ба таҳлили адабию эстетикии матни бадеии хонандагон мусоидат мекунад. Илова ба ин, қобилияти тафаккур ва фикррониро инкишоф дода, дар бораи ангезаҳои рафтори қаҳрамонҳои асар ва хусусияти муносибатҳои онҳо ба ғояҳои зиндагӣ равшанӣ меандозад.

Муҳаққиқ Ф. Муҳаммадиева чунин мешуморад, ки: «Хониши шарҳӣ, одатан, дар мактабҳои миёнаи умумӣ дар синфҳои 9-11 дида мешавад. Ин тарзи фаъолият аз омӯзгор тайёрии ҷиддӣ ва маҳорати касбиро талаб мекунад. Агар омӯзгор дар синфҳои поёнӣ калимаҳои барои хонандагон навро шарҳ диҳад, пас дар синфҳои 9-11 шарҳи вожаҳо ва мазмуни онҳо амиқу возеҳтар мешаванд. Яъне, барои шарҳи баъзан калимаҳо омӯзгорро лозим меояд, то аз унсурҳои фарҳангӣ, психологӣ, таърихӣ, сотсиологӣ ва фалсафӣ истифода барад. Чунин шарҳ барои пурра ва мукаммал аз худ кардани раванди дарс, ғанӣ гардидани луғат ва ба вуҷуд овардани ангезаҳои хонандагон мусоидат мекунад» [114, с.592].

Дар ин маврид романи М.Ю. Лермонтов «Қаҳрамони замони мо», ки ба хонандагони синфҳои 9-ум дарс гуфта мешавад, мисол овардан мумкин. Агар масъалаҳои ахлоқии ин достонро таҳлил намоем мебинем, ки нависанда бо як тарзи моҳирона паҳлӯҳои гуногуни қаҳрамони ҳаётиро дар мисоли Печорин дарҷ кардааст. Бо ин тарз муаллиф нишон медиҳад, ки қаҳрамони асар натанҳо ҷанговарон ва муҳофизони Ватан, балки шахсони оддӣ ва сарватмандон ҳам гардида метавонанд.

Қаҳрамонҳои асосии романи «Қаҳрамони замони мо» ин Григорий Печорин – ашрофзода, ҷавони сарватманд ва афсар, Максим Максимич - капитани штаб, хизматчии ҳарбӣ, ки аксари умри худро дар Қафқоз гузаронидааст, Бэла - духтари шоҳзодаи Черкес, соҳибҷамол, бовиқор ва худписанд, Мери - духтари ҷавон, намояндаи ашрофони Маскав, Казбич, Грушнитский – курсант ва дӯсти Печорин, Вера - маҳбуби Печорин, ягона зане, ки ӯ дӯст медошт мебошанд.

Дар романи М.Ю. Лермонтов «Қаҳрамони замони мо» эҳсосот ва таассуроти ботинии қаҳрамонҳо дар мадди аввал меистанд. Ҳангоми мутолиаи ин роман хонанда ҳам ба Бэла ва ҳам ба Мери ҳамдардӣ зоҳир

мекунад. Зеро, онҳо аз надоштани таҷрибаи ками зиндагӣ бозичаи дасти Печорин мегарданд.

Тавре дар асар мебинем духтарак - Бэла ба Печорин бовар мекунад ва худро ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати равонию маънавӣ мебахшад. Печорин бошад, гарчанде ақли рассо ва фаҳмиши баланд дорад, худбин, худхоҳ ва пайваста дар ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ буд. Барои ӯ ақида ва арзишҳои дигарон бе қадр буданд.

Муаллиф диққати асосиро ба олами ботинии шахс, ҳиссиёт ва азсаргузаронии ӯ нисбат ба ҳодисаҳои ҳаётӣ равона месозад. Педагог метавонад бо хонандагон қаҳрамонҳои асарро таҳлил намуда, саволҳое, ки инсонро дар тули ҳаёт ба ташвиш меоранд, ба мисли, ишқ-хушбахтӣ, муҳаббат-фоҷиа, тақдир-шароит ва табиат-одам, то андозае баррасӣ намоянд.

Дар ин раванд ҳиссиёт ва ангезаҳои хонандагон бедор гардида, қаҳрамонҳои асарро бо ҳам шарҳу эзоҳ медиҳанд. Касе ҷонибдори Печорину Казбич ва қисми дигар ҷонибдори Бэлаю Мери мешаванд. Бо ҳамин тарз хонандагон бо ҳам баҳс карда, ҳар яке ҳақиқати худро ҷонибдорӣ мекунанд.

Тавре ки педагог Н.Н. Мешерякова қайд мекунанд: «Адабиёт ҳамчун яке аз роҳҳои дарки олами атроф чандин аср пеш пайдо шуда буд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ин роҳи дарки умқи рӯҳи инсон аст. Як асари адабиро мутолиа намудан хонанда ҳам ба олами ботинии муаллиф ва ҳам ба ҳиссиёти худ назар мекунад. Тасвирҳо ва образҳои асар дар зери таъсири таҷрибаи рӯзгор, хотираҳо ва хаёлоти нависанда ба дунё меоянд. Бархе як олами том меофарад, дигаре дунёи кӯчак, аммо ҳар хонанда аз он писанди худро дармеёбад» [109, с.34].

Хулоса, дарсҳои забони русӣ қобилияти дарки эстетикӣ ва шавқу завқи бадеии хонандагонро инкишоф дода, тарбияи онҳоро тавассути таъсирҳои мақсадноки педагогӣ имконпазир мегардонад. Вазифаи мактабу маориф ҳам дар ҳамин асос меёбад, ки хонандагонро дар рӯҳияи

инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулиятшиносӣ, тоқатпазирӣ ва амсоли инҳо тарбия ва ба камол расонанд. Ва ҳар як наврасе, ки мактабро хатм мекунад, бояд фарҳанги интихоби осори бадеӣ, қаҳрамон ва китоби дӯстдоштаро барои мутолиа дошта бошад, то онҳо барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ хизмат намоянд. Албатта, дар ин раванд таълими фанни забони русӣ ва дар ин замина, тарбия кардани наврасони фарҳангдӯсту фарҳангпарвар нақши муассир дорад.

## Хулосаи боби 2

Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар мактаби миёнаи умумӣ қариб дар ҳамаи дарсҳои таълимӣ сурат мегиранд. Дар ин раванд фанҳои асосӣ ва ғайриасосӣ вуҷуд надоранд. Фанҳои таълимие, ки омӯзгорон дар мактабҳои миёнаи умумӣ ба хонандагон дарс мегӯянд, бо мазмун, муҳтаво, усул ва ташкили таълим донишу эътиқоди шахсиятро ташаккул дода, онҳоро аз ҳар ҷиҳат тарбия менамоянд. Дар ин ҳолат худи хонанда аз объект ба субъекти тарбия табдил ёфта, худтарбиякунӣ ва худтакмилёбӣ ҷараён мегирад.

Тавре ишора кардем тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар синф тавассути мазмуни маводи барномавӣ, дидактикӣ ва ташкили худи дарс сурат мегирад. Маводи таълимӣ, махсусан дар раванди дарсҳои забони русӣ ва таърих, ки ҷанбаҳои таъсири маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ доранд, ба хонандагон имкониятҳои бузурги маърифатиро фароҳам меоранд. Омӯзгорон дар ҷараёни дарс хонандагонро бевосита ба донистан ва дарк кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи одобу муошират роҳандозӣ мекунанд.

Агар намунаи рафтори (идеали) ғарбиён некӯаҳволии моддӣ ва «Ман» бошад, пас намунаи рафтори (идеали) шарқиён шахсони дорои рафтору кирдори ахлоқӣ, нисбат ба калонсолон эҳтиром варзидан ва улгу будан дар ҷомеа мебошанд. Мо бояд хонандагонро на чун «манқурте, ки эҳтиром нисбати арзишҳои оилавӣ, маҳаллӣ ва миллӣ

надоранд», балки ҳамчун шахсони ватандӯсту ватанпарвар, таҳаммулпазиру таҳаммулгаро ва масъулиятшиносу ӯҳдабаро тарбия намоем.

Бояд қайд кард, ки бе донишҳои саҳеҳи асосҳои ҳаётӣ, анъанаҳои халқӣ ва фарҳангу санъати миллӣ, дар ниҳоди наврасону ҷавонон ҳиссиёти эҳтиром ва самимият доштан нисбат ба фарҳангҳои халқҳои дигарро тарбия кардан ғайриимкон аст.

Мусаллам аст, ки дар моҳи октябр идҳо ва чорабиниҳои зиёде дар мактаб бахшида ба «Рӯзи омӯзгор», «Рӯзи забони модарӣ» ва ҷашни «Тиргон» баргузор мегарданд.

Чунин ҷашнҳо, ки дар доираи дарсҳои адабиёт низ гузаронида мешаванд, ба хонандагон дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ маълумот медиҳанд. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо хонандагон аз бисёр чизҳои нав огоҳ мешаванд, дар онҳо ҳисси меҳру муҳаббат нисбат ба табиати ватан, муносибатҳои байнишахсӣ ва тараннуми Ватан ташаккул меёбанд.

Мавриди зикр аст, ки таълими муосири мактабӣ дар ҷустуҷӯи шаклҳои нави таълиму тарбия мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки дар мактабҳои муосир сатҳи дониш, рушди зеҳнӣ ва раванди тарбияи хонандагон паст гардидааст. Агар ба ин ҳолат аз ҳад зиёд фишор овардани шиддати иттилоот ба воситаи сомонаҳои иҷтимоӣ ва Интернетӣ ба хонандагону омӯзгорон бошад, аммо дар баъзе мактабҳо таъминоти моддию техникӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. Дар ин шароити баамаломада омӯзгорони фанни забони русӣ кӯшиш мекунанд, ки роҳҳои нави беҳтар намудани раванди таълиму тарбияро ҷустуҷӯ намоянд. Зеро, дарси забони русӣ шавқу ҳаваси хонандагонро ба мутолиаи адабиёти бадеӣ бедор карда, фарҳанги муоширату муомила, тафаккури зеҳнию таҳлилӣ ва ҷанбаҳои инсонгароёнаю инсонпарваронаи онҳоро ташаккул медиҳад.

Дар фарҳанг ва тарзи зиндагии мардуми рус мутолиаи адабиёт яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекард. Аммо воситаҳои муосири ахборотӣ аз ҷумла, сомонаҳои иҷтимоӣ, интернет ва шабакаҳои маҷозӣ вазъиятро ба куллӣ тағйир доданд.

Тавре мушоҳидаҳои педагогӣ собит месозанд, имрӯзҳо волидоне ба воя расидаанд, ки худашон намехонанд ва ё агар мутолиа намоянд ҳам, маҷаллаҳои ҳаҷвӣ ва мудро интихоб мекунанд. Олимони илми педагогика ва психология чунин ақида доранд, ки «кӯдакон аксар вақт кореро, ки ба онҳо гуфта мешавад, ба сомон мерасонанд, аммо онҳо ҳамеша он чизеро, ки аз волидонашон мебинанд, иҷро мекунанд». Баъзан падару модар дар назди телевизор ё ба телефон саргарми коре ҳаст ва ба фарзандаш бо оҳанги фармонбардорӣ хитоб карда мегӯяд, ки рафта китоб хон кӯдак асло ин корро намекунад. Зеро, мебинад, ки падару модар худ китоб намехонад. Волидон ҳамчун намуна бояд бо рафтору амали худ ба фарзандон нишон диҳанд, ки хондани китобҳо хуб аст.

Вақте ки инсон китоб мехонад, дар тафаккури ӯ баъзе образҳо пайдо мешаванд, худро дар олами қаҳрамонҳои асар тасаввур мекунад ва қисме аз тасвирҳоро ба ҳам мепайвандад. Ҳангоми мутолиаи асар майна барои ташаккули иттилоот тамрин мекунад ва дар он алоқаҳои ҷадиди асабӣ пайдо ва сохта мешаванд. Агар ҳангоми тамошои телевизор ё шабакаҳои иҷтимоӣ тасвири образҳо комилан равшану тайёр бошанд, пас дар вақти хондани асари бадеӣ он образҳоро инсон дар тафаккур бо таври худ меофарад. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки дарсҳои забони русӣ ва дар ин раванд хондани асарҳои нависандагони бузург хонандагонро ба дунёи худ ворид карда, дар ниҳоди онҳо тухми некӣ, саховатмандӣ, далерӣ, ҷасурӣ, мардонагӣ, эҳтиром нисбати дигарон ва тоқатпазириро мепарварад.

## Боби 3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайяну мушаххас сохтани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ

### 3.1. Омода намудани амсилаи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ

Дар шароити имрӯза ба тавri лозимӣ ҷой надоштани дастурҳои маънавию ахлоқӣ дар байни бархе наврасон, махсусан, хонандагони синфҳои 9-11 боиси нигаронии ҷомеа ва аҳли маориф гардида истодааст. Инчунин, дар ниҳоди баъзе хонандагон ба таври шоиста ташаккул наёфтани тарзи ҳаёти солим, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, оилавӣ ва анъанаҳои мардумӣ боиси ташвишҳо ва бознигарӣ ба масъалаҳои дар боло зикргардида мегардад. Ин раванди номатлубро шабакаҳои иҷтимоию Интернетӣ, ки дар онҳо ҳаргуна бозиҳои зиёди компютерӣ ва барномаҳои пур аз таҷовуз, бераҳмӣ ва зӯроварӣ ҷой дода шудаанд, тақвият мебахшанд.

Тавре ки педагог Н.С.Табаров қайд мекунанд: «Ҳатто 5-6 сол пеш паҳн ва тамошо кардани намоишномаҳо, филмҳо ва саргарм гардидан аз бозиҳои компютерӣ аз тариқи интернет мисли имрӯза маъмул набуд. Дар шароити имрӯза одамон метавонанд тавассути вебсайтҳои махсус намоишномаю филмҳоро тамошо ва сабт кунанд. Инчунин, бояд қайд кард, ки дар ҷаҳони интернет маводҳое низ мавҷуд ҳастанд, ки ба системаи асаби инсон таъсирҳои манфии худро мерасонанд. Мисоли ин намоишнома ва филмҳое мебошанд, ки хислати зӯроварӣ, ваҳшониятӣ ва моҷароҷӯёна доранд» [173, с.67].

Дар воситаҳои ахбори оммаи муосир (сомонаҳои иҷтимоӣ, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра), ки дар онҳо намоишҳои аз фарҳанги мо бегона, фаҳшу худхоҳӣ нишон дода мешаванд ва наврасону ҷавонон онҳоро бе мамоният тамошо мекунанд, дар онҳо андешаҳои нодуруст

нисбати шафқат, саховатмандӣ, накӯкорӣ, адолат, ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ ташаккул меёбанд.

Новобаста аз ин, маҳз, ҷавонони имрӯза бояд ояндаи кишварро бунёд кунанд ва зимоми давлатдориро ба ӯҳдаи худ гиранд. Ва он анъанаву суннатҳое, ки халқи шарафманди тоҷик дар тули солҳо ба даст овардааст, афзун гардонида идома бахшанд. Ин танҳо вақте имконпазир мегардад, ки ҳар як ҷавони кишвар худро ҳамчун шаҳрванди асил, дустдори марзу бум, масъулият барои фардо дар назди Ватан-модар эҳсос ва дарк кунад.

Муҳаққиқ Х.С.Розиқов чунин қайд мекунад: «Дар илми ватании педагогӣ ҷойгоҳи муҳимро дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас эҷодиёти адабӣ ва мероси маънавию ахлоқии мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик ишғол менамоянд. Мероси бебаҳои ахлоқию ватандустона, васфкунандаи ҷавонмардию мардонагии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои X–XI ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик дорои нерӯи азим барои кушода додани ҷанбаҳои нав ҷиҳати тарбияи ҳарбию ватандустӣ ва рушди маънавию ахлоқии ҷавонони муосир мебошад» [139, с.3].

Дар ҳақиқат, ғояҳои маънавӣ-ахлоқие, ки халқи тоҷик дар тули асрҳо, дар асарҳои адабӣ, мақолаҳо, чистонҳо, шеърҳо ва достонҳо ҷамъоварӣ намудааст ва мардумро аз андешаҳои нодуруст, кирдору рафторҳои ношоиста ҳифз мекарданд. Вале, имрӯзҳо, ки шароити ҷаҳонишавӣ тамоми фаъолияти инсонро фаро гирифта аст, таъсирҳои манфии худро дар баъзан маврид мегузорад. Махсусан, хонандагон-ҷавонон, ки қишри осебпазири маънавии ҷомеа (аз ҳисоби надоштани таҷрибаи ғанию мукаммал) ба ҳисоб мераванд, худро базудӣ аз даст медиҳанд. Ва рафтору кирдори худро дар муқоиса бо дигарон ба танзим дароварда наметавонанд. Зеро, имрӯзҳо хонандагон-ҷавонон ба хондани асарҳои пурмуҳтавою аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ баландмазмун, ки дар онҳо фарҳанги волои инсондустию инсонгароӣ, сабру таҳаммулгароӣ

тараннум мешаванд, огоҳӣ надоранд ва ин ҳам ба зинаи дуюм афтода, ба ҷои онҳо дигар анъанаву фарҳангҳо, ки тамоман ба мо рабте надоранд, арзӣ ҳастӣ карда истодаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Муҳаммадҷони Тағоймурод: «Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона мушоҳида карда мешаванд, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа, таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, рӯй овардан ба фалсафаи маорифи халқи тоҷик ва истифодаи афкори тарбиявӣ ва таълимӣ дар амалия самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд» [115, с.3].

Бояд қайд кард, ки хонандагон-ҷавонон бадахлоқ ё хушахлоқ тавлид намешаванд. Онҳо дар раванди тарбияи мақсаднок ташаккул меёбанд ва таҷрибаи ҳаётиро бо гузашти вақт меомӯзанд. Маҳз, дар ин синну сол хонандагон-ҷавонон ниёз ба дастгирӣ аз ҷониби волидайн ва омӯзгорон доранд. Зеро, ҳар як падару модар ва омӯзгор таҷрибаи ғании ҳаётӣ ва рӯзгордорӣ доранд ва метавонанд, ҷавонони имрӯзаро ба роҳи рост ҳидоят кунанд.

Аз ин рӯ, дастгириҳои маънавӣ-ахлоқӣ кардани ҳар як хонандаи синфҳои 9-11 дар шароити имрӯза муҳим арзёбӣ гардида, ташаккул додани сатҳи ҷаҳонбинӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва сифатҳои ҳамидаи инсонӣ вазифаи аввалиндараҷаи аҳли маориф, ки инкишофдиҳандаи зеҳн, малака, маҳорат ва эҷодиёти онҳо мебошанд, ба шумор меравад.

Дараҷаи рушди зеҳн, ҷанбаҳои ҷисмонӣ ва иродаю маромҳои хонандагони синфҳои 9-11 дар якҷоягӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 мусоидат мекунанд.

Айёми наврасӣ яке аз давраҳои муҳимтарини синну сол мебошад, ки бо инкишофи фаъолонаи тамоми ҷузъҳои пешбари шахсият ва тағйироти физиологии дар натиҷаи балоғат ба вуҷуд омада алоқаманд

аст. Новобаста аз ин наврас мактаббача аст. Ва тарбия барои ӯ муҳим боқӣ мемонад. Аммо, аз нуқтаи назари ҷиҳатҳои равонӣ таълиму тарбия барои бархе наврасон аҳамияти дуюмдараҷа доранд. Ихтилофоти асосии ин давра барои наврасон ин собит кардани нуқтаи назари худ дар баробари калонсолон ва нишон додани лаёқату маҳоратҳо мебошад.

Тағйироти мудавоми ҷисмонӣ, ғоявӣ ва маърифатие, ки дар наврасон-хонандагон ба вуҷуд меоянд, муносибати онҳоро ба воқеияти атроф ва тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ, то андозае халалдор месозанд. Яъне, дар наврасон дарку фаҳмиш ба фаъолияти интихобӣ, мақсаднокӣ ва таҳлилӣ табдил меёбад.

Ба андешаи муҳаққиқ Е.Р. Жабборова: «Дар синни калони мактабӣ зарурати дустӣ кардан дар байни хонандагони синфҳои 9-11 пайдо мешавад. Аксар вақт, дӯстии байни хонандагони синфҳои 9-11 ба самимият табдил меёбад, ки дар ин ҳолат рафтору амалҳо намуд ва шакли дигарро ба худ касб мекунанд. Бо туфайли чунин муносибатҳо хонандагони синфҳои 9-11 кушиш мекунанд, ки рафтору амалҳо, кирдору гуфтори худро ба сӯйи беҳтар тағйир диҳанд ва барои инкишоф додани сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ ҷаҳд намоянд» [54, с.8].

Хусусияти вобаста ба ин синну сол, ки ба ҳамаи наврасон-хонандагон хос аст, ин тамоюли муболиға ва вокуниш ба нуқсонҳои ҷисмонии воқеӣ ё тасаввуршуда мебошад. Шаклҳои рафтор, ки бо фаҳмидани ҷинс алоқаманданд, ба таври пуршиддат дар амалҳои наврасон-хонандагон ба назар мерасанд.

Инчунин, дар наврасон-хонандагон хусусиятҳои идрок, зеҳн, муносибатҳои шахсӣ ва эмотсионалӣ шакли устуворро касб карда, духтарон фарқияти худро аз писарон дарк мекунанд.

Дар ин айём, бахусус, духтарони наврас ба эҳсосоти баланд майл дошта, қабули ҳар гуна пешомадҳоро зуд эҳсос мекунанд. Инчунин, онҳо ба вазъиятҳои ногувор нисбат ба писарон зуд мутобиқ мешаванд,

рафторҳо ва амалҳои худро тибқи шароит ба танзим медароранд ва ба намуди зоҳирии худ таваҷҷуҳи зиёд медиҳанд.

Дар ҳаёти ҳаррӯза духтарон бештар эҳтиёткор, самаранок ва бо сабр ҳастанд. Тавре мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, дар мактаб онҳо ба фанҳои гуманитарӣ майл доранд. Писарон бошанд, бештар ба донишу фаҳмишҳои абстрактӣ ба мисли, падидаҳои тахайюлӣ, проблемаҳои идеологӣ, илмҳои дақиқ, таҳлили ашёю ҳодисаҳо шавқу ҳавас доранд.

Суханҳои дар боло зикргардидаро хулоса карда метавон гуфт, ки айёми мактабхонӣ яке аз давраҳои муҳимтарини синну сол барои хонандагон-ҷавонон ба шумор меравад, ки бо рушди босуръати тамоми ҷанбаҳои шахсӣ ва тағйироти физиологӣ алоқаманд аст.

Психологҳо ва педагогҳо ин айёмро давраи гузариши синну соли ҳам мегӯянд. Яъне, хонандагон-ҷавонон дар ин айём ҷанбаҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва маърифатии худро дарк ва фаҳмиш мекунанд. Ва ба зинаи нави худшиносӣ мерасанд.

Баъди дида баромадан ва таҳлил кардани ҷанбаҳои маърифатӣ, психологӣ, ҷисмонӣ ва маънавию ахлоқии хонандагон-ҷавонон дар ин замина амсилаи педагогӣ, ки дар асоси он корҳои озмоишӣ ҷиҳати ошкор кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ гузаронида мешаванд, баррасӣ мегардад.

Тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас раванди ташаккули сифатҳои ҳамида дар онҳо ба мисли, виҷдон, қарз, имон, масъулият, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, сабру таҳаммул, шафқат, фарқ кардани некиро аз бадӣ, муҳаббат ва фидокорӣ, бартарафсозии душвориҳои ҳаётӣ, содиқона хизмат кардан ба миллат ва Ватан фаҳмида мешавад.

Дар фазо ва муҳити таълимии муосир амсилаҳои гуногуни педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас вуҷуд доранд. Ва онҳо дар асоси афзалиятҳои ҳадаф ва вазифаҳои раванди таълиму тарбия таҳия гардидаанд.

## Амсилаи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ



Амсилаи омоданамудаи мо аз чанд қисмат ба мисли, мақсад, вазифаҳо, шароитҳои педагогӣ, роҳҳои ташкили тарбия, сатҳи тарбия, нишондодҳо ва натиҷаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ иборат мебошад.

Зери мафҳуми мақсад мо тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русиро дар назар дорем.

Бояд қайд кард, ки пурмазмуну гуворо гардонидани ҳаёти насли наврас вазифаи аввалиндараҷаи низоми маориф ба шумор меравад. Ва дар ин замина, бе тарбияи дурусти маънавӣ-ахлоқӣ ин масъала роҳи ҳалли худро ба таври бояду шояд намеёбад.

Доктори илмҳои педагоги Ф. Гулмадов чунин қайд мекунад: «Падару модарон ва омӯзгорон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки рукнҳои зерини тарбияи ҳисси хештаншиносиро дар ниҳоди насли наврас ташаккул диҳанд: тарбияи некдилӣ, некӯкорӣ, садоқатнокӣ, тараҳум, дардошноӣ, устувории ахлоқӣ, алифбои маданияти ахлоқӣ, ҳамдардшавӣ, одатҳои ахлоқӣ, боилтифотӣ ва ғайра. Албатта, ҳамаи ин ба он вобаста аст, ки дар наврасонуҷавонон арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ чӣ гуна ташаккул ёфтааст» [45, с.8].

Аз гуфтаҳои педагог Ф.Гулмадов метавон дарёфт, ки дар шароити кунунӣ ахлоқи олӣ барои барқарор кардани муносибатҳо, тарзи корӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи инсон муҳимтарин ва заруртарин хислат ба шумор меравад.

Агар инсон бихоҳад, ки сазовори ин унвон бошад, наметавонад бидуни маънавиёти баланд ва ахлоқу одоб зиндагӣ кунад. Ин сифатҳо на модарзодианд, на ирсӣ, ки онҳо аз насл ба насл гузоранд. Мисолҳои зиёдеро низ овардан мумкин аст, ки аз волидони бофарҳангу бомаърифат фарзандони на онқадар хуб ба воя расидаанд. Ва баръакс ҳам мисол оварда метавон, ки аз оилаҳои носолим низ шахсиятҳои маъруф, поквиҷдон, хушахлоқ, хоксору ботамкин ба воя расидаанд.

Мақсади амсилаи педагогии мо, ки дар заминаи таълим ва омӯзиши фанни забони русӣ амалӣ мегардад ин дар руҳияи инсонгароёна, далеронаю ҷасурона ҷаҳд кардан ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ҳаётӣ ва таҳаммулгарою таҳаммулпазир тарбия кардани хонандагони синфҳои 9-11 мебошад.

Гарчанде, мақсади дарсҳои забони русӣ ташаккули шахсияти созандаю ободкор бошад ҳам, ин раванд аз педагоги бомаҳорату таҷрибадор вобастагии калон дорад.

Агар, дар солҳои пешин маҳорати тарбия кардан рисолати ҳар як дарс ба шумор мерафт, пас дар шароити кунунӣ фазилат он ташаккули арзишҳои инсонӣ, сифатҳои ҳамидаи шахсӣ ва баланд бардоштани маърифату маънавиёт аҳамият ва зарурати боз ҳам бузургтар пайдо кардааст.

Мақсади дигари амсилаи таҳиягардида, ки ба таълими фанни забони русӣ тавъам аст, ин аз насл ба насл интиқол додани анъанаҳои маънавию ахлоқӣ, таҳаммулпазирию масъулиятшиносӣ ва эстетикию фарҳангии намояндагони оламшумули дунёи илму маърифат ба шумор меравад.

Дар бораи моҳияти забони русӣ муҳаққиқ Л.В.Умантсева чунин қайд кардааст: «Забони русӣ симои маънавии насли наврасро ташаккул дода, дастурҳои ахлоқии онҳоро муайян мекунад. Забони русӣ бо ифодаи боигарии маънавӣ ва гуногунии мавҷудияти инсон дар образҳои бадеӣ ба насли наврасу хонандагон ҷиҳати дарки зебогиҳо, ки дар ҳар сатри навиштаҷоти он маҳфӯз аст, ёрӣ мерасонад» [171, с.83].

Бояд қайд кард, ки омӯзиши забони русӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ин таъмин кардани талаботи хониши босифат, дарки маънои асар ва сатрҳои шеърии шоирон, ки вожаҳои адабӣ ва бадеиро ҳамчун шакли фарҳанги воло пешкаши хонандагон мегардонанд, ба шумор меравад. Инчунин, омӯзиши ин фан ба рушди мақсадноки қобилиятҳои ба таври кофӣ дарк ва фаҳмидани маънои асарҳои адабии

шоирону нависандагони халқҳои гуногун ва дар ин замина, мустақилона шарҳ додани чизҳои хондаашон дар шакли шифоҳию хаттиро таъмин месозад.

Муҳаққиқ М.Е. Крошнева чунин қайд мекунад: «Асоси ҳар як асари бадеиро артефакт (аз лот. artefaktum – ба таври сунъӣ сохташуда) ва объекти эстетикӣ ташкил медиҳад. Артефакт қисмати қабати асар буда, аз ранг, хат ва калимаҳо иборат мебошад. Объекти эстетикӣ бошад, маҷмуи унсурҳое дониста мешавад, ки моҳияти эҷоди бадеиро ташкил медиҳанд ва аз ҷиҳати моддӣ устуворанду имкони таъсирҳои бадеӣ ба бинанда, шунаванда ё хонанда доранд» [86, с.26].

Дар раванди омӯзиши фанни забони русӣ хонандагони синфҳои 9-11 таҷрибаи мутолиаи босифат, фаҳмидани суханҳои баландмазмун ва қобилияти истифодаи забони адабиро ҳамчун воситаи ифодаи андешаю эҳсосоти худ пайваста инкишоф дода, талаботи фарҳангӣ таъмин ва завқи бадеӣ ташаккул меёбад. Чунки, объекти омӯзиши фанни забони русӣ ин асарҳои адабии нависандагону шоирони ҷаҳонӣ ва таърихию фарҳангӣ мебошанд.

Дарки асарҳо дар раванди фаъолияти мунтазами хонандагон ба азхуд намудани малакаҳои фарҳанги хониш, ки бо тариқи баланд, ифоданок ва равон хондан сурат мегиранд, оварда мерасонад.

Дигар қисмати амсилаи таҳиягардида ин муайяну мушаххас кардани иҷрои вазифаҳое, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нигаронида шудаанд, мебошад.

Мавриди ёдоварист, ки фанни забони русӣ дар раванди таълим мавқеи махсусро ишғол мекунад. Агар, дигар фанҳои мактабӣ ғайр аз мусиқӣ ва санъати тасвирӣ, меъёрӣ, расмӣ ва миқдорӣ ба шумор раванд, пас дарсҳои забони русӣ бошанд, маҳорату малакаҳои эҷодию эстетикии хонандагони синфҳои 9-11-ро ташаккул медиҳанд.

Бештари дарсҳои забони русӣ, ки бо таҳлили асарҳо ва шеърҳои шоирону нависандагон сурат мегиранд, масъалаҳои баррасишавандаи

онҳо мубрам ва актуалӣ арзёбӣ мегарданд. Дуруст аст, ки баъзан масъалаҳои таҳлилии дарсҳои забони русӣ ба замони имрӯза, то андозае мувофиқати иҷтимоӣ намекунанд, вале мазмуну мундариҷа ва ҷанбаҳои тарбиявии онҳо моҳияти худро гум накардаанд.

Асарҳои бадеӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар баробари мутолиа барои худ ғизои маънавию маърифатӣ гиранд. Илова бар ин, қаҳрамонҳои асарҳо барои бархе хонандагони синфҳои 9-11 дарси ибратро низ меомӯзонанд.

Тавре ки муҳаққиқ Ҷ.Ф. Алиева қайд мекунад: «Воқеан, асари бадеӣ ҳосили офариниши ҳунарӣ аст, ки дар чорчубаи як матни адабӣ инъикос мегардад, матне, ки дар навбати худ восита ва тариқест барои шинохту маърифати ҳастӣ, дарку бозсозии муҳити атроф. Мазҳару саҳнаҳои зиндагии инсонӣ дар осори адабӣ ба воситаи калимаҳо, образҳои бадеӣ ба зуҳур мерасад. Аз сӯйи дигар бо кумаки ҳамин образҳо адабиёт ҳастиро дар домани вақту фазо бозофарини менамояд, хусусияту дунёи пурпечи ниҳоди инсониро боз мекунад. Дар ин замина нақши пураҳмияту муассирро забону вижагии он мебозад» [12, с.18].

Ҳангоми мутолиаи асарҳои адабӣ хонанда дар гуфтугӯ бо қаҳрамонҳо гардида, гоҳҳо суҳбати ошкоро барпо мекунад. Новобаста аз синну сол ҳар як асари бадеӣ хонандаи худро дорад. Яъне, хонанда бо мутолиа кардани асар бо қаҳрамонҳо шинос ва ҳамшарики онҳо мегардад. Ва дар баъзан ҳолатҳо бо рафторҳои қаҳрамонҳо розӣ ва дар баъзан лаҳзаҳо норозию хашмгин мешавад.

Водор кардани хонандагон ба мутолиа намудани асарҳои нависандагони ҷаҳонӣ ва дар ин замина, фаҳмишу дарки маъною муҳтавои онҳо вазифаҳое мебошанд, ки дар шароити кунунӣ иҷроишашон саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегарданд. Қобилияти барқарор кардани муколама бо қаҳрамонони асарҳо ва маҳорати

муошират кардан бо онҳо яке аз масъалаҳои асосии замон ба шумор мераванд.

Вазифаҳои асосии амсилаи педагогии таҳиягардида ин:

1. Муайян кардани мушкилот ва ихтилофоте, ки дар раванди бароҳмонии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ба миён меоянд.
2. Ҳаллу фасли босифати маҷмуи проблемаҳое, ки дар ҷараёни ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ пайдо мешаванд.
3. Собит кардан ва нишон додани ҷиҳатҳои бартаридоштаи амсилаи педагогии таҳиягардида, ки ҷанбаҳои муҳими шахсии хонандагони синфҳои 9-11-ро дар раванди дарсҳои забони русӣ ошкор месозанд.

Мафҳумҳои асосии дарси забони русӣ ин маънавиёт, маърифат, ахлоқ, маънои зиндагӣ, ишқ ва виҷдон мебошанд. Ва ин мафҳумҳо дар низоми арзишҳои инсонӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Дар баъзан мавридҳо ва лаҳзаҳои дарсӣ аз эҳтимол дур нест, ки дар байни хонандагони синфҳои 9-11 нигоҳҳои ихтилофотомез нисбати қаҳрамонҳои асари бадеӣ ё ақидаи шоир нисбати арзишҳо пайдо гардад.

Бартарияти дарси забони русӣ нисбат ба дигар фанҳои таълимӣ низ дар он дида мешавад, ки дар раванди машғулиятҳо доир ба масъалаҳои мубрами рӯзмарра суҳбату мубоҳисаҳо ба роҳ монда мешавад. Инчунин, сарнавишти қаҳрамонони асарҳои нависандагон мавриди муҳокима қарор мегиранд ва он масъалаҳое, ки дар фаъолияти хондашудагон бавуқуъ мепайванданд дар асоси муқоиса бо онҳо (қаҳрамонҳои асарҳо) таҳлил карда мешаванд.

Дигар қисмати амсила ин ташкили мақсадноки шароитҳои педагогӣ ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мебошад.

Назорати педагогӣ яке аз омилҳои бунёдии таълиму тарбия мебошад, ки сохтор ва фаъолияти тамоми раванди таълим аз он вобастагӣ дорад. Тавассути баҳодиҳии сатҳи дониш ва тасҳеҳи он назорат қобилиятҳои хонандагонро барои дарёфти дониш, рушди минбаъда ва ҳавасманд кардани онҳо ба идомаи таҳсил баланд мебардорад.

Муҳаққиқ И.В.Звягинтсева дар ин бора чунин қайд мекунанд: «Гарчанде муаллим ҷузъи худи фан нест, вале вай «баранда»-и арзишҳои дар мундариҷаи ин фан ҷойгиршуда мебошад. Омӯзгори ботаҷриба медонад, ки ба кадом ҷиҳатҳои мавзуи дарс диққат диҳад ва кадом шаклҳои фаъолиятро дар раванди дарс интихоб кунад. Муаллими забони русӣ бояд, аввалан, филологи хубе бошад, ки фанни худро нағз донад. Дуюм, методикаи таълими фанро донад, яъне муносибати инфиродиро ҷорӣ карда тавонад ва эҷодкорона дарсро ташкил кунад. Сеюм, маҳорати актёрӣ дошта бошаду ҳангоми муҳокимаи қаҳрамонҳои асар ва матнҳо дар дили хонандагон эҳсосоти муайяни равониро бедор карда тавонад. Чорум, одобу муносибати хубе барои шогирдон нишон диҳад. Ва барои шогирдон намунаи ибрат ва ифодагари сифатҳои ҳамидаи инсонӣ бошад» [58, с.23].

Дар педагогика мақсадиҷараёни таълим ҳамчун омиле маънидод карда мешавад, ки барои ба даст овардани натиҷа шароитҳои зарури муҳайё месозад. Барои муайян намудани шароитҳои педагогӣ назорат бурдан аз  фаъолияти хонандагони синфҳои 9-11 ҷанбаи муҳими ин раванд ба ҳисоб меравад.

Асосан, мафҳуми «шароит» дар илмҳои психология, фалсафа ва педагогика ба таври мушаххас доир ба соҳаи таҳқиқшаванда баррасӣ мешавад. Ташаккули шахс дар натиҷаи таъсирҳои мутақобилаи омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба амал меояд, ки дар илми педагогика ва психология ҳамчун шароит дониста мешаванд.

Дар илми педагогика ноил шудан ба натиҷаҳо бидуни муқаррар кардани шароит ғайриимкон аст. Таҳқиқоти педагогӣ мақсади ҷараёни тарбияро ҳамчун омиле муайян мекунад, ки ба воситаи он шароити зарури ба вуҷуд оварда мешавад ва ноил гардидан ба ҳадафҳою ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ аз он вобаста аст.

Дар ин бора педагог А.А. Абрамова чунин қайд мекунад: «Шароитҳои педагогӣ маҷмуи ҳолатҳо ва самтҳои махсуси асосноку муташаккили фаъолияти педагогие мебошанд, ки дар якҷояги ноил шудан ба самаранокии натиҷаи раванди таълимро дар марҳилаҳои гуногуни он муайян мекунанд» [2].

Дар фаҳмиши муҳаққиқон фаъолияти бошууронаи таҳқиқгар, ки ба тағйир додан ва такмил додани воқеият нигаронида шудааст шароит номида мешавад. Чунки шароит хусусиятҳои фаъолияти муҳаққиқро ҳангоми гузоштани мақсад ва татбиқи он ифода мекунад.

Ба андешаи мо ва тибқи гуфтаҳои дар боло чанд намуди шароит мавҷуд ҳаст, ки фаъолияти шахсро натиҷагирӣ кардан имкон медиҳанд:

- шароити ҳатмӣ барои амалисозии фаъолият;
- баэътиборгирии шароити муҳити зист ва анъаноту таҳаммули маҳал;
- шароит ба талабот ҷиҳати ошкор кардани меъёрҳои натиҷаи фаъолият.

Аз натиҷаи гуфтаҳои боло метавон ошкор кард, ки шароитҳои педагогӣ ҷузъи асосии низоми таълиму тарбияро ифода намуда, маҷмуи имкониятҳои муҳити таълимӣ ва моддию фазоиро инъикос мекунад.

Дигар қисмати амсилаи педагогӣ роҳҳои ташкили тарбия ба шумор меравад.

Роҳҳо ва усулҳое, ки ҳар як педагог дар фаъолияти худ мавриди истифода қарор медиҳад, як роҳи мушаххаси расидан ба ҳадаф мебошад. Аз тарафи дигар, роҳҳо ва методҳо ҳамчун низоми амалҳо, амалиёти дарки назариявӣ ва амалии воқеият фаҳмида мешаванд.

Мувофиқи андешаи педагог С.В. Сидоров: «Ягон метод ё усул худ аз худ хуб ё бад нест. Танҳо интихоби дуруст ва омезиши мушаххаси усулҳо ба натиҷаи дилхоҳ оварда, имкон медиҳад, ки раванди тарбия самаранок сурат гирад» [150, с.22].

Бо дарназардошти таълиму тарбия дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон қайд кард, ки барои омӯзгор дарку аз худ кардани воқеият, идора карданиҷараёни таълиму тарбия ва мувофиқи мантиқу қонуниятҳои инкишофи ба мақсад мувофиқ чораандешӣ кардан лозим меояд.

Агар фаъолияти тарбиявӣ вазифаи мушаххаси муаллим бошад, пас усул ва методҳо «асбоб»-и хосе ҳастанд, ки раванди тарбияро таҳаввул ва ташаккул медиҳад. Баъдан, усулҳои тарбия ҳамчун маҷмуи амалҳои муаллим, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххас ба мисли, ташаккули ҷаҳонбинӣ, дарки маънои ҳаёт ва зебогиҳои табиат, ба танзим даровардани рафтору амалҳои худ ва дигарон нигаронида шудааст, ҳамчунин низоми амалҳое чораандеши карда мешавад, ки бе ёрии онҳо иштирокчиёни бевоситаи раванди таълим (хонандагони синфҳои болоӣ) худро ҳамчун фарди комил дарк карда наметавонад.

Ташаккули шахс аз методҳои тарбиявӣ вобастаги дошта бошад ҳам, пеш аз ҳама, аз сохтори арзишҳо, психология ва дарку фаҳмишҳои ӯ алоқаманди дорад. Аз ин рӯ, барои боз ҳам самаранок ба роҳ мондани раванди тарбия педагогро мебояд ба психикаи тарбиятгиранда диққати аввалиндараҷа диҳад. Тарбия дурусти шахсии хонандагон бидуни дарки дақиқи хусусиятҳои хоси равонӣ ғайриимкон аст.

Бояд қайд кард, ки дар раванди тарбия педагог камтар аз усулҳои тақлид ва нусхабардорӣ истифода намояд. Зеро, чунин тарзи фаъолият ба хонандагон таъсирҳои манфии худро мерасонад. Дар илми педагогӣ усули тақлид хеле кам истифода мегардад. Ба ҷои он, бештар, усули намуна мавриди фаъолият қарор дода мешавад.

Педагогҳо Е.Л. Родионова ва Е.Ю.Илалтдинова дар ин бора чунин андеша доранд: «Усули намуна дар сохтори раванди педагогӣ васеъ истифода мешавад. Тафаккури инкишофёбандаи хонандагон ҳамеша мехоҳад, ки он ғояҳо ва арзишҳои шахсии худро дар мисолҳои ҳақиқӣ ва зинда бинад. Ва ба ин ҷустуҷуҳои онҳо усули намуна, ки таъсири муассири педагогӣ дорад, фаъолона мусоидат мекунад» [138, с.32].

Ҷанбаҳои манфии истифодаи методи тақлид ва нусхабардорӣ инҳо мебошанд:

- аз даст додани принсипҳо, арзишҳо ва рафторҳои шахсӣ. Ҳангоми тақлид ва нусхабардорӣ кардани рафторҳою амалҳои шахсони дигар нусхаи аслӣ ва пурраи амалҳои худро аз даст дода, кирдору ҳаракатҳои шахси дигарро бо тамоми афзалиятҳою нуқсонҳояш аз худ мекунед;

- оқибатҳои нохуши тақлид ба одамони муваффақ. Вақте, ки шахс худаш дар зиндагӣ муваффақ нест ва ба шахси доро тақлид мекунад, ин амал, албатта, оқибатҳои нохуш ва фаҳмиданашаванда дар пай дорад. Масалан, шахси дорою муваффақе, ки шахс ба ҳаёти ӯ тақлид мекунад, агар ягон моли гаронарзиш харидори кунад, дар ҳол шахси тақлидкунанда мехоҳад чунин ашё дошта бошад. Вале, дар натиҷа он молро дастрас карда наметавонад, ки ин ба оқибатҳои манфии равонӣ, эмотсионалӣ ва эҳсосӣ оварда мерасонад.

- набудани аслият. Мушкилоти маъмулии ҳам нусхабардорӣ ва ҳам тақлид набудани аслият дар фаъолияти ҳаррӯзаи шахс мебошад. Ҳангоми аз даст додани аслият шахс тақлидҳои номуайяну номушаххас намуда, амалҳои дигаронро пайравӣ мекунад.

Мақсади ҳар як омӯзгор бояд рушди фардӣ, беназирӣ ва аслият доштани ҳар як хонанда бошад. Ба ин танҳо дар сурате муваффақ шудан мумкин аст, ки агар усусли намуна овардан аз рафторҳои дигарон ба инкишофи амалҳои бошуурона, эҷодкорона ва ба мустақилияти хонандагон мусоидат кунад. Талаби муайяни муаллим дар раванди

машғулиятҳо метавонад ангезаҳои манфӣ ё мусбатро дар хонандагон ба вуҷуд орад. Гузашта аз ин, андешаҳои омӯзгорро ҳар як хонанда аз тарзи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, тарбия ва ақидаҳои худ қабул ё рад мекунад.

Муҳаққиқ Л.С. Медянтсева чунин қайд мекунад: «Дар синни калони мактабӣ низоми ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои 9-11 ташаккул ва такомул меёбад. Онҳо нақшаҳо барои солҳои минбаъдаро тарҳрезӣ менамоянд, худмуайянкунӣ ва пайдо кардани мавқеъ дар байни коллективи ҳамсинфон пайдо мешавад ва ниҳоят касби ояндаи худро интихоб мекунанд. Хонандагони синфҳои 9-11 эҳтиёҷ ба худбаҳодиҳии худро эҳсос мекунанд, муносибати онҳо ба арзишҳо, рафиқон ва бо шахсони калонсол тағйир меёбанд» [105, с.13].

Агар, гуфтаҳои болоро таҳлил намоем ошкор мегардад, ки хонандагони синфҳои 9-11-ро дар ин айём дастгириҳои маънавӣ, равонӣ ва маърифатӣ накунем аз эҳтимол дур нест, ки онҳо барои муваффақ гардидан дар раванди фаъолият ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Ҳатто, усули мукаммалтарин ва андешидашудаи тарбия дар сурати ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои зерин дар натиҷаи бароҳмонии фаъолият натиҷаи мусбат дода наметавонад:

- хусусиятҳои фардии хонандагон;
- ҷанбаҳои синнусоли;
- баромади иҷтимоӣ;
- дараҷаи тарбияи хонаводагӣ;
- муҳити фаъолияти хонандагон;
- усулҳое, ки педагог дар раванди фаъолият ба роҳ мемонад.

Дигар қисмати амсилаи таҳиягардида сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мебошад. Аслан, сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русиро мо ба се зина ҷудо кардем: паст, миёна ва баланд.

Дар бораи сатҳи миёна ва баланд чандон сухан гуфтани нестем. Зеро, баъди ба охир расидани корҳои озмоишӣ бо истифода аз амсилаи педагогии таҳиягардида, натиҷаи кори мо муайян мегардад. Ва ҳоло дар бораи сатҳи пасти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 сухан гуфтани ҳастем.

Сатҳи пасти рушди маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 бо набудани дониши системавӣ оид ба арзишҳои муҳими шахсӣ, оилавӣ, маҳаллӣ, давлатӣ, вокуниши эҳсосотӣ ба муқаддасоти миллӣ, ки дар масири онҳо тамоми асолати инсонӣ инъикос ёфтаанд ва қобилияти таҷассуму нодуруст дарк кардани фаҳмишҳои ахлоқӣ шарҳ дода мешавад.

Ба андешаи мо, сатҳи пасти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 аз якчанд омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маърифатӣ иборат мебошад. Ба мисли:

- сатҳи ниҳоят пасти фарҳанги маънавӣ-ахлоқии аксарияти падару модарони муосир. Аз бесалоҳияти баъзан оилаҳо дар масъалаи инкишофи маънавӣ-ахлоқии фарзанд ва ба тарбияи ӯ эътибор ҷиддӣ надодан гоҳҳо фарзандон даст ба ҷинояту ҷинояткорӣ мезананд. Муҳити оила, ки бештари вақт фарзанд вақти худро мегузаронад, дар ташаккули хислату рафтор, амалу кирдору гуфтор нақши муҳим дорад.

Дар ин бора муҳаққиқ А.О.Насретдинова чунин андеша дорад: «Инкишофи маънавӣ-ахлоқии фарзанд аз оила оғоз меёбад. Ба ташаккули шахсии фарзанд муносибатҳои оилавӣ ва фарҳанги маънавӣ-ахлоқии волидон таъсири калон мерасонанд. Намунаи шахсии волидайн, таҷриба, дониш ва хислатҳои ахлоқии онҳо барои ташаккули сифатҳои беҳтарини инсонии фарзандон нақши муҳим мебозанд. Ҳар он чизе, ки кӯдак дар солҳои аввал мебинад ва эҳсос мекунад, дар шуури ӯ осори амиқ ва фаромушнашаванда мегузорад. Кӯдакон аз солҳои аввали ҳаётӣ бо арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ошно мешаванд, дар бораи воқеаҳои

олами атроф маълумот мегиранд ва баҳо додан ба онҳоро аз волидон меомӯзанд» [118, с.37].

- набудани ҳамоҳангии муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 (оила, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои ҷавонон, сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ);

- таъсирҳои ҷаҳонишавӣ. Ҳангоме, ки марзҳои фарҳангию маърифатӣ убур карда мешаванд, хоҳу нохоҳ дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 нисбати арзишҳо ва моҳияти баъзан масъалаҳои иҷтимоӣ фаҳмишҳои нодуруст пайдо мешаванд;

- рӯй наовардан ба фарҳанги миллӣ. Мушкилоти маҳдуди муаррифии фарҳанги миллӣ ва тарғибу ташвиқи нокифояи он ба носаҳеҳ ташаккул ёфтани анъанаҳои мардумӣ дар тафаккури хонандагон-ҷавонон аз ҷумла, эҳтиром нисбати калонсолон, дасти ёрӣ дароз кардан ба шахсони наздику ёру дӯстон, ба аёдати беморону бепарасторон рафтан ва амсоли инҳо мегардад.

Дар ин бора муҳаққиқ Данаева Камола чунин андеша дорад: «Фарҳанги ҳар як миллат махсусиятҳои муайян ва арзишҳои ба худ хос дорад. Мисоли барҷаста ва рангин ин хусусияти фарҳанги миллии тоҷикон аст, ки дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс ба мисли, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Хайём, Бедилу Камол ва дигарон таҷассум гардидааст. Анъанаҳои меҳмоннавозӣ, эҳтироми калонсолон, пос доштани урфу одатҳои миллӣ ва хонавадагӣ, таҳаммулпазирӣ, ки таҷассумгарӣ ҳамбастагии миллии тоҷикон дар тули таърихи зиёда аз 3000 сола мебошанд, намунае аз фарҳанги волои аҷдодони мо аст. Онҳо то ба имрӯз мубрамияти худро дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар ҷомеа гум накардаанд. Фарҳанги миллӣ маҷмуи унсурҳои устувори маънавӣ ва моддиест, ки ҳастии як халқро аз дигар халқ фарқ мекунонад, арзишҳои ҳаётии онҳоро муайян месозад» [47].

- проблемаи кадрӣ. Сатҳи нокифояи салоҳиятнокии касбии баъзан омӯзгорон дар масъалаҳои методологии тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар шароити имрӯза нигаронкунанда аст. Агар, омӯзгор бо тамоми ҳастияш ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон диққати ҷиддӣ надиҳад, ин раванд номукаммал ва носаҳҳеҳ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгори дар шароити кунунӣ авлавият дорад.

Дигар қисматҳои амсилаи педагогӣ нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мебошанд.

Зери мафҳумҳои нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мо он ҷанбаҳои маърифатиеро ба эътибор гирифтем, ки барои фаъолияти минбаъда онҳо нақши созгор доранд. Ба мисли, қатъият дар иҷрои вазифаҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ, устуворӣ дар эътиқод ва қобилиятҳои ҳимояю ҷонибдорӣ кардани онҳо дар ҳама гуна вазъият, суботкорӣ ва устуворӣ дар талабот, пеша кардани адолат, дар ҳолатҳои ногувор оромӣ ва худдорӣ зоҳир кардан ҳамчун зуҳуроти устувории рафтори ахлоқӣ, сабру тоқат варзидан дар ҳолатҳои лозимӣ, мувофиқати зуҳуроти берунии вазъи ахлоқӣ ва дастурҳои дохилии шахсӣ, зиндадилӣ ва дастгири кардани рафиқону дӯстон, ҳимоя кардани шаъну шараф, омода будан барои иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, рӯй овардан ба фарҳанги миллӣ, ҷонибдории сиёсати имрӯзаи кишвар ва ғайра.

Ҳамин тариқ, мақсади амсилаи таҳиягардидаи мо ин тарбия, инкишоф ва рушд бахшидани сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ҳангоми омӯзиши фанни забони русӣ мебошад. Ва бо итминони комил метавонем иброз намоем, ки ҳангоми истифодаи амсилаи таҳиягардида дар раванди корҳои озмоишӣ ҷиҳати ошкор

кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ин равандро тақвият бахшида, барои боз ҳам саҳеҳтар ошкор кардани ҷанбаҳои маърифатии хонандагон ёрии муассир мерасонад.

## 3.2. Натиҷагирӣ аз раванди корҳои озмоишӣ барои ошкорсозии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ

Яке аз қисмати асосии кори диссертатсионӣ, ки бевосита дар заминаи омӯзиши асарҳои бадеӣ ва шеърҳои баландмазмуни шоирон, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ ба хонандагони синфҳои 9-11 ҷиҳати баланд бардоштани савияи маънавиёт ва ахлоқ омӯзонида мешаванд, корҳои озмоишӣ дар асоси амсилаи таҳиягардидаи педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Дар корҳои озмоишие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд, 328 нафар аз шаҳри Душанбею Ҳисор ва барои муқоиса кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 аз ноҳияи ҷануби кишвар ба мисли, Фархор иштирок доштанд. Аз онҳо 149 нафар ба гурӯҳи озмоишӣ, 141 нафар ба гурӯҳи назоратӣ шомил ва 38 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ буданд.

**Фарзияи озмоиш.** Муайян кардани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ.

Дар раванди корҳои озмоишӣ бояд чунин **вазифаҳо** ҳал карда шаванд:

- муайяну мушаххас кардани ҷанбаҳои эстетикӣ, зеҳнӣ, маърифатӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ;
- мушаххасу ошкор кардани нақши омӯзгор дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои боло дар дарсҳои забони русӣ;

- андешидани чораҳои муассири педагогӣ барои мушаххас кардани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ;

- дар асоси корҳои озмоишӣ муайян кардани сатҳ, дараҷа ва нишондодҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои боло дар дарсҳои забони русӣ;

- илман асоснок кардани моҳияти гузаронидани корҳои озмоишӣ ҷиҳати ошкор кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болои дар дарсҳои забони русӣ.

Корҳои озмоишӣ чунин **қисматҳоро** дар бар мегирад:

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогие, ки барои самаранок ташкил кардани корҳои озмоишӣ мусоидат мекунанд;

- омӯзиши ҳолат ва муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати дуруст ташкил кардани корҳои озмоишӣ барои ошкор намудани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ;

- ошкор кардани шароитҳои педагогие, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мусоидат мекунанд;

- ҷамъбаст ва натиҷагирӣ аз раванди корҳои озмоишӣ.

Дар раванди корҳои озмоишӣ мо аз чунин **методҳо** истифода намудем:

- омӯзиши маводҳои педагогӣ. Маводҳои дорои матни таҳлилии илмӣ ва оморӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни раванди таълиму тарбия аксар вақт дар марҳилаҳои аввали корҳои озмоишӣ ва ҳангоми зарурати шиносоӣ бо объекти омӯхташаванда ҷиҳати муфассалтару дақиқтар кардани натиҷаҳо истифода мегарданд. Ба сифати маводҳои педагогӣ ҳама гуна маълумоте, ки дар шакли матни дастхат ё чопӣ, сабти овозӣ ва наворӣ ҷамъоварӣ шудаанд, дохил мешаванд;

- ташхиси педагогӣ. Мақсади истифодаи методи ташхис ин ба даст овардани маълумоти объективӣ барои идоракунии сифати раванди педагогӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ мебошад. Ташхиси педагогӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки фаъолияти худро бошуурона ва мақсаднок ташкил кунад. Агар, пеш аз оғоз кардани фаъолият омӯзгор аз методи ташхис истифода накунад, қувваю вақт ва неруи педагогии худро беҳуда сарф карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ расида наметавонад;

- методи муқоиса. Методи муқоиса барои гузаронидани корҳои озмоишӣ ҷиҳати интихоби беҳтарин шароит ё воситаҳои фаъолияти педагогӣ истифода мешавад. Дар раванди корҳои озмоишӣ муҳаққиқ объектҳое, ки мавриди таҳқиқот қарор додааст, бо тариқи муқоиса таҳлил мекунад. Ва дар асоси таҳлили муқоисавӣ натиҷаҳои мушаххас ба даст меоянд;

- методи пурсиш, мусоҳиба, анкета ва тест. Методи пурсиш барои омӯзиши масъалаҳои педагогӣ аз ҷиҳати омодасозию ташкил нисбатан сода ва маъмул буда, ҳамчун воситаи ба даст овардани маълумот истифода мегардад. Дар илми педагогика якчанд намуди машҳури методҳо ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳо мавриди истифода қарор мегиранд, ки дар байни онҳо методҳои пурсиш, мусоҳиба, саволнома ва тест нақши муассир доранд.

Бартарияти истифодаи методҳои пурсиш, мусоҳиба, анкета ва тест дар он аст, ки методҳои номбурда воситаи тавонои ташхиси муҳит ва фазои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар ин замина муайян кардани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мебошанд. Илова ба ин, методҳои пурсиш, мусоҳиба, анкета ва тест барои ошкор намудани камбуди ва норасогиҳои раванди таълиму тарбия шароит муҳайё месозанд;

- методи мушоҳида ва назорат. Методи мушоҳида қадимтарин усуле мебошад, ки бо ёрии он мутахассисони ҳаргуна соҳа барои дарёфти

натиҷаҳои мушаххаси ҳам илмӣ ва ҳам оммавӣ мавриди истифода қарор медоданд. Дар таҷрибаи омӯзгорӣ мушоҳида ҳамчун усули асосии тадқиқоти педагогӣ истифода мешавад.

Корҳои озмоишӣ дар **се марҳила** ба анҷом расонида шуд.

**Марҳилаи аввал** омода ва тайёрӣ дидан ба корҳои озмоишӣ ба шумор мерафт. Дар ин марҳила проблема, моҳият, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, дар асоси онҳо мақсад ва вазифаҳо гузошта шуд. Баъд аз ин нақшаи корҳои озмоишӣ тартиб дода шуда, методҳои муосири педагогӣ интихоб карда шуданд. Инчунин, дар ин марҳила маслиҳату машваратҳо бо роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки онҳоро ҳамчун пойгоҳи таҳқиқот интихоб намуда будем гузаронида шуд. Вақт, пайдарпаии корҳои озмоишӣ ва муқаррар кардани усулҳои коркарди маълумоти оморӣ мушаххас карда шуданд.

**Дар марҳилаи дуюм** корҳои озмоишӣ гузаронида шуд. Дар ин марҳила омӯзиши ҳолати ибтидоии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ва шароитҳое, ки дар он корҳои озмоишӣ гузаронда мешуданд, мушаххас карда шуданд. Дар ин марҳила дар асоси амсилаи педагогии таҳиягардида корҳои озмоиширо шуруъ намудем. Амсилаи педагогии омодагардида дар раванди корҳои озмоишӣ бартарияти худро нишон дода, ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои ҳаққонӣ кумак намуд.

**Марҳилаи сеюм** баанҷомрасии корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо буд. Дар ин марҳила натиҷаҳои бадастомада аз раванди корҳои озмоишӣ коркард ва арзёбӣ карда шуданд. Сатҳи ибтидоии дар марҳилаи аввали омӯзиш ва сатҳи ниҳоӣ дар асоси натиҷаҳои озмоиш муқоиса карда шуданд. Дар ин марҳила хонандагони синфҳои 9-11 мақсадҳо ва нақшаҳои минбаъдаи худро тарҳрезӣ мекарданд. Моҳият ва нақши омӯзиши фанни забони русиро, ки дар асоси он тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон сурат мегирад, дарк карданд. Инчунин, дар ин

марҳила дар хонандагони синфҳои 9-11 ташаккули маънавиёт, ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, пос доштани муқаддасоти миллию давлатӣ, эҳтиром ба шахсони калонсол, дасти ёрӣ дароз кардан дар вақтҳои лозими ба ҳамсинфон, дӯстон ва шахсони наздик ба назар мерасид. Аз ин бармеомад, ки корҳои озмоишии мо ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ бенатиҷа набуд.

Бояд қайд кард, ки сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ба се дараҷа: **паст, миёна ва баланд** баҳогузори кардем.

**Сатҳи паст:** Хонандагон нисбат ба арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳаётӣ бепарвоёна муносибат мекунанд, дар корҳои дастаҷамъона ширкат намекунанд, дар раванди дарсҳо ба дигарон халал мерасонанд, ба меҳнат кардан завқ надоранд, танҳо ба хотири гузаронидани вақт ба мактаб меоянд, дар дарсҳо фаъол нестанд, дар раванди дарсҳо мавзуи онро ба пуррагӣ аз худ карда наметавонанд, қобилияти заифи дарсазхудкунӣ доранд, танбали дида мешавад, доимо бо ҳамсинфон мунoқиша мекунад, ба ақидаҳои дигарон камтаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунад.

**Сатҳи миёна:** Рафторҳои худро на ба хости ҳиссиёти ботинӣ, балки бо дарназардошти эътиқоду ақидаҳои дигарон ба роҳ мемонад, худпарастӣ ва худтаърифкуниро дӯст медорад, аз ҳад зиёд мағрур ҳаст, арзишҳои шахсии худро нисбати дигарон боло медонад, дар баъзан ҳолатҳо хатогии худро қабул ва аз пайи ислоҳи он мешавад, дар бештари ҳолат танҳоиро ихтиёр мекунад, мавзуи дарсҳое, ки ба ӯ писанд ҳаст, шавқ пайдо мекунад, вале зуд аз он хаста мегардад, то андозае моҳияти дарсҳои забони русиро дарк мекунад, дар корҳои ҷамъиятӣ он қадар фаъол нест, савияи дониши онҳо мукаммал нест.

**Сатҳи баланд:** Дар дарсҳои забони русӣ фаъол мебошанд, тарбияи хуби маънавию ахлоқӣ доранд, эҳтиром нисбати омӯзгорон ва шахсони калонсол зоҳир мекунанд, кумакҳои худро ба шахсони дармонда ва

ҳамсинфон дареғ намедоранд, дар корҳои ҷамъиятӣ доимо фаъол ҳастанд, ташаббускори дар онҳо дида мешаванд, некбин, хайрхоҳ ва саховатманд ҳастанд, ба омӯхтани ҳаргуна илм шавқу ҳавас ва ирода доранд, дар раванди дарсҳо фаъол буда, ҳисси баланди ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва мавқеи муайяни шаҳрвандӣ доранд.

Ва инак он саволҳо ва усулҳое, ки дар раванди корҳои озмоишӣ ҷиҳати ошкор кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор додем пешкаш мекунем. Дар корҳои озмоишӣ якчанд намуд саволнома, ки ҳар кадоми онҳо хислати табии худро ҷиҳати ошкор кардани рафтору гуфтор, амалу ҳаракатҳо дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаётӣ доштанд, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бояд қайд кард, ки танҳо ҷавобҳои гурӯҳи озмоишӣ аз раванди корҳои озмоишӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ва танҳо дар соли аввал ва соли охирони озмоиш ҷиҳати ошкору мушаххас кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ ҷавобҳои гурӯҳи назоратӣ барои муқоиса кардан мавриди санҷиш қарор гирифтанд.

Саволи аввалине, ки ба хонандагони синфҳои 9-11 пешкаш гардид, чунин буд: «Методҳо ва шароитҳое, ки омӯзгор ҳангоми дарсҳои забони русӣ ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ташкил ва истифода мебарад ба шумо писанд аст?».

**Диаграммаи 1. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**



Агар диаграммаи №1-ро мавриди таҳлил қарор диҳем ба саволи пешниҳодгардида хонандагони синфҳои 9-11 чунин ҷавобҳо доданд: Ҳа – 51 (34,2%) нафар, Не – 12 (8,1%) нафар ва то як андоза – 86 (57,7%) нафар ҷавобҳо доданд. Аз ин бармеояд, ки хонандагон аз усулҳо ва муҳите, ки омӯзгор ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо шароит муҳайё месозад, то як андоза розӣ ҳастанд. Агар, аз дигар тарафи ин масъала назар афканем муайян мегардад, ки хонандагон аз фаъолияти педагогии омӯзгорони фанни забони русӣ то андозае розӣ ҳастанд, вале ин қонеъкунанда нест.

Бояд қайд кард, ки дар тули солҳои хониш муаллим ҳамеша бо хонандагон дар ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ қарор дорад. Муаллими кордон, масъул ва бонуфӯз метавонад барои хонандагон мисли идеал бошад. Ва хонандагон доимо мекушанд, хислату рафторҳои худро ба мисли омӯзгори писандида ба роҳ монанд.

Хусусияти хонандагон ҳамин аст, ки ба зуди услуби рафтор, гуфтор, кирдор, амал, ҳаракат, тарзи либоспушӣ ва фарҳанги муоширати омӯзгорро аз худ ва қабул мекунанд. Инчунин, хонандагони синфҳои 9-11 ба ҷанбаҳои маърифатӣ, сатҳи дониш, маҳорати ба саволҳои хонандагон ҷавобҳои саҳеҳу қонеъкунандаи омӯзгор диққати бештар медиҳанд.

Дар ниҳоди хонандагон омӯзгор ҳамеша шахсеро мемонад, ки доимо тайёр ҳаст, ба саволҳои шогирдон ҷавобҳои қонеъкунанда диҳад. Масалан, агар хонанда аз омӯзгор дар бораи ягон китоби бадеӣ ё филме, ки дар асоси асари нависанда таҳия гардидааст, савол диҳад, муаллим бояд дарҳол ба он ҷавоб диҳад. Яъне, хонанда аз муаллим ҳамеша он чизеро интизор ҳаст, ки аз дигарон бадаст оварда наметавонад.

Барқарор кардани муносибат ҳангоми дарсҳои забони русӣ, ки дар асоси саволу ҷавоб сурат мегирад, боис мегардад, ки муносибати ҳамкоронаи тарафайн амалӣ гардад. Ин тарзи фаъолият шавқу завқи хонандагонро ба дарсхонӣ бедор карда, меҳри илмомӯзиро дар ниҳоди онҳо парвариш медиҳад.

Хонандагони синфҳои 9-11 ҳамеша ба рафторҳои ахлоқии омӯзгорон диққат медиҳанд. Онҳо мушоҳида мекунанд, ки омӯзгор дар байни коллективи ҳамкорон, дӯстон ва шогирдон то кадом андоза нуфузу мартаба дорад, оё он ғояҳое, ки омӯзгор дар раванди дарсҳо ба шогирдон тавсия медиҳад, худ иҷро мекунад ё не, муносибати ӯ бо ҳамсояҳо ва хешу таборон дар кадом поя қарор дорад ва амсоли инҳо. Аз ин бармеояд, ки муаллим барои шогирдон натанҳо як шахси тасодуфӣ, балки шахсияте маҳсуб меёбад, ки дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, бофазилат, дурандеш, таҳаммулпазир, масъулиятшинос, меҳрубон ва ғамхор мебошад.

Ҷавоби хонандагон ба саволи пешниҳодгардида, ки бештари онҳо посух доданд, ки «То як андоза методҳои таълимии омӯзгори фанни забони русӣ ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ қонеъкунандаанд», собит менамояд, ки ҳоло ҳам сатҳи касбияти баъзан омӯзгорон паст буда, ниёзҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатии онҳоро қонеъ намегардонанд.

Дигар саволе, ки ба хонандагон пешниҳод гардид чунин буд: «Бо кадом тарз ё шакл тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар дарси забони русӣ бароҳ монда шавад?».

Мо ба хонандагон 5 варианти ҷавоб пешниҳод кардем ва интихоби онҳо чунин буд:

**Ҷадвали 1. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**

| № | Вариантҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1 | Илмӣ | 8 | 5,4 |
| 2 | Оммафаҳм | 14 | 9,4 |
| 3 | Истифодаи ашёи аёнӣ | 32 | 21,5 |
| 4 | Бештар муоширот ташкил карда шавад | 38 | 25,5 |
| 5 | Таҳлили қаҳрамонҳои асар | 57 | 38,2 |
| **Дар маҷмуъ** | | **149** | **100** |

Агар ба ҷадвали №1-ро назар кунем ошкор мегардад, ки ба саволи навбатӣ хонандагон чунин ҷавобҳо доданд: Ба таври илмӣ дарсҳои

забони русӣ ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ гузаронида шаванд – 8 (5,4%) нафар, оммафаҳм – 14 (9.4%) нафар, истифодаи ашёи аёнӣ – 32 (21,5%) нафар, бештар муошират ташкил карда шавад – 38 (25,5%) нафар ва қаҳрамонҳои асар таҳлил карда шаванд – 57 (38,2%) нафар ҷавобҳо доданд.

Аз таҳлили ҷадвал муайян мегардад, ки бештари хонандагони синфҳои 9-11 мехоҳанд, то дар раванди дарсҳои забони русӣ ҷиҳати баҳрабардорӣ аз маънавиёт ва ахлоқ қаҳрамонҳои асари нависандагон таҳлил карда шаванд. Яъне, аз 149 нафар хонанда 57 нафари онҳо чунин мавқеъро ҷонибдорӣ карданд.

Дар ҳақиқат, таҳлили қаҳрамонҳои асар дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир доранд. Дарки асари бадеӣ, ки дар асоси таҳлилҳои қаҳрамонҳои он сурат мегирад, раванди мураккаби гуногунҷанба буда, лаҳзаҳо ва тамоюлҳои ба ҳам мухолифро дар бар мегиранд. Аз як тараф, сохтор ва амалҳои қаҳрамонҳои асар, ки дар асоси тахайюли нависанда тарҳрезӣ гардидаанд ва аз тарафи дигар, дар ин раванд тафаккури эҷодию дарккунии хонанда, ки дар заминаи тасвирҳои таҷассумшуда дар ҳамбастагӣ ва зери таъсири таҷрибаи ҳаётии инфиродӣ, эстетикӣ, принсипҳои ғоявӣ ва арзишҳои ӯ ба ҳам меоянд, тағйири шакл мекунанд.

Муаллим дар раванди таҳлили қаҳрамонҳои асар бояд донад, ки хонандагон то кадом андоза хислати қаҳрамонҳои асарро дарк намудаанд, онҳо чиро аз худ карданд, чиро нафаҳмидаанд ва чиро умуман пай набурдаанд. Донистани чунин лаҳзаҳои дарс ба омӯзгор кумак мерасонад, ки ҳангоми ташкили машғулиятҳо ба кадом қисмати дарс бештар эътибор диҳад, кадом хислати қаҳрамонҳои асарро ба таври кушод фаҳмонад, ба чӣ равшанӣ андозад ва ба чӣ диққати хонандагонро равона созад, то онҳо вақтро сарфа карда, дигар тарафи тарбиявии асарро мавриди таҳлил қарор диҳанд.

Дигар ҷавобе, ки хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи додашуда пешниҳод кардаанд ин барои беҳтару хубтар дарк кардани маънои асарҳои нависандагони русу ҷаҳонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани савияи донишу самаранок ба роҳ мондани раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бештар ба таври муоширату музокирот ҷараёни дарс ташкил карда шавад. Зеро, дар мактабҳое, ки таҳсилашон ба забони тоҷикӣ сурат мегиранд, на ҳама хонандагон то андозаи лозимӣ забони русиро аз худ мекунанд. Аз ин рӯ, ташкил кардани музокироту фаҳмидани фикри муаллиму хонандагон аз манфиат холӣ набуда, раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳоро ба маротиб афзун мегардонад.

Донистани ҳаргуна забон ба шахс имконият медиҳад, ки ба муҳити маънавии он ворид гардида, аз он асарҳое, ки ба ин забон чоп шудаанду мақбули ҳамагон гаштаанд, мутолиа намуда баҳра ва ниёзҳои маънавии худро қонеъ гардонад.

Мақсади асосии азхуд кардани забони русӣ, ки бевосита дар раванди дарсҳои забони русӣ ҳалли худро меёбад, ба воситаи муошırати доимии шифоҳӣ табдил додани он дар ҷараёни дарсҳо мебошад. Забони русиро то андозаи лозимӣ бо ду роҳ азхуд кардан мумкин аст:

- беихтиёр. Роҳи беихтиёрии азхуд кардани забони русӣ ҳамон вақт амалӣ мегардад, ки шахс доимо аз тариқи телевизион, сомонаҳои иҷтимоӣ, гуфтугӯи ҳаррӯза ва филмҳо бо он забон тамошою суҳбатҳо баргузор менамояд. Дар ин тарзи азхудкунии забон танҳо фаҳмишҳои назариявӣ ба даст меоянд;
- ихтиёрӣ. Бо ин тарзи азхудкунии забон шахс бошуурона ва мақсаднок муносибат карда, мехоҳад забони русиро бо тамоми ҷузъиёташ азбар намояд. Асосан, чунин тарзи азхудкунии забони русӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ сурат мегирад.

Дигар саволе, ки бо он ба хонандагони синфҳои 9-11 муроҷиат кардем чунин буд: «Барои тақвиятдиҳии ҷанбаҳои маърифатӣ ва мукаммал гардонидани он аз кадом сарчашмаҳо истифода мебаред?».

**Диаграммаи 2. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**




Тавре аз диаграмма (ниг.диаг № 2) ошкор мегардад, ба саволи пешниҳодгардида хонандагони синфҳои 9-11 чунин ҷавобҳо доданд: Барои тақвиятдиҳии ҷанбаҳои маърифатии худ, ман аз китоб истифода мебарам – 14 (9,3%) нафар, интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ – 71 (47,7%) нафар, машғулиятҳои иловагӣ – 36 (24,2%) нафар ва марказҳои омӯзишӣ – 28 (18,8%) нафар.

Аз ин ошкор мегардад, ки хонандагони синфҳои 9-11 барои тақвият бахшидани ҷанбаҳои маънавию маърифатии худ, бештар аз сомонаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд.

Дар ҳақиқат, имкониятҳо ва қудрати сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ дар ташаккули арзишҳо, хислатҳо ва рафтору гуфтори хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир доранд. Сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ имрӯз як низоми ҳамаҷонибаи иттилоотие мебошанд, ки воқеиятҳоро ба таври эҷодӣ ба муштарӣ пешниҳод менамояд. Ба таври дигар, сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ ба муштари фарҳангеро пешкаш

мекунанд, ки мафҳуму арзишҳои ба худ хоси забонӣ ва иттилоотӣ доранд.

Хонандагони синфҳои 9-11 ҷавононе мебошанд, ки дар марҳилаи камолот қарор доштa, ташаккули ҳама хислатҳои инфиродии онҳо ба мисли, аз худ кардани дониш, пайдоиши арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳое, ки дар ҷомеа арзи ҳастӣ доранд, сурат мегиранд.

Воқеият ин аст, ки хонандагони синфҳои 9-11 дар шароити имрӯза зиндагию фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва маърифатии худро бе шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ тасаввур кардан намехоҳанд. Интернет як ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо ба шумор меравад. Истифодаи аз ҳад зиёди шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои 9-11 боиси тағийрёбии тарзҳои анъанавии муомила, муошират, рафторҳо, ғояҳо ва арзишҳои нав гаштааст. Аммо, дигар тарафи масъала низ вуҷуд дорад, баъзан хонандагони синфҳои болоӣ, маҳз, барои тайёр кардани дарс, пайдо кардани маълумоти ҷадид ва мукаммал кардани муоширати забони худ, дохили шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ мешавад. Мутаассифона шумораи ин гуна хонандагон хело кам ба чашм мерасад. Ба ҳар навъе, ки набошад, интернет ва сомонаҳои иҷтимоӣ ҳамрадифи фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагони синфҳои 9-11 мебошад. Аз ин рӯ, педагогонро мебояд, роҳҳоеро пайдо намоянд, ки тарзи дурусти истифодабарии сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетиро ба хонандагон фаҳмонанд.

Ташвишовар ва нигаронкунанда ин аст, ки аз 149 нафар пурсишшудагон танҳо 14 нафарашон манбаи маърифатиро дар хондани китоб ва рӯй овардан ба онро мебинанд. Агар, хонандагони синфҳои 9-11 манфиати китоб ва мутолиа кардани онро медонистанд, шояд рӯй ба он меоварданд. Китоб дӯсти беминнати шахс, мунис ва розбардори ӯ башумор меравад.

Аксар вақт, ҳангоми мутолиаи асари пурмазмуни нависандагони ҷаҳонӣ, ки бо забони русӣ чоп шудаанд, хонандаро бо ҷозибияти худ,

моил карда, дар ниҳоди ӯ ҳаргуна ҳиссиётро пайдо мекунад. Ва дар баъзан маврид хонандаи асари бадеӣ худро ба ҷои қаҳрамони асар мегузорад. Яъне, ҳангоми мутолиаи асар дар дарсҳои забони русӣ ва таҳлили ягон матни бадеӣ хонандагони синфҳои 9-11 -ро водор месозад, ки бо ҳамроҳии қаҳрамонҳои он ҳодисаҳоро аз сар гузаронад. Аз ин рӯ, маҳз, эҳсосот ҷузъи асосии равандҳои равонии хонандагон ҳангоми мутолиаи асар дониста шуда, ба худшиносӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифату ахлоқи онҳо таъсир мерасонанд.

Дигар саволе, ки дар пурсишнома ҷой дошт ва мо ба хонандагони синфҳои 9-11 онро пешниҳод кардем чунин буд: «Шумо кадом китоби бадеиро бо забони русӣ хондаед? Ва агар хонда бошед кадом асари нависандагони рус ё ҷаҳонӣ ба шумо писанд аст?».

**Диаграммаи 3. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**




Агар ба диаграммаи № 3-ро назар афканем ошкор мегардад, ки қисми бештари хонандагони синфҳои 9-11 он қадар ба хондан завқ надоранд. Аз 149 нафар пурсишшудагон ба саволи пешниҳодгардида, вақти хондан надорам – 18 (12,1%) нафар, ҳа, хондаам, ба ман писанд аст, хондани асарҳои нависандагони машҳури дунё бо забони русӣ – 46 (30,9%) нафар ва не, нахондаам – 85 (57,0%) нафар ҷавобҳо доданд.

Аз таҳлили диаграмма муайян мегардад, ки аз чӣ сабаб бошад, ки хонандагони синфҳои 9-11 рӯй ба китоб намеоранд ва хондани он ҳам ба онҳо писанд нест. Ин ҳолат бениҳоят ташвишовар аст. Ва ҳар як педагогро мебояд меҳри китоб ва манфиати онро дар дили хонандагон ҷой намояд. Зеро, бе мутолиаи китоби бадеӣ дар хонандагон ташаккули арзишҳои моддию маънавӣ ғайриимкон аст.

Бояд қайд кард, ки арзишҳо падидаҳои маънавӣ ва моддӣ мебошанд, ки маънои ҳаёти шахсро ифода карда, ангезаҳои фаъолро барои иҷрои амалҳои солиму созанда бедор месозанд. Арзишҳо асос ва ҳадафи ҳар як китоби бадеӣ, ки дар онҳо тарбияи шахси бомаърифат, поквиҷдон, хушмуомала, хушгуфтор ва ҳалиму меҳрубон инъикос гардидааст, мебошанд.

Тавре дар боло ишора кардем роҳандозӣ кардани хонандагони синфҳои 9-11 ба хондани китоб ва меҳру садоқат доштан ба он аз омӯзгори ботаҷриба ва кордон вобастагии калон дорад.

Муаллимро мебояд дар ниҳоди хонандагон на танҳо иҷрои вазифаҳои мушаххаси таълимию тарбиявиро ҷой кунад, балки масъалаҳои ҳаётиро, ки онҳо дар асоси мутолиаи китоб ва таҳлили матнҳо дар раванди дарсҳои забони русӣ роҳи ҳалли худро меёбанд, баррасӣ намояд.

Дигар ҷавобе, ки ба саволи пешниҳодгардида хонандагони синфҳои 9-11 посух доданд, моро то андозае хушҳол кард. Зеро, 46 нафар хонанда ба хондани китоб завқ дошта, асарҳои нависандагони рус ва ҷаҳониро бо забони русӣ мутолиа кардаанд.

Дар ҳақиқат, китоб манбаи илму дониш, пайдоиши арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва маърифату фазилат мебошад. Китоб ба хонанда неруву илҳоми тозаи маънавӣ ва эҷодӣ медиҳад. Китоб инсон буданро дар хонанда парвариш дода, ҷанбаҳои эстетикӣ ва завқи эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад. Маҳз, бо туфайли китоб шахс соҳиби маълумот

гардида, донишҳои назариявиро пайдо мекунад. Ва дар асоси онҳо (донишҳо) зиндагии худро ба роҳ мемонад.

Ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56 хонандаи синфи 10-ум Саидзода Мунаввара моро дар ҳайрат гузошт. Мунаввара зиёда аз 24 китоби бадеиро бо забони русӣ, ки нависандагони онҳо сатҳи ҷаҳонӣ буданд, хондааст. Инчунин, иброз дошт, ки хондани китобҳои адибони ҷаҳонӣ ба мисли, Уилям Шекспир, Лев Толстой, Ҷеймс Ҷойс, Владимир Набоков, Фёдор Достоевский, Уильм Фолкнер, Чарлз Диккенс, Антон Чехов, Гюстав Флобер, Ҷейн Остин ва дигарон ба ӯ писанд аст. Ва дар оянда ният дорад, ки асари Маргарет Митчелл «Барбодрафтагон» («Унесённые ветром»)-ро мутолиа намояд. Чунки, ӯ аз тариқи телевизион тавсифи ин китобро дидааст ва мехоҳад онро ҳарчи зудтар мутолиа намояд.

Тавре дар боло ишора кардем ҷиҳати ошкор кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ аз якчанд намуд пурсишнома истифода кардем. Ва инак, барои ташхиси рафторҳои ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 чунин саволнома тартиб додем. Саволи аввалин: «Вақте. ки яке аз ҳамсинфонатро дар вазъияти ногувор мебинед чӣ амалеро иҷро мекунед?»

**Диаграммаи 4. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**



Агар ба ин диаграмма (ниг.диаг. № 4) таваҷҷуҳ кунем ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида чунин мебошанд: ба ӯ ёрӣ мерсанам – 67 (45,0%) нафар, аз ҳолаш огаҳӣ пайдо мекунам – 49 (32,9%) нафар, изҳори ҳамдардӣ ва тасалият ба ӯ баён мекунам – 27 (18,1%) нафар ва бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунам – 6 (4,0%) нафар ҷавобҳо доданд.

Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки гарчанде дар ҳолатҳои ногувор, ки ҳамсинфе муҳтоҷ ба дасти ёрӣ ва кумак эҳтиёҷ дорад, дар баробари ёрӣ расонидан аз 149 нафар пурсишшудагон 6-тои онҳо бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунанд. Ин, албатта, қобили қабул нест ва барои рух надодани чунин ҳолат омӯзгоронро мебояд чораҳои амалии педагогӣ андешанд.

Бояд қайд кард, ки бетаваҷҷуҳии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки то ҳол ба таври лозимӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор мегардад, ки бархе аз наврасон дар роҳраву кӯчаҳо бо алфози қабеҳ якдигарро фарёд мекунанд. Аксар вақт кирдори наврасон чи духтар бошад чи писар ба таври оддӣ нофаҳмо буда, аз доираи ақлу хирад берун аст.

Баъзан хонандагон лаҳзаҳои лату куб ё суханрониҳои қабеҳи худро дар сомонаҳои иҷтимоӣ ворид месозанд, ки ин нигаронкунанда мебошад.

Сабабгори бетаваҷҷуҳи зоҳир кардани хонандагони синфҳои 9-11 бо ҳамсинфон, хешу табор, шахсони калонсол ва падару модар гуногун ҳам бошанд, аввалан, муҳите, ки онҳо дар онҷо зиндагӣ мекунанд, дуюм, сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ ва сеюм, худи падару модарон мебошанд.

Аксар маврид бетаваҷҷуҳӣ дар байни хонандагони синфҳои 9-11 меъёр ҳисобида мешавад.

Тавре дар боло ишора кардем сабабҳои бетаваҷҷуҳии хонандагон заминаҳои гуногун доранд. Аз ин рӯ, муаллим пеш аз оғози дарс ҳангоми

роҳандозии фанни забони русӣ дар бораи таълиму тарбия 5-6 дақиқаи дарсро сарф мекард, ба манфиати кор хоҳад буд.

Дигар саволе, ки ба хонандагони синфҳои 9-11 пешниҳод кардем чунин буд: «Агар касе барои рафторҳои шумо писханд занад чӣ кор мекунед?».

**Диаграммаи 5. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**




Ба саволи пешниҳодгардида хонандагони синфҳои 9-11 чунин ҷавобҳо доданд (ниг.диаг.№5): эътибор намедиҳам – 37 (24,8%) нафар, хашмгин мешавам – 69 (46,3%) нафар ва сабабашро пурсон мешавам – 43 (28,9%) нафар.

Аз таҳлили диаграммаи № 5 ошкор мегардад, ки ҳангоме, ки касе ба рафторҳои хонандагон писханд занад онҳо эътибор намедиҳанд. Ё дар ҳолати дигар хонандагон хашмгин мешаванд ва дар дигар ҳолат сабабашро пурсон мешаванд. Биёед ин се ҳолатро таҳлил мекунем. Аввалан, ки эътибор надодан ба касе аз як тараф хуб бошад, бо сабаби аз муноқиша дур шудан аз ҳолати дигар хашмгинӣ оқибати хуб надорад.

Таърифи дақиқи хашмгинӣ ва баҳо додан ба он душвор аст. Дар маҷмуъ, метавон чунин ҳисоб кард, ки хашмгинӣ рафтори харобиоварест, ки хилофи меъёру қоидаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ буда, ба одамон зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ва равонӣ расонида мешавад.

Сабабҳои пайдоиши хашмгинӣ дар ҳар ҳолат ҳаргуна мебошанд. Дар баъзан ҳолат бемориҳои равоние, ки дар шахсони алоҳида мебошад, сабаби пайдоиши хашмгинӣ мегардад. Ё аз мизоҷ ва хусусияти табии ӯ вобаста мебошад, ки чунин рафтор мекунад. Ё ҳолатҳое мешаванд, ки шахс дар зери фишори кори бисёр монда шуда, қаҳру ғазаб мекунад. Умуман, сабабҳои хашми хонандагон дар ҳар ҳолат ҳаргуна мебошанд.

Наврасоне, ки ниҳоят хашмгин мешаванд, пеш аз ҳама, онҳо худбину худхоҳ ва мехоҳанд дар маркази таваҷҷуҳи дигарон бошанд. Чунин шахсон ба фикру андешаҳои дигарон эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Ба андешаи шахсони хашмгин дигар ба ӯ барои расидан ба ҳадафҳо ё монеъ мешаванд ё зарар мерасонанд ё бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунанд.

Бояд қайд кард, ки хашмгинии писарон аз духтарон тафовут дорад. Агар, писарон дар муносибатҳои байнишахсӣ (машғулиятҳои варзишӣ, таълимӣ, фаъолияти ҳаррӯза ва дигар) хашмгинӣ зоҳир кунанд, пас духтарон дар ҳолатҳое, ки ба сифатҳои зоҳирӣ (афту андом, симои зоҳирӣ) ё маънавии онҳо баҳои сазовор дода намешавад, ғазабнок мегарданд. Хашмгинии духтарон аксар вақт дар лаҳзаҳои барқарорсозии муносибатҳои байнишахсӣ низ пайдо мешавад. Чунин ҳолат бештар идоранашаванда мебошад.

Зуҳуроти шаклҳои гуногуни хашмгинӣ ҳам аз рӯи хусусиятҳои синну солӣ ва ҳам аз рӯйи ҷинсият муайян карда мешавад. Дар синни мактабӣ дар байни писарон хашмгинӣ ва таҷовузи ҷисмонӣ бартарӣ дорад, духтарон бошад, хашмгинии худро ба воситаи лафзӣ амалӣ месозанд.

Инчунин, бетаваҷҷуҳии волидон дар хурдсолӣ низ ба сангдилӣ ва хашмгинӣ фарзандонро оварда мерасонад. Дар давраи кудаки волидон дар шинохти кӯдакон, тарбия ва ташаккули равонии онҳо таъсири калон доранд. Агар, дар оилае, ки таҷовузи равонию ҷисмонӣ як падидаи муқаррарӣ бошад, пас эҳтимолияти ба вуҷуд омадани шаклҳои носолими рафтор дар кӯдакон дида мешавад. Аз ин рӯ, пеш аз оне, ки муаллим ба

корҳои таълимию тарбиявӣ пардозад, омилҳо ва сабабҳои дар боло зикргардидаро ба эътибор гирад.

Дигар саволе, ки бо он ба хонандагони синфҳои 9-11 ҷиҳати ташхиси тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва дар ин замина ташаккули арзишҳои онҳо муроҷиат кардем чунин буд: «Зери мафҳуми сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва арзишҳо шумо чиро мефаҳмед?».

**Ҷадвали 2. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**

| № | Вариантҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1 | Рафиқи бисёр доштан | 7 | 4,7 |
| 2 | Пул, мол ва маблағи зиёд доштан | 52 | 34,9 |
| 3 | Саломатии волидон ва шахсони назикам | 58 | 38,9 |
| 4 | Ба одамони дигар ҳамдардӣ ва кумак расонидан | 4 | 2,7 |
| 5 | Муҳаббат доштан | 6 | 4,0 |
| 6 | Худро эҳтиром кардан | 3 | 2,0 |
| 7 | Мартаба доштан дар байни коллективи ҳамсинфон | 9 | 6,0 |
| 8 | Наранҷидан ва бахшидани гуноҳи якдигар | 10 | 4,8 |
| **Дар маҷмуъ** | | **149** | **100** |

Агар ҷадвали навбатиро мушоҳида кунем (ниг.ҷад. 2) ошкор мегардад, ки хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи навбатӣ чунин ҷавобҳо доданд: Зери мафҳуми сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва арзишҳо ман чунин ҷанбаҳои ахлоқии шахсиро мефаҳмам: рафиқи бисёр доштан – 7 (4,7%) нафар, пул, мол ва маблағи зиёд доштан – 52 (34,9%) нафар, саломатии волидон ва шахсони наздик – 58 (38,9%) нафар, ба одамони дигар ҳамдардӣ ва кумак расонидан – 4 (2,7%) нафар, муҳаббат доштан – 6 (4,0%) нафар, худро эҳтиром кардан – 3 (2,0%) нафар, мартаба доштан дар байни коллективи ҳамсинфон – 9 (6,0%) нафар ва наранҷидан ва бахшидани гуноҳи якдигар – 10 (4,8%) нафар.

Дар ҳақиқат, оила, сиҳатию саломатии волидон ва шахсони наздик асоси тамоми бунёдҳост. Инсон метавонад як шахси муаваффақу тавоно бошад, аммо агар пуштибони боэътимод ба мисли оила, волидон, хоҳару бародар надошта бошад, дар зиндагӣ ба нокомиҳои зиёд дучор мегардад.

Ташаккули мафҳумҳои арзишҳои оилавӣ аз хурдсолӣ дар вуҷуди инсон пайдо мешаванд. Ва дар синни калони мактабӣ ин арзишҳо ба таври дигар ташаккул меёбанд ва мустаҳкам мешаванд. Минталитет ва ҷомеаи имрӯзаи мо тоҷикӣ мебошад. Аз ин рӯ, эҳтиром кардани волидон, ҳурмат кардани шахсони калонсол ва арҷ гузоштан ба анъаноти миллии тоҷики вазифа, қарз ва ору номуси ҳар як хонандаи синфҳои 9-11 бошад.

Ҳангоми ҳамсуҳбат гардидан бо хонандагони синфҳои 9-11 бори дигар онро эҳсос кардем, ки барои бештари онҳо сарват, мол ва боигарӣ дар баробари саломатии волидон ҳеҷ аст.

Албатта, дар шароити имрӯза бе сарвату мол баъзан корҳои инсон рушд намекунанд. Вале, дигар тарафи масъала низ ҷой дорад. Дар ҳама давру замон неъматҳои маънавӣ бар неъматҳои моддӣ бартарият доштанд ва доранд.

Дигар қисмати хонандагони синфҳои 9-11 зери мафҳумҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва ташаккули арзишҳо пайдо кардан ва доштани пулу мол ва сарвати зиёдро мефаҳмонад. Дуруст аст, ки пулу мол ва сарват ба арзишҳои ҳаётии шахс ворид мегарданд. Вале, дар қиёс бо баъзан арзишҳои маънавӣ сарват дар зинаи дуюм меафтад.

Фаҳмиши моҳияти пул, сарват ва қобилияти ба даст овардани онҳоро ҳар шахс ба таври худ дарк ва фаҳмиш мекунад. Асосан, пул ва сарват на арзишҳои асоси инсон, балки бояд воситаҳоеро монанд, ки бо туфайли онҳо баъзан корҳои хайру саховат ба анҷом расонида мешаванд.

Дар бораи бадаст овардани молу сарват ва доштани он дар байни хонандагони синфҳои 9-11 фикру андешаҳо гуногун мебошанд. Бархе

бар ин боваранд, ки пул ба даст меояд ва аз даст меравад, бояд ба он дил набаст, дигаре пулро калиди зиндагии хушбахтона медонад ва сеюмӣ доштани пулу моли зиёдро хосияти қудрат доштан мефаҳмад.

Вале, дар ҳар сурат молу сарват барои инсон набояд воситае бошад, ки ҳадафҳои ғаразонаи худро ба дигарон таҳвил диҳад. Истифодаи дурусту оқилонаи молу сарват шахсро боломақом ва баландмартаба месозад. Аз ин рӯ, ҳар як педагогро зарур аст, ки дар баробари пулу мол  дигар сарватҳои инсониро аз ҷумла, қарзи шаҳрвандӣ, нангу номуси ватандорӣ, шаъну эътибори хонаводагӣ ва ба ҳамин монандро дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ дар асоси таҳлили матнҳои адабони русу ҷаҳонӣ ҷой намоянд.

Дигар саволе, ки ба хонандагон пешниҳод гардид чунин буд: «Дар оянда чӣ нақша доред?»

**Диаграммаи 6. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**




Ба саволи навбатӣ хонандагони синфҳои 9-11 чунин ҷавобҳо доданд (ниг.диаг.№6): нақшаҳои ман барои солҳои минбаъда ин: таҳсиламро идома медиҳам – 57 (38,3%) нафар, ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравам – 45 (30,2%) нафар, ба хизмати ҳарбӣ меравам – 6 (4,0%) нафар ва нақша надорам – 41 (27,5%) нафар.

Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки хонандагони синфҳои 9-11 баъди хатм кардани мактаби миёна таҳсили худро дар донишгоҳу

донишкадаҳо ва коллеҷу литсейҳо идома медиҳанд. Ин, алабатта, хуб ҳаст, аммо бархе хонандагони дигар ё барои солҳои минбаъда нақша надоранд ё баъди хатми мактаб ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, ки ин ҳолат ниҳоят ташвишовар мебошад.

Ташвишоварии ин амали онҳо аз он сабаб аст, ки ҳангоми рафтани ҷавонон ба муҳоҷирати меҳнатӣ онҳо аз фарҳанг ва тарзи зиндагии аҳолии таҳҷоии онҷо ба таври пурра огоҳӣ надоранд. Ва аз надонистани баъзан тартиби зиндагии маҳаллӣ ҷавонон ба мушкилӣ дучор мешаванд. Раванди ҷаҳонишавӣ низ таъсирҳои худро ба низоми муҳоҷирати меҳнатӣ расонида истодааст.

Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ назарияи бозори меҳнатиро ба вуҷуд овард, ки дар он ба муҳоҷирони меҳнатӣ талабот ва вазифаҳои наверо пешниҳод кард.

Мусаллам аст, ки рафтан ба муҳоҷирати меҳнатӣ устувории маош, баланд бардории он ва имкониятҳои афзоиши сатҳи зиндагиро роҳандозӣ мекунад. Вале, ҷанбаҳои манфиро низ доро мебошад. Биёед ба ҳамин масъала таваҷҷуҳи бештар медиҳем ва ин масъаларо ба таври пурра ошкор месозем. Тасаввур кунед як бор, ки хонандаи синфи болоӣ ҳангоми хатм кардани мактаб, аввалан, ки таҷрибаи кофии рафтан ба муҳоҷирати меҳнатиро надорад, дуюм, забон, фарҳанг ва урфу одатҳои маҳале, ки ба муҳоҷират меравад, намедонад, сеюм, аз камтаҷрибагӣ аз эҳтимол дур нест, ки ба ягон амали ношоиста даст занад.

Илова бар ин, ҳар як шахсе, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад, саломатии худро аз даст медиҳад. Сатҳи пасти маълумот ва малакаҳои муносибати ҷавонон низ, метавонад ба афзоиши ҷинояткорӣ ва пайдоиши зиддиятҳои этникӣ оварда расонад.

Омилҳое, ки мо дар боло зикр кардем маънои онро надорад, ки тамоман шахсони алоҳида ба муҳоҷирати меҳнатӣ нараванд. Манзури мо ҳам ин нест. Мо танҳо ҳушдор кардани ҳастем, ки ҳангоми рафтан ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ақалан, забони ҳамон минтақаро донистан лозим аст. Инчунин, аз тарзи зиндагӣ, урфу одат ва анъаноти маҳалӣ бохабар гардидан буду боши муҳоҷиронро ба маротиб осон ва бароҳат мегардонад. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд аввалан хонандагони синфҳои 9-11 баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳои худро ба ягон муассисаи таълимӣ

супорида, идомаи таҳсил мекарданд. Ва баъди таҷриба гирифтан ба ҳар фаъолияте, ки машғул мешуданд, қобили қабул мебуд.

Бояд қайд кард, ки бо ҳамроҳии омӯзгорони фанни забони русӣ низ, ҳам ба тарзи суҳбат ва ҳам ба шакли хаттӣ тестҳо гузаронидем. Ва аз онҳо пурсон шудем, ки кадом роҳҳо, методҳо ва технологияи таълиму тарбияро дар раванди дарсҳо ҷорӣ намоем, то сатҳи маънавиёт, ахлоқ, маърифат ва фарҳанги муносибату муошрати хонандагони синфҳои 9-11 баланд бардошта шавад.

Ва инак саволи навбатие, ки ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ, ки аз фанни забони русӣ дарс мегуфтанд, чунин буд: «Чӣ бояд кард, ки хонандагони синфҳои 9-11 майлу рағбат ба китобхонӣ ва машғул гардидан ба фанни забони русиро пайдо кунанд?».

**Диаграммаи 7. Натиҷаи ҷавобҳои омӯзгорон ба саволи пешниҳодгардида**




Агар ба диаграммаи №7 назар афканем ошкор мегардад, ки ба саволи навбатӣ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин ҷавобҳо доданд: ҳамкории муассисаи таълимиро бо волидони хонандагон ҷоннок кардан даркор – 18 (47,4%) нафар, аз ҷониби омӯзгорон серталабӣ ҷорӣ карда шавад – 6 (15,8%) нафар, моҳияти фанни забони русиро ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст – 3 (7,9%) нафар ва шароиту муҳити созгор ҷиҳати муассир ташкил кардани фанни забони русӣ ба роҳ монда шавад – 11 (28,9%) нафар.

Аз таҳлили ҷадвал ошкор мегардад, ки ҷиҳати майлу рағбат ба китобхонӣ ва машғул гардидани хонандагони синфҳои 9-11 ба фанни забони русӣ ҳамкории волидонро ба мактаб бештар кардан лозим аст.

Дуруст аст, ки бомуваффақона ҳал намудани масъалаҳои таълиму тарбия танҳо дар сурати ҳамкории оила ва мактаб имконпазир мегардад. Дар баъзан маврид ҳар ду тараф даъвоҳои ба худ хос доранд, ки ҳар кадоме дуруст будани худро далел меоранд. Яъне, муаллимон аз кам таваҷҷуҳ кардани волидон ба ҳаёти мактабии фарзандон, тарбияи нодуруст, ахлоқи коста ва рафторҳои ношоиста кардани онҳо шикоят мекунанд. Волидон бошанд дар навбати худ аз сарбории аз ҳад зиёди омӯзгорон ва вақти муносиб ҷудо накардани онҳо ҷиҳати рушду такомул додани фарзандашон шиква мебаранд.

Барои рафъи ихтилофоти номбурда муаллимро зарур аст, ки раванди таълиму тарбияро ба қадри имкон дастраси волидон гардонад. Яъне, дар раванди дарсҳои забони русӣ омӯзгорон бояд волидонро ҷиҳати аз ҳоли фарзандашон огаҳӣ пайдо кардан даъват намоянд. Мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор карданд, ки дар сурати ба вуҷуд омадани ҳамдигарфаҳмии байни муаллимону волидон ҳамкориҳои фаъол сурат мегиранд, ки ин амал ба манфиати кор хоҳад буд.

Агар муассисаи таълимӣ падару модаронро ба ҳаёти мактаби ҷалб созад, равандҳои ҳамкорӣ тақвият ёфта, фарзандон ҳам масъулиятро дучанд эҳсос мекунанд. Муносибатҳо бо волидон бояд хислати мутақобила дошта бошад, ки ҳам аз рӯи самту ҳадафҳо ва ҳам дар шаклу усулҳои амали намудани ҷанбаҳои маърифатӣ мувофиқат кунад. Ин ҳолат барои пешгирӣ кардани нофаҳмогиҳои анъанавии байни мактаб ва волидон кумак мекунад.

Самаранокии фаъолияти муштаракро муносибатҳои мутақобилаи оила ва муассисаи таълимӣ муайян мекунанд. Чунин муносибатҳо ҳамон вақт табиати боварона мегиранд, ки агар ҳарду ҷониб зарурати таъсири

мақсаднокро ҷиҳати ташаккул додани сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, маърифатӣ ва эҷодии хонандагон дарк намоянд.

Дигар ҷавобе, ки омӯзгорон ба ин саволи навбатӣ доданд, шароиту муҳити созгор ҷиҳати муассир ташкил кардани фанни забони русӣ буд. Албатта, шароити созгору муҳити солим низ меҳри китобхониро дар ниҳоди хонандагони синфҳои 9-11 бедор месозад, инчунин шавқу завқро барои машғул гардидан ба фанни забони русӣ баланд мебардорад.

Шароити созгору муассири раванди таълими фанни забони русӣ ва дар ин замин ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ин интихоби мақсадноки ашё аз ҷониби омӯзгорон ҷиҳати беҳтар сохтани ин ҷараён мебошад. Ҳалли методии раванди дарсҳои забони русӣ аз шароитҳое вобаста мебошад, ки фаъолияти якҷояи муаллим ва хонандагонро бо хусусиятҳои фаъолияти онҳо таъмин месозад. Зери мафҳуми шароитҳо мо ташкил кардани кабинетҳои фаннӣ, таъмин кардани он бо ашёи таълимӣ ва муҳайё сохтани муҳити хонандагон бо китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ ва аксу мусаввараҳои адибони ҷаҳонӣ дар назар дорем. Чунин муҳити созгор меҳру самимияти хонандагони синфҳои 9-11 -ро ҷиҳати машғул гардидан ба дарсҳои забони русӣ таъмин месозад.

Дигар саволе, ки бо он ба омӯзгорон мурочиат кардем чунин буд: «Барои дуруст тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ кардани хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ кадом корҳоро роҳандозӣ кардан лозим аст?».

**Ҷадвали 3. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида**

| № | Вариантҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|---|
| 1 | Корҳои берунаазсинфӣ самаранок ташкил карда шаванд | 8 | 21,1 |
| 2 | Реҷаи фаъолияти хонандагон мунтазам назорат карда шавад | 13 | 34,2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Ба корҳои меҳнатию муфид ва волонтёрӣ ҷалб кардани хонандагон | 6 | 15,8 |
| 4 | Дар дарсҳои забони русӣ қаҳрамонҳои асарҳо, ки хислати тарбиявӣ доранд, таҳлили амиқ карда шаванд | 7 | 18,4 |
| 5 | Ташкил кардани саволу ҷавоб ҳангоми таҳлили матни асари нависанда | 4 | 10,5 |
| **Дар маҷмуъ** | | **38** | **100** |

Аз мушоҳидаи ҷадвал ошкор мегардад, ки хонандагони синфҳои 9-11 ба саволи пешниҳодгардида чунин ҷавобҳо доданд (ниг.ба ҷад.№3): корҳои беруназсинфӣ самаранок ташкил карда шаванд – 8 (21,1%) нафар, реҷаи фаъолияти хонандагон мунтазам назорат карда шаванд – 13 (34,2%) нафар, ба корҳои меҳнатию муфид ва волонтёрӣ ҷалб кардани хонандагон – 6 (15,8%) нафар, дар дарсҳои забони русӣ қаҳрамонҳои асарҳо, ки хислати тарбиявӣ доранд, таҳлили амиқ карда шаванд – 7 (18,4%) нафар ва ташкил кардани саволу ҷавоб ҳангоми таҳлили матни асари нависанда – 4 (10,5%) нафар.

Аз таҳлили ҷадвал муайян мегардад, ки барои дуруст тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ кардани хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ омӯзгорон бештар мехоҳанд, ки реҷаи фаъолияти хонандагон назорат карда шавад.

Ҳар як коре, ки аз он натиҷаро мунтазир ҳастанд, бояд назорат карда шавад. Аммо, назорат кардан ба раванди тарбия назар ба раванди таълим хеле душвортар аст. Душвории назорати раванди тарбия дар чунин шароитҳо дида мешавад:

- натиҷаҳои он ба таври равшан намоён нестанд ва ба мисли раванди таълим зуд ошкор карда намешаванд;
- байни зуҳуроти педагогии рафторҳои нек ва бад давраи тулонии ташаккули хислатҳои зарурии шахсӣ мегузарад, ки дар он шахс дар як вақт ба навъҳои гуногуни таъсирҳо дучор мешавад, ки ӯ на танҳо

таҷрибаи мусбат, балки таҷрибаи манфӣ ҳам пайдо мекунад, ки муқоиса ва таҳлил кардани онҳо вақтро талаб дорад;

- раванди тарбия динамикӣ, чандирӣ ва тағйирёбанда аст. Вай вобаста ба хусусиятҳои синну солии хонандагон тағйир меёбад ва дар шароиту холатҳои мушаххас гуногун мешавад.

Дигар тарафи масъалаи мазкур ин аст, ки бештари вақти худро хонандагони синфҳои 9-11 дар муҳити хона мегузаронанд. Ва пушида нест, ки аксари хонандагони синфҳои 9-11 баъди дарс ба ҳоли худ мемонанд ва бештари вақти худро дар кӯча бо ҳамроҳии рафиқону дӯстон мегузаронанд. Чунин гашту гузоркуниҳои онҳо гоҳҳо то соатҳои бевақтии шаб идома меёбанд ва аз ҷониби волидон назорати ҷиддӣ карда намешаванд.

Инчунин, баъзе хонандагони синфҳои 9-11 ба бозиҳои компютерӣ машғул мегарданд, ки ин раванд ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо бе таъсир намемонад.

Бозиҳои компютерӣ ба психика, системаи асаб ва ҷанбаҳои ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 таъсирҳои манфӣ дорад. Дар раванди бозӣ сохторҳои мағзи сари наврасон, ки барои гирифтани лаззат масъуланд, дар ҳаяҷони доимӣ қарор доранд ва ин ҳолат метавонад, ба вобастагии доимӣ табдил ёбад. Мунтазам машғул гардидан ба бозиҳои компютерӣ рушди майна, ақл, заковат ва зеҳнро бозмедорад. Илова бар ин, дар наврасоне, ки ба бозиҳои компютерӣ доимо машғул мебошанд, бадҷаҳлӣ, хашмгинӣ, асабонияти зиёд ва хислату рафторҳои ношоиста дида мешаванд. Аз ин рӯ, назорати ҷиддӣ кардани хонандагони синфҳои 9-11 ва ба низом даровардани реҷаи фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ҳам аз ҷониби волидон ва ҳам аз ҷониби муаллимон зарури арзёбӣ мегардад.

Дар охири таҳқиқот, яъне дар соли сеюм саволи охиронро, ки аз чигуна ҷавоб додани хонандагони синфҳои 9-11 ба он натиҷаи пажуҳиши мо мушаххасу муайян мегардид, пешниҳод кардем. Ва он савол чунин

буд: «Ба андешаи шумо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд?».

Бояд гуфт, ки мо ин саволро ҳам соли аввал ва ҳам соли сеюми таҳқиқот ба хонандагони синфҳои 9-11 пешниҳод кардем. Ва натиҷаи ҷавобҳои хонандагонро ба таври ҷадвал омода намудем.

**Ҷадвали 4. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои болоӣ, ки ба гурӯҳи озмоишӣ шомил буданд, ба саволи «Ба андешаи шумо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд?»**

| **Вариантҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли аввал | | Соли охир | |
| | Шумора | Фоиз % | Шумора | Фоиз % |
| Ҳа | 68 | 45,6 | 109 | 73,2 |
| Не | 8 | 5,4 | 4 | 2,7 |
| То як андоза | 73 | 49,0 | 36 | 24,1 |
| **Ҳамагӣ:** | **149** | **100** | **149** | **100** |

**Ҷадвали 5. Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои болоӣ, ки ба гурӯҳи назоратӣ шомил буданд, ба саволи «Ба андешаи шумо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд?»**

| **Вариантҳо** | **Гурӯҳи назоратӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли аввал | | Соли охир | |
| | Шумора | Фоиз % | Шумора | Фоиз % |
| Ҳа | 63 | 44,7 | 74 | 52,5 |
| Не | 9 | 6,4 | 6 | 4,2 |
| То як андоза | 69 | 48,9 | 61 | 43,3 |
| **Ҳамагӣ:** | **141** | **100** | **141** | **100** |

Аз таҳлили ҷадвалҳо (ниг.ба ҷад. № 4,5) ошкор мегардад, ки дар тули се соли озмоиш чӣ гуна тағирот дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ ҳам дар гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам дар гурӯҳи назоратӣ баамал омаданд.

Агар, соли аввали таҳқиқот ба саволи пешниҳодгардида хонандагони синфҳои 9-11 чунин ҷавобҳо дода бошанд: Ҳа, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд – 68 (45,6%) нафар, Не, надоранд – 8 (5,4%) нафар ва то андозае нақш доранд – 73 (49,0%) нафар ҷавоб дода бошанд, пас дар соли сеюми корҳои озмоишӣ хонандагон чунин ҷавобҳо доданд: Ҳа – 109 (73,2%) нафар, Не – 4 (2,7%) нафар ва то андозае нақш доранд – 36 (24,1%) нафар.

Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ки шумораи онҳо 141 нафарро ташкил медод ба саволи пешниҳодгардида соли аввал чунин ҷавобҳо доданд: Ҳа, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд – 63 (44,7%) нафар, Не, надоранд – 9 (6,4%) нафар ва то андозае нақш доранд – 69 (48,9%) нафар. Дар соли сеюми озмоиш бошад гурӯҳи мазкур чунин ҷавобҳо доданд: Ҳа, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои забони русӣ нақш доранд – 74 (52,5%) нафар, Не, надоранд – 6 (4,2%) нафар ва То андозае нақш доранд – 61 (43,3%) нафар.

Аз таҳлили ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-11 ошкор гардид, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши дарсҳои забони русӣ ниҳоят калон буда, ҷиҳати омода кардани онҳо ба ҳаёти мустақилона ва аз монеаҳои ҳаётӣ ба осонӣ баромадан мусоидат мекунанд.

Бояд зикр кунем, ки саволҳо барои ошкор кардани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ниҳоят зиёд буданд, аммо мо он саволҳоеро мавриди таҳлил қарор додем, ки самту ҷанбаҳои ин равандро ба пуррагӣ ифшо мекарданд.

Дар раванди корҳои озмоишӣ, инчунин аз методҳои суҳбат ва мушоҳида фаровон истифода намудем.

Мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор карданд, ки новобаста аз дастовардҳо дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ яққатор мушкилот, ки марбут ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳастанд, ҷой доранд.

Мусаллам аст, ки имкониятҳои шаҳрҳо нисбати деҳотҷойҳо дар ҳама соҳаҳои фаъолият тафовут дорад. Агар, дар шаҳрҳо таҷҳизоти техникие, ки ба воситаи онҳо дарсҳои забони русӣ гузаронида мешаванд, муҳайё бошанд, пас чунин воситаҳо дар шароити деҳотҷойҳо камтар ба назар мерасад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳо ноутбукҳо, тахтаҳои электронӣ ва дигар ашёи мувофиқ ба дарс мавҷуд ҳаст, ки ба воситаи онҳо хонандагони синфҳои 9-11 рунамо, ба осони чоп кардан ва гуш намудани матнро аз худ мекунанд. Инчунин, мактабҳои шаҳрҳо дорои интернети баландсуръат мебошанд, ки хонандагон ба ҳар саволи худ ва имконияти ворид гардидан ба китобхонаҳои ҷаҳониро доранд.

Мушкилии дигари мактабҳои деҳотҷойҳо ин нарасидани мутахассисони таҷрибадор ва баландпоя мебошад. Сабабҳои ин омил гуногун ҳам бошанд, баъзеи онҳоро баррасӣ мекунем. Аввалан ин, ки донишҷӯёне, ки дар мактабҳои олӣ аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ таҳсил мекунанд, баъди гирифтани диплом ҷӯёи корҳои сердаромад мешаванд. Яъне, аз сабаби паст будани маош омӯзгорони ҷавон намехоҳанд дар мактабҳо кор кунанд. Дигар ин, ки ояндаи худро мутахассисони ҷавон ба воситаи фаъолияти омӯзгорӣ наметавонанд, бисозанд. Ба маънои дигар фаъолияти педагогӣ пешравиҳоро барои онҳо таъмин карда наметавонад.

Ба ҳар навъе, ки набошад омилҳои дарболозикаргардида даргузар ҳастанд. Ҳукумати кишвар бо сарварии Асосгузори ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа андешида истодаанд. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ояндаи наздик мартабаи омӯзгор баланд гардида, хонандагони синфҳои 9-11 барои сазовор гардидани номи пуршарафи омӯзгорӣ талош меварзанд.

Дар асоси натиҷаҳои корҳои озмоишӣ мо ба чунин **хулосаҳо** омадем:

1. Дарсҳои забони русӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нақши бузург доранд.

2. Корҳои гурӯҳӣ ва инфиродиро ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 роҳандозӣ кардан лозим аст.

3. Осори бадеии нависандагони ҷаҳониро, ки бо забони русӣ тарҷума карда шудаанд ва таъсирҳои бузурги тарбиявӣ доранд, дар фаъолияти педагогӣ омӯзгорон бояд мавриди истифода қарор диҳанд.

4. Дар раванди дарсҳои забони русӣ таҳлили матнҳо, ки ҷанбаи тарбиявӣ доранд, мунтазам истифода карда шаванд.

5. Ҷиҳати мустақилона мутолиа кардани асарҳои нависандагонро дар муҳити хонандагон ташвиқ намудан лозим аст.

6. Дар заминаи таҳлили қаҳрамонҳои асар онҳоро ба ҳаёти имрӯза муқоиса кардан лозим аст.

7. Равандҳои равонии хонандагони синфҳои болӣ ва зеҳнияти онҳо дар ҷараёни дарсҳои забони русӣ ба инобат гирифта шавад.

## Хулосаи боби 3

Забони русӣ яке аз муҳимтарин фанҳо дар қатори дигар фанҳои таълимии мактабӣ ба шумор меравад. Зеро, таълими забони русӣ, ки дар асоси анъанаҳои таълимии мактабӣ ва алоқаи чуқури вазифаҳои коммуникативию эстетикиро дорад, муҳим арзёбӣ мегардад.

Санъати калом, ки дар забони русӣ фаровон истифода мегардад, тамоми боигарии забони русиро ба хонандагони синфҳои 9-11 пешкаш месозад, ки дар ин раванд ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон самаранок бароҳ монда мешавад.

Омӯзиши забони русӣ ҳамчун фанни таълимӣ шароит муҳайё месозад, то хонандагон нутқ ва тарзи навишти вожаҳои баландмазмунро аз худ кунанд. Ва ба ин васила, фарҳанги суханронӣ, барқарор кардани

муоширати солиму созанда ва тафаккури тахайюлии худро ташаккул диҳанд.

Бартарияти забони русӣ нисбати дигар фанҳои таълимии мактабӣ ба омилҳои зерин асос ёфтааст:

Якум, ба обеъкти омӯзиши фанни забони русӣ марбут аст. Агар, муҳтавои таълими аксари фанҳои мактабӣ бо асосҳои илмии таҳқиқшаванда асос ёбад, пас объекти марказии фанни забони русӣ на танҳо натиҷаи азҷиҳати илмӣ мураттабгардидаи маърифатӣ, балки фаъолияти инсоният дар шакли асари бадеӣ ва образҳо мебошад.

Дуюм, ба омӯзиши асари бадеӣ алоқаманд аст. Асарҳои бадеӣ, ки дар раванди омӯзиши фанни забони русӣ фаровон истифода мегарданд, ҳамчун осори нодири фарҳангӣ метавон аз чанд ҷиҳат ба мисли, илмӣ, эстетикӣ, тахайюлӣ ва коммуникативӣ асос дод.

Биёед суханҳои болоро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

- илмӣ. Яъне, бо усулҳои илмии омӯзиши асар ба мисли, таҳлил, таркиб, таҳқиқ, муқоиса, умумият ва ғайра, ки дар он матни бадеӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ баромад мекунад, омӯхта мешавад. Чунин паҳлӯи тартиби корро санъати адабиётшиносӣ таъмин карда метавонад.

Таҳлили илмии адабиёт як ҷанбаи васеъ ва муҳими соҳаи адабиётшиносӣ мебошад. Бо ёрии ин шакл, корбарӣ бо матнҳои асарҳои адабӣ ва амиқ дарк кардани моҳияти умумии асар омӯхта мешавад. Инчунин, дар ин раванд ҷузъиёти асосии сабабҳо, оқибатҳои амали инфиродӣ ва ташаккул додани симои умумии қаҳрамонҳо, ки бо ёрии ин тартиб хонанда бошуурона ба дарки матн сарфаҳм рафта, хусусияту нозукиҳои ҳам жанри алоҳида ва ҳам эҷодиёти муаллифро аз худ мекунад.

Вазифаи асосии адабиётшиносӣ аз он иборат аст, ки хонандагони синфҳои 9-11 як асарро ҳаматарафа таҳлил карда, қисматҳои онро муфассал фаҳмида, мазмун, хусусиятҳои услубӣ, сохт, забон ва дигар

ҷиҳатҳои онро дарк намоянд. Яъне, ба воситаи ин равиш хонандагон ба осонӣ хусусияти тасвир, хислату нақши ҳар як қаҳрамонҳо ва амалҳои онҳоро муайян карда, ҳолату вазъият ва омилҳои ихтилофотангези асарро таҳлил мекунанд;

- эстетикӣ. Омӯзиши матни бадеӣ як раванди душвор ва гуногунҷанба буда, онро бояд дар ҳамбастагӣ бо мафҳумҳои «тарзи эҷоди муаллиф», «мақсади эҷодӣ», «ташкили сохторӣ» ва «зермаъноии матн» баррасӣ кард. Матнҳои адабӣ ба эҳсосоти хонанда таъсир расонида, ҷанбаҳои эстетикии ӯро ба шӯр меорад. Маҳз, нависанда ё шоир ба қаҳрамонҳои асари худ, симо, тарзи гуфтор ва рафторро ба шакли образ ба хонанда пешкаш мекунад. Аз ин рӯ, матни адабӣ объекти махсуси таҳқиқотро мемонад.

Хонанда ҳангоми мутолиаи асар ба дунёи маънавию маърифатии нависанда дохил шуда, ба тариқи эҳсосоту эмотсия талаботи эстетикии худро қонеъ мегардонад.

Вазифаи эстетикии асар ин бедор кардани эҳсосот дар хонанда, водор кардани ҳамдардӣ бо қаҳрамонҳо ва дарк кардани муҳтавои асар мебошад. Ҷанбаҳои эстетикии матни адабӣ асари бадеиро хонданибоб намуда, хонандаро ба худ ҷалб мекунад.

Матнҳои бадеӣ хосияти эстетикӣ доранд, ки бо ёрии воситаҳои баёни сабки муаллиф ва ҷаҳонбинии ӯ инъикос худро меёбанд. То кадом андоза эҳсосоти хонандаро бедор кардани асари бадеӣ аз тарзи навишт, диди муаллиф ба воқеият ва боигарии забони ӯ вобаста аст;

- тахайюлӣ. Тарбияи бадеию эстетикии хонандагони синфҳои 9-11-ро бе ташаккули маҳорати дарки абстрактии воқеият, ки дар асоси таҳайюл сурат мегирад, имконнопазир аст. Аксар вақт тахайюл ва хаёлот аст, ки ба хонандагон имкон медиҳанд, ки роҳи ҳалли ғайриоддӣ ва муассирро бо дидани мушкилот аз як паҳлӯи дигар пайдо кунанд.

Бояд қайд кард, ки дар ташаккули тахайюли хонандагони синфҳои болоӣ чунин фанҳои мактабӣ ба мислӣ санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва адабиёт нақши созгор доранд. Дар ин дарсҳо хонандагон на танҳо усулҳои гуногуни техникиро меомӯзанд ва бо мероси ҷаҳонӣ ошно мешаванд, балки тавассути ин раванд эҷодиёт, маҳорат ва малакаҳои худро дар асоси тахайюл инкишоф медиҳанд.

Олим ва донишманди бузург А. Эйнштейн қобилияти тасаввур карданро дар асоси тахайюл аз дониш болотар медонист. Зеро, бе тасаввуроту тахайюлот кашфиёт кардан ғайриимкон аст;

- коммуникативӣ. Ҳангоми мутолиаи асари бадеӣ равандҳои психикии идроккунанда мавқеи дутарафаро ишғол мекунанд. Хонанда аз як тараф бо қаҳрамонони асар ҳамдилӣ ва ҳамдардӣ мекунад, ҳаёт ва ҷаҳони маънавии ӯро воқеият медонад, аз тарафи дигар мушоҳида мекунад, ки тахайюли муаллиф ин ҷаҳонро чӣ гуна эҷод мекунад. Яъне, хонанда дар як вақт ҳам розӣ ба эҷоди муаллиф мешавад ва ҳам бо қаҳрамонҳои асар изҳори ҳамфикрӣ мекунад.

Бояд зикр кард, ки хонанда тавре эҷоди муаллифро қабул кунад, ки ғараз ҷой надошта бошад. Гузашта аз ин, ҳамдилию ҳамфикрӣ на танҳо ба хонанда, балки ба худи муаллифи асар низ хос аст. Зеро, аз тарзи тахайюли ӯ образҳо ва қаҳрамонҳои асар офарида мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳар як ибора ва сатри матни асари бадеӣ, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба хонанда эҳсосоти мухталифро бедор карда, муоширати ноаёнро муҳайё месозад. Яъне, эҷоди муаллиф ва хонанда дар ҳар як нуқтаи воқеияти бадеӣ вомехӯрад. Ин «мулоқот», ки байни хонанда ва эҷоди муаллиф сурат мегирад, ҳангоми мутолиаи асар ногузир аст. Вале, ҳар як ҷониб фикру андешаҳои худро нисбати тарзи тасвири воқеият дорад. Аз ин бармеояд, ки асарҳои бадеӣ табиати коммуникативӣ дошта, дар ташаккули шахсияти хонанда нақши муассир доранд.

## Хулоса ва пешниҳод

Бояд гуфт, ки пажуҳишҳо дар самти ошкор кардани сатҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ бартарияти худро нишон дода, иқтидори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ифшо намуд ва мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Давраи наврасӣ марҳилаи хеле душвор ва ҳасос ҷиҳати ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мебошад. Дар ин айём зиддиятҳои равонӣ, эмотсионалӣ ва маърифатӣ дар ҳар қадам дар хонандагони синфҳои 9-11 ба мушоҳида мерасад. Хонандагони синфҳои 9-11 дар остонаи бакамолрасӣ ва балоғат қарор доранд ва аз ин рӯ, аз ҳарвақта дида бештар ба дастгирии волидону омӯзгорон ниёз доранд [1-М, [3-М].

2. Яке аз ҷузъҳои асосии раванди тадрис дар баробари таълим додан ин бароҳмонии тарбия мебошад. Раванди ҳаргуна фанни таълимӣ ва ҳадафҳои он ин рушд ва инкишофдиҳии ҳамаҷонибаи шахсии хонандагони синфҳои 9-11 ба шумор меравад.

3. Яке аз фанҳое, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 нақши муассир дорад ин фанни забони русӣ мебошад. Зеро, дар раванди таълими забони русӣ, ки бевосита матнҳои адабӣ ва шеърҳои шоирони рус ва ҷаҳон мавриди таҳлил қарор мегиранд, ҷанбаҳои тарбиявӣ дошта, дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 саҳми беандоза доранд [2-М, [4-М].

4. Ҳангоми мутолиаи матни адабӣ ё шеъри шоирони рус пеши назар ва дар тафаккур ба тариқи образ ашё ва рафтори қаҳрамонҳои асар пайдо мешаванд. Дар лаҳзаи мутолиаи асар майнаи сари одам барои ахборотро таҳлил кардан омода мегардад ва ба ҳамин тариқ тамрини тафаккури таҳлилӣ низ ҳалли худро меёбад.

Хонандагони синфҳои 9-11 тасвирҳои тайёр ва ахбороти ҳазмношударо аз тариқи намоишҳо ва барномаҳои гуногуни телевизионӣ дастрас карда метавонад, вале онҳо ба таври лозимӣ дар майнаи сар

нақш намебанданд. Зеро, ҳама чиз аллакай сохта шудааст. Аз ин рӯ, мутолиаи асар ба ташаккули тамоюлҳои арзишӣ ва сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон мусоидат карда, ҳамоҳангии рафторро ба гуфтор тавъам месозад [1-М, [5-М].

5. Омилҳое, ки ба раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мусоидат мекунанд, инҳо мебошанд:

- таъсирҳои психологӣ-педагогӣ. Аз ҷониби омӯзгорон ташаккул додани ҳисси худшиносии инфиродии хонандагони синфҳои 9-11 ҷиҳати дарки ягонагӣ ва кашфи «Ман»-и худ барои фаъолияти минбаъда;
- нигоҳҳои некбинона ба оянда. Хонандагони синфҳои 9-11 бояд на танҳоояндаи худро ба таври умумӣ тасаввур кунад, балки роҳҳои расидан ба ҳадафҳои зиндагӣ ва дар ин замина ба нақша даровардани фаъолияти минбаъдаро низ тарҳрезӣ намоянд;
- самтгирӣ ба ҳадафҳои гузошташуда. Муваффақият, ки дар асоси ҳадафҳои бошуурона бадаст меояд, омиле мебошад, ки ҳолатҳои равонии хонандагони синфҳои 9-11-ро муътадил сохта, майлу рағбатҳоро ҷиҳати боз ҳам талош варзидан барои зиндагии шоиста таъмин мекунад;
- дарк кардани моҳияти ҳаёт ва пайдоиши мавқеъ дар он. Дар ин раванд вазифаи омӯзгорон аз он иборат аст, ки ба хонандагони синфҳои 9-11 дар бобати фаҳмидани маънои ҳаёт, тарзи рафтору гуфтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, амалигардонии орзую ҳавасҳо ва пайдоиши мавқеи худ дар онро фаҳмонанд;
- муносибатҳои инфиродӣ. Дар раванди дарсҳои забони русӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда муҳим арзёбӣ гардида, бояд дарки талаботи маърифатии ӯ аз ҷониби омӯзгор баэътибор гирифта шавад. Ва дар ин замина муносибатҳои инфиродӣ ҷиҳати тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо ба роҳ монда шаванд;

- инкишоф додани малакаҳои иҷтимоӣ ва масъулият. Дарсҳои забони русӣ барои инкишофи муоширати хонандагон, зеҳн, равандҳои эмотсионалӣ ва дигар малакаҳои иҷтимоии онҳо имконият фароҳам оварда, ҳисси масъулият, таҳаммулпазирӣ, инсонгарой ва маърифатиро муҳайё месозад;

- пайдоиши арзишҳо. Дар дарсҳои забони русӣ хонандагон натанҳо дониш дар бораи фарҳанг, тамаддун ва тарзи зиндагии халқҳои дигар шинос мешаванд, балки ба ташаккули арзишҳо, ки дар асоси муқоисаи сатҳи зиндагии мардумони дунё пайдо мешаванд, мусоидат мекунанд.

6. Дар илми педагогика як қатор методҳои муосири таълимию тарбиявие мавҷуд ҳастанд, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар дарсҳои забони русӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла:

- омӯзиши проблемавӣ. Муаллим ба воситаи матнҳои адабӣ дар раванди дарс вазъиятҳои проблемавиро эҷод мекунад ва ба ин васила фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои 9-11-ро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои таълимӣ, ки дар замина, тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо ҳалли худро меёбанд, роҳандозӣ мекунад. Чунин тартиби фаъолияти педагогӣ имконият фароҳам меорад, ки хонандагон ба моҳияти раванди таълим сарфаҳм ва ворид шаванд;

- истифодаи ахбороти технологӣ. Ахбороти технологӣ шароит фароҳам меоранд, ки раванди таълим самаранок ташкил карда шавад ва иттилооти таълимӣ, ки ҷанбаҳои маърифатии хонандагони синфҳои 9-11-ро афзун мегардонанд, роҳандозӣ карда шаванд;

- роҳандозии бозиҳои дидактикӣ. Бозиҳои дидактикие, ки дар раванди дарсҳои забони русӣ мавриди истифода қарор мегиранд, хонандагонро фаъол гардонида, ҳавасмандии онҳоро ба таълиму тарбия рушд мебахшанд;

- инкишофи тафаккури интиқодӣ. Тафаккури интиқодӣ яке аз малакаҳои калидии асри 21 барои ҳар як шахс ба ҳисоб меравад.

Тафаккури интиқодӣ имконият медиҳад, ки хонандагон иттилоотро дар раванди дарси забони русӣ бо ҳам таҳлил кунанд, хулосаҳои зарурӣ бароранд ва дар асоси таҳлил қарор қабул кунанд. Инчунин, андешаҳои инфиродии хонандагонро ташаккул дода, мавқеи худро дар мавриди таҳлили ягон матни адабӣ дар баробари қаҳрамонҳои асар ҷонибдорӣ намоянд;

- навиштан ва эҷоди эссе (иншои озод). Ин метод имконият медиҳад, ки хонандагон ба таври хаттӣ ақидаҳои худро дар бораи як масъалаи муайяни таълимӣ ё тарбиявӣ бо истифода аз тахайюл ва эҷод рӯйи қоғаз биёранд [3-М, [7-М].

7. Дарсҳои забони русӣ чунин ҷанбаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва равонии хонандагони синфҳои 9-11-ро рушд мебахшанд:

*Ҷанбаҳои маърифатӣ:*

- қобилияти хондан ва дарк кардани матни адабӣ. Барои мутолиа ва дарки матни адабӣ донишҳо дар соҳаҳои таърих, фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ доштан лозим аст. Зеро, бе инкишофи қобилиятҳои болозикр ба умқи маънои матни асари бадеӣ ва ақидаю эҷоди муаллиф сарфаҳм рафтан душвор мебошад. Асосан, мутолиа кардан ба маънои васеаш аз ҳарфи беҷон зинда кардани маънои он ба воситаи ҳиссиёт мебошад. Қариб ҳама хонда метавонад, вале маънои онро на ҳама дарк мекунад;

